ПАРИИ ҲИСОРӢ

# АШЪОРИ МУНТАХАБ

Душанбе
«Адиб»
2008

**Ин китоб бо дастгирии**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**
**ба табъ расидааст.**

*Мураттиб ва муаллифи сарсухан:*
Саидмурод Эшзода

*Муҳарриррон:*
Сайфиддин Акрамзодаи Тӯдаӣ
ва Султонмуроди Одина

*Муҳаррири нашриёт:*
Мубашшир Акбарзод

П – 26 **Парии Ҳисорӣ.** Ашъори мунтахаб. – Душанбе: «Адиб», 2008. – 176 саҳ.

Мунтахаби ашъори Парии Ҳисорӣ бори нахуст дар шакли китоби алоҳида нашр гардида, дар он осори боқимондаи шоир гирд оварда шудааст.

Китоб ба кулли муҳаққиқон, омӯзгорон, донишҷӯён ва шавқмандону мухлисони назми воло пешкаш мешавад.

ISBN 978-9947-57-27-5
9789994757275

# ПАРИИ ҲИСОРӢ
# ВА МЕРОСИ АДАБИИ Ӯ

*Гӯянд Парӣ шоири майдонӣ буд,*
*Байту ғазалаш зи меҳри инсонӣ буд.*
*Мавлуди Парӣ маҷӯ зи маъвои дигар,*
*Алҳақ, ки Парӣ Булоқисайдонӣ буд.*
*Собири Шоҳонӣ*

Мулло Муҳаммадраҷаб, мутахаллис ба Парии Ҳисорӣ аз шоирони бузурги охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX мебошад. Соли таваллуд ва вафоташ номаълум аст. Баъзан сарчашмаҳо то соли 1279 (1863 мелодӣ) зинда будани шоирро тахмин мекунанд.

Парии Ҳисорӣ ҳанӯз дар замони худ дар байни аҳли адаб, таърихнигорону тазкиранависон ва дигар ихлосмандони маҳфили шеъру шоирии доираи адабии Ҳисори Шодмон мақому мартабаи баланде дошт. Қисми зиёди адибон қадру рафоат ва мақому манзалати маънавии ӯро ситуда ва номи ӯро бо эҳтироми фаровон зикр кардаанд. Дар бархе аз таърихномаву тазкираҳо ва асарҳои адабӣ номи Парии Ҳисорӣ чун шоири пурқудрату боистеъдод зикр ва ёд шудааст. Уламову фузалои замона ӯро дар латофати табъ ва балоғати сухан ситудаанд. Бисёре аз шоирону адибон ӯро «Маликушшуаро»-и доираи адабии Ҳисори Шодмон дар адабиёти қарни XIX-и тоҷик хондаанд.

Дар бораи осор ва аҳволи Парӣ маъхазҳои мӯътамад кам ва дар шакли кӯтоҳ маълумот додаанд. Шояд сабаб он бошад, ки ӯ шоири дарбори ҳокимони

Бухорову Самарқанд ва Қӯқанд набуда, аз маркази илму маданияти ҳамонвақтаи Осиёи Миёна дур афтода буд ва таърихнигорон низ бо эҷодиёти вай кам вохӯрдаанд.

Сабаби ин воқеаро Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи худ «Шоирони кӯҳистонӣ» чунин қайд кардааст: «Албатта, эҷодиёти онҳоро аз як ғазал иборат аст, гуфта гумон кардан дуруст нест. Аммо, сабаби асосии номашҳур мондан ва ба тазкираҳо надаромада гум шуда рафтани дигар асарҳои ин шоирон аз муҳити адабӣ ва аз марказҳои илмӣ дур будани онҳо бояд бошад».

Бархе аз тазкираҳо аз хусуси девони ашъор доштани Парӣ, ки ба қавли худи шоир «Ҳар мисрааш мазмуни девон дар бағал дорад», ахбори муҳим дарҷ карда, аз он намунаҳо ҳам овардаанд. Лекин таҳлили маълумотҳои доир ба девони комили Парӣ овардаи тазкираҳо ва маъхазҳои дигари адабиву таърихӣ, ки аксар якдигарро иқтибос кардаанд, нишон медиҳанд, ки ҳеҷ кадоми муаллифони онҳо девони комили Парии Ҳисорӣ ва матни илмӣ-интиқодии шоирро дар ихтиёри худ надошта, ҳар кас аз рӯи қиёси ақида шиносномае навиштаанд. Яқинан, бисёр ғазалҳои девони пурраи Парӣ бо сабаби ба мо номаълум аз байн рафта, то ибтидои асри XX аллакай девони пурраи шоир вуҷуд надоштааст. Ашъори лирикии ӯ ба таври пароканда дар маҷмӯъаву дастнависҳо, дар сафинаву ҷунгҳои қаламӣ ва мадракҳои адабиву таърихии дигар мавҷуд будааст. Боиси таассуф аст, ки аз як шоири бузурги соҳибдевон тақрибан 870 байт то имрӯз ба ёдгор монда, боқимонда ашъори шоир бебозгашт аз миён рафтааст.

Аз тазкирнависони пешин танҳо Қорӣ Раҳматуллоҳ Муҳаммадвозеҳи Бухороӣ (1818 – 1893) дар бораи Парии Ҳисорӣ маълумоти ноқисе медиҳаду халос. Ӯ дар асари «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб» (1871) роҷеъ ба осори шоир чунин ишора мекунад: «Парӣ та-

халлуси Муллорачаби Ҳисорист. Бо вуҷуди омӣ будан дар назм ва аснофи шеър ихтиёри калон дошта, манзури ҳукамову уламои он ҷо буда, ашъораш хубу дилпазир ва ширину беназир уфтода. Ин чанд байт аз ӯст, ки дар ин саҳфа қаламӣ мегардад». (Рақами дастхат 438, 1232, захираи дастхатҳои Тошканд, чопи Тошканд, 1912, с. 55-56).

Возеҳи Бухороӣ дар асараш зимни баҳо додан ба ашъори Парӣ се ғазали ӯро барои мисол меорад, ки матлаи онҳо чунин аст:

1. *Миён аз мӯй, лаб аз барги гул нозуктар афтода,*
   *Туро ҳар узв нозуктар зи узви дигар афтода...*

2. *Се чиз карда муҳайё ба қатлам он бадхӯ:*
   *Нигоҳ – тегу мижа – новаку камон – абрӯ.*

3. *Чун шарар аз бастани чашм ошкорам кардаанд,*
   *Нестам огаҳ, ки аз баҳри чӣ корам кардаанд.*

Ҳокими Ҳисор – Абдулкарим (ваф. 1868), ки мансабу мақомашро гоҳ «хон», гоҳе «девонбегӣ» ва аксаран «додхоҳу парвоначӣ» сифат мекунанд, дилбохтаи шеъру адабиёт ва шахси адибу шоирпарвар буд. Ӯ дар дарбораш маҳфили шеъргӯиро, ки асосан аз тақлиди услуби бедилӣ иборат буд, ба номи «Доираи адабӣ»-и расмӣ созмон медиҳад. Маҳфили адабии Ҳисори Шодмонро шоирони маъруфи аср – Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Зардакии Ҳисорӣ, Муллоисо Мавзуни Бадахшӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Тошхӯҷаи Ирсӣ ташкил медоданд. Оид ба ин мактаб, ки гулбоғи адабиётро шоирону толибилмони мадрасаҳои Кӯҳна, Нав ва Чашмаи Моҳиён зеб дода, аз ҳар гӯшае хӯшае ба хирмани пурбори адабиёти Ҳисори зарнисор зам менамуданд, шоири бухории асрҳои XIX-XX – Мирзо

Абдулазими Сомии Муншии Бӯстонӣ дар манзумаи «Миръот-ул-хаёл» (рақами дастхат 2188, захираи дастхатҳои АУ Ӯзбекистон, саҳ. 155-156) чунин маълумот медиҳад:

*Дар он дам, ки Абдулкарим дар Ҳисор*
*Ҳукумат ҳамекард аз ихтиёр.*
*Дар он вақт аз шоирони надим*
*Ҳамебуд Муллораҷаб мустақим.*
*Тахаллус «Парӣ» шӯҳраи ҳар диёр,*
*Шуда шеъри ӯ шӯҳра андар Бухор.*
*Дигар шоирони бухорӣ, ки шон*
*Ба озодагӣ шӯҳра андар ҷаҳон.*
*Саидҷону Мирзо Мункӣ дигар,*
*Чунин чанде балоғатасар.*
*Ба сӯҳбат шабу рӯз ҳамроҳи ӯ,*
*Ба шеъру ғазал доштанд гуфтугӯ.*

*(саҳ. 155-156)*

Аз ишораҳои боло маълум мегардад, ки Парӣ «Маликушшуаро»-и доираи адабии Ҳисори Шодмон буда, эҷодиёташ мавриди таваҷҷӯҳи хосу ом гардидааст. Инчунин шоирони бухориву бадахшӣ (чунончи Эҳсон, Мавзун) шайдои шеърдӯстию валинеъматии беки Ҳисор – Абдулкаримхон шуда, баҳри хидмати ӯ ба дарбори вай омадаанд. Шоирони маҳфили адабии Ҳисор дар атрофи ҳомию парастори худ Абдулкарим – парвоначӣ гирд омада, бо шарофати васояту саховати ӯ ҳаёти оромона, тани пӯшидаву шиками сер, аҳли оилаашон осуда ва худашон дар паноҳи иқтидори ӯ буда, дар васфи хоҷаашон қасидаҳои сидқан шукрона гуфтаанд. Масалан, шоир Мавзуни Бадахшӣ дар ситоиши шоҳ чунин гуфтааст:

*Ба аҳли ин амири соҳибэҳсон,*
*Ки ҳаст номи хушаш Абдулкаримхон.*
*Дар ин айём некӯ шаҳрёрест,*
*Фариддунҳиммату олитаборест.*
*Зи файзаш мунтазам мулки Ҳисор аст,*
*Зи шамшераш дили аъдо фигор аст.*
*(Маснавии Мавзун, дастхати № 642, с. 5)*

Парӣ низ дар оғози достони «Зафарнома» дар бораи хоҷааш ин мадҳияро менависад:

*Парӣ ҳам дар ин шева дорад саре,*
*Ки орад зи баҳри хирад гавҳаре.*
*Чӣ дафтар? «Зафарнома»-и пур зи фан*
*Ба номи валинеъмати хештан.*
*Нигорад ба имдоди табъи салим*
*Ба парвоначӣ бийи Абдулкарим.*
*Шаҳи покгавҳар, муқаддассифот,*
*Зи бурҷи саодат чу хуршеди зот.*
*Амонатпаноҳ асту вологуҳар,*
*Муҳаммадсаидбий Атолиқ падар.*
*Зиҳӣ давлати хусрави покдин,*
*Падар то падар ёфт тоҷу нигин.*
*(«Зафарнома». Нусхаи аккосишуда, саҳ. 5)*

Зимни омӯзиши сарчашмаҳои қаламӣ маълум мешавад, ки шоир зодаи яке аз деҳоти доманакӯҳи ин водии ҳуснхез буда, муддати 60 сол (солҳои 1804 – 1863) ба дарбори ҳокимони ҳамонвақтаи мулки мустақили Ҳисор – Алабердии Тоз, Саидбийи юз, Сӯфибий девонбегии юз ва Абдулкаримхон кашида шудааст. Аз як ғазали ҳасбиҳолии шоири ҳамасри Парӣ – Фориғи Ҳисорӣ, ки солҳои охири умраш дар оворагӣ ва сарсонӣ гузаштааст, дар ҳошияи девонаш чунин менигорад: «Номҳои қарияҳое, ки воқеъ аст дар миёни

дарёҳои Варзоб ва Чангоб (Хонақоҳ), ки онро бо истилоҳи аҳли Ҳисор доманаи «Бобои Сурхон» меноманд, дар силки таҳрир оварда шуд».

*...Ба чандин дарди дил з-ин сарзамин*
*рахти сафар бастам,*
*Раҳи Лойобаву деҳи Булоқисайидон рафтам.*
*В-аз ин боғи Ирам ҳамчун Парӣ берун шудам охир,*
*Паи Дурманбулоқу Фӯтабофу Заргарон рафтам...*
*(Девони Фориғ, рақами дастхат 892, с. 13 а)*

Дар адабиётшиносии замони мо бори аввал устод Айнӣ дар тазкирааш «Намунаи адабиёти тоҷик» (Маскав, 1926) роҷеъ ба ҳаёти Парӣ ва мероси адабии ӯ сухан ронда, то солҳои 1270 (1854 мелодӣ) дар қайди ҳаёт будани шоирро нишон медиҳад: «Таърихи вафоташ маълум нашуд, аммо аз таърихҳояш, ки барои иморатҳо иншо кардааст, то соли 1270 (1854) дар ҳаёт буданаш маълум мешавад» ва баъд нақлеро меорад: «Гӯянд Парӣ кареҳ-ул-башар (хунукбашара) буд. Фузалои Бухоро, ки аз ҳусни гуфтор ва тарзи ашъораш толиби дидори ӯ шуда буданд, боре ба Бухоро хондандаш. Парӣ дар ҷавоб ин байтро фиристод:

*Парӣ чун равғани поки Бухоро*
*Шунидан дораду дидан надорад.»*
*(«Намуна...», саҳ. 232)*

Устод Айнӣ ин ривоятро ҳангоми муҳассили мадрасаи Кӯкалтош будани худ аз китобе хонда, шарҳи онро дар ҳошияи баёзе, ки ӯ тартиб дода буд, сабт кардааст.

Аз рӯи ин ишораи устод Айнӣ дар бораи Парӣ чунин хулоса метавон баровард, ки ӯ дар ҳақиқат як шоири баландмақом ва нерӯи суханаш дар сатҳи олӣ

қарор доштааст. Ба назар чунин мерасад, ки шояд ин байт як ғазали калони мустақил бошад,зеро дар охири ин ғазал байти тахаллус бамаврид истифода бурда шудааст. Аз сабабе, ки девони комили шоир дастрас нагардид, ин шоҳбайт низ нокомил монд.

С. Айнӣ дар поёни нақлаш чор ғазал ва ду байти Париро ҳамчун намунаи осори ӯ оварда, баъзе мулоҳизаҳои худро баён мекунад. Матлаи як ғазал чунин аст:

*Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,*
*Дар барам ояд бубинам, то биёяд боварам...*
*(«Намуна...», саҳ. 232)*

Мураттиби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (Сталинобод, 1940) Абдусалом Деҳотӣ зимни суханронӣ маълумотеро, ки устод Айнӣ додааст, аз нав иқтибос мекунад ва ҳамон ғазалҳои Париро меорад.

Ахбори устод Айнӣ ва А. Деҳотӣ роҷеъ ба омӯзиши осору аҳволи Парии Ҳисорӣ маълумоти иҷмолӣ дода, ба тадқиқотҳои оянда роҳ кушодаанд. Хизматҳои шоёни марҳум Амирбек Ҳабибзода дар чандин асараш, аз ҷумла «Мероси адабии шоирони Ҳисор» (Душанбе, «Дониш», 1974, с. 75-118), ки асосан ба омӯзиши шоирони Ҳисори Шодмон нигаронида шудаанд, дар баъзе масъалаҳо лаҳзаҳои ҷудогонаи тадқиқотҳои пешинро инкишоф диҳанд ҳам, асоси он такрори маводи тазкираҳо («Тӯҳфат-ул-аҳбоб» ва ғайра) мебошад.

Устод А. Ҳабибзода дар ин китоб тадқиқоти илмие роҷеъ ба Парӣ ба сомон расонида, 60 ғазал, 7 мухаммас, 3 таърих ва 1 достонро гирд овардааст. Соли 1967 дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (№7) ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон – Алиқул Девонақулов ва Муҳаббат Ҷалилова 39 ғазал, 4 мухаммас ва 2 қитъаи Парии

Ҳисориро ба нашр омода сохта буданд. (Он ду қитъа як ғазали мустақил мебошад, ки дар охири ин маҷмӯъа ҷой додаем, – С.Э.) Мураттибони ҷилди 5-уми «Гулшани адаб» (Душанбе, Ирфон, 1980, – Амирбек Ҳабибзода, Лола Сулаймонова, Алӣ Муҳаммадиев ва дигарон) низ дар ин китоб 16 ғазал ва 2 мухаммаси Париро ҷой доданд.

Ҳанӯз Носирҷон Маъсумӣ дар «Адабиёти тоҷик дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX» (Душанбе, 1962) ва Муҳаббат Ҷалилова дар «Омад баҳору шуд чамату лолазор хуш» (Комсомоли Тоҷикистон, 22 марти 1963), маърӯзаи «Парии Ҳисорӣ»-ро дар маҷлисгоҳи АУ Тоҷикистон, 29 декабри соли 1963 ва «Чанд сухан доир ба Парӣ ва ашъори ӯ» «Армуғони олимони ҷавон» (Душанбе, «Дониш», 1966) таваққуф намуда буданд. Расул Ҳодизода дар асараш «Маъхазҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» (Душанбе, Дониш, 1977) низ аз Парӣ ёд мекунад.

Дар ду шумораи маҷаллаи «Мирман» («Зан») рақами 2 ва 4, Кобул, 1964, саҳ. 15, 19-и Афғонистон, яке аз олимон Париро шоираи афғонӣ (бадахшӣ) ба қалам дода менависад: «Парии Бадахшӣ – ин шоираи афғонӣ аз суханварон ва гӯяндагони забардастест, ки ашъори дилчаспи бисёр дорад» (саҳ. 19).

Олими дигари Афғонистон – Абӯмансур низ дар як шумораи ҳамин маҷалла навиштааст: «Дар яке аз шумораҳои охири «Мирман» таҳти унвони фавқ шоире бо номи шоира муаррифӣ шуда буд. Баъзе шуарои хуштабъ аз хуштабъии ин шоир хабар доранд, Муллораҷаби Бадахшӣ як шоири кареҳулманзар буд. Шоир дар шеър худро Парӣ мегуфт, то дар базми парирӯён роҳ ёбад».

Муаллиф баъд ин шеъри худро меорад:

*Дар Бадахшон шоири ҷодухаёл*
*Сар кашид аз Қофи маънӣ чун Парӣ.*
*Шеъри нағзу тозае аз хома рехт,*
*Лафзу ҳарфу нуқта кардаш чокарӣ,*
*Лек дилдораш аҷаб як ғунчалаб,*
*Аз киноя гуфтӣ хешро Парӣ.*
*Номи аслаш гӯямат Мулло Раҷаб,*
*Бо парирӯён нишаста чун парӣ.*
*Аз забон шаккарфишонӣ менамуд,*
*Дар баён ширинзабонӣ, кавсарӣ...*
*(Маҷаллаи «Мирман», рақами 4, 1964, с. 15)*

Боз дар поварақ овардааст: «Мегӯянд Парирӯ духтаре буд дар алоқадори Роғи Бадахшон, ки шоир ӯро дӯст медошт. Шаккарлаб – қаряест дар Бадахшон». (Ҳамон ҷо, с. 15)

Қаблан мо дар мақолаи «Доираи адибон ва ҳунармандони Ҳисор» (рӯзномаи «Паёми Душанбе» 13 – 15 январи 1993 ва мақолаи «Парии Ҳисорӣ» дар китоби «Дурдонаи Алмосӣ» (2001) ва чандин гузоришу сӯҳбат дар радиову телевизион роҷеъ ба Парӣ маълумот дода будем.

Дар бораи Парӣ ғайр аз ин маълумот дигар мо чизе дар даст надорем. То ҳол маълум нест, ки шоир дар кадом сол таваллуд ёфта, кай ва дар куҷо фавтидааст. Аз рӯи маълумотҳое, ки алҳол дар дасти мост, ӯ тахминан дар байни солҳои 70-80-уми асри XVIII таваллуд шуда, то соли 1863 дар қайди ҳаёт будааст. Шеърҳои хубе дар тӯли ҳаёташ офаридааст. Модоме, ки Парӣ аз соли 1804 ба дарбори ҳокимони Ҳисор ва махсусан Абдулкаримхон робита пайдо карда бошад, ҳеҷ не он айём шоири баркамол ва ақаллан 20-25 сола бояд бошад. Мулло Раҷаб будани исми ӯ низ гувоҳ бар он аст, ки Парӣ ва гузаштагони ӯ шахсони босаводу бофарҳанг будаанд. Худи ӯ мегӯяд:

*Наям аз бесаводӣ шармсори нуктафаҳмиҳо,*
*Парӣ, ҳар нуктаам, мазмуни девон дар бағал дорад.*

*(Баёзи рақами 3295/5, вароқи 311 а)*

Ахбори сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки вай шахси сиёҳ ва хунукбашара буда, лек ашъори латиф доштаast. «Парӣ» тахаллус гирифтани ӯ дар шеър низ рамзе дорад аз бадафтии шоир, «то ки ба базми хубрӯён роҳ ёбад». Ба ин маънӣ шоир дар як ғазалаш мегӯяд:

*Хуни ман аз нофаам сангинбаҳо хоҳад шудан,*
*Хубрӯён дар хами гесӯ шикорам кардаанд.*
*Дурам аз ҳусни ҳақиқат, з-ин маҷозолудагӣ,*
*Ҳамчу анқо бемусаммо, номдорам кардаанд.*

*(Баёзи рақами 3295/5, вароқи 310 б)*

Мероси адабие, ки аз Парӣ боқӣ мондааст, аз шаклҳои маъмули лирикӣ – ғазал, мухаммас, таърих ва як достон иборат аст. Баёзе, ки шартан дар «Феҳраст...» – «Девони Парӣ» ном дорад, дар шӯъбаи дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон таҳти рақами 3295/5 маҳфуз мебошад, ки онро соли 1964 кормандони Пажӯҳишгоҳи мазкур – Носир Алӣ, Амирбек Ҳабибзода, Асғари Ҷонфидо ва Лола Сулаймонӣ гирдоварӣ намудаанд. Ҳаҷми ин баёз 20 х 30 см буда, ранги кабуд, муқоваи картонӣ ва варақҳои фабрикӣ дорад. Мероси адабии шоир дар ин китоб, дар ҳаҷми 18 саҳифа (аз вароқи 307б то вароқи 324а) ҷой дода шудааст, ки аз 44 ғазал, 1 байт ва 6 мухаммас, дар ҳаҷми 432 байт иборат аст. Бобе, ки дар он «Девони Парӣ» навишта шудааст, бо ин байт оғоз мешавад:

*Магар лаълаш башорат медиҳад аз асли матлабҳо,*
*Ба гӯши мо садои бӯса меояд аз он лабҳо*
*(Баёзи мазкур, саҳ. 307 б)*

Достони «Зафарнома»-и Парӣ аз «Девони ашъор»-аш берун мондааст. Ин манзума соли 1959 бо ташаббуси академики АУ Тоҷикистон Аҳрор Мухторов аз ганҷинаи дастхатҳои шарқии АУ Гурҷистон (шаҳри Тифлис) пайдо ва нусхабардорӣ карда шудааст, ки аз 100 байт иборат мебошад.

Мо дар ин маҷмӯа 75 ғазал (515 байт), 8 мухаммас (240 байт), 3 таърих (15 байт) ва 1 достони (100 байт) Парии Ҳисориро ҳамагӣ дар ҳаҷми 863 байт гирд овардем.

Ҳангоми ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии осори шоир дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон чандин маъхаз ба чашм расид. Ҳатто баъзе аз ин баёзҳои қаламӣ дар давраи зинда будани Парӣ (яъне пеш аз соли 1863 – С.Э.) китобат шудаанд.

1. Баёзи № 2394/1, дар ҷои 15, варақи 68 б. Котиб Муҳаммадсиддиқ, соли китобат 1265 (1848 – 49), ҷои китобат шаҳри Самарқанд.
2. Баёзи №1469/1, дар ҷои 37, варақи 46 а, котиб Ашӯрмуҳаммад, соли китобат 1274 (1857 – 58), ҷои китобат Ҳисор.
3. Баёзи 2497, дар ҷои 77, варақи 82 б, 85 б, котиб Муҳаммадшоҳӣ, соли 1282 (1865 – 66), ҷои китобат Ҳисор.
4. Баёзи № 10/111, дар ҷои 80, варақи 266 б. Котиб Мирмуҳаммади Боқӣ, соли 1303 (1885 – 86) дар Ҳисор китобат шудааст.
5. Баёзи № 1225, дар ҷои 39, варақи 190 а – 192 а, котиб Мулло Сулаймонхоҷа, замони китобат 25 сафари 1311 (29 августи соли 1893), ҷои китобат шаҳри Деҳнав.

6. Баёзи № 1859/9, дар ҷои 38, варақи 109 а – 115 а, дар моҳи шаъбони 1318 (1900), котиб Муллояҳё валади Муллогадои Муродқул – оқсақоли Ҳисорӣ, ҷои китобат Ҳисор.

7. Баёзи № 1581, дар ҷои 53, варақи 122 а, дар охири асри XIX китобат шудааст, ҷои китобат шаҳри Бухоро.

8. Баёзи № 1008, дар ҷои 4, варақи 35 а, 46 б, 63 а, вақти китобат охири асри XIX, ҷои китобат Қаратоғ.

9. Баёзи № 2595, дар ҷои 16, варақи 13 а, замони китобат охири асри XIX, ҷои китобат Ҳисор.

10. Баёзи № 593, дар ҷои 51, варақҳои 132 а, 147 а, 255 а, охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар шаҳри Қӯқанд китобат шудааст.

11. Баёзи № 1321, дар ҷои 27, варақи 32 б, охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар шаҳри Марғелон китобат шудааст.

12. Баёзи № 786, дар ҷои 30, варақи 120 а, охири асри XIX, ҷои китобат Ҳисор.

13. Баёзи № 1256, дар ҷои 17, варақи 86 а, 91 б, соли китобат 1903, ҷои китобат Ҳисор.

14. Баёзи № 593, дар ҷои 207, варақи 208 а, охири асри XIX, ҷои китобат Қаратоғ.

Аз китобхонаи давлатии миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ғазалҳои Парӣ дар чунин баёзҳо мавҷуданд:

1. Баёзи № 1232, варақи 352 а.
2. Баёзи № 1007, варақи 352 б, 353 а.
3. Баёзи № 1261, варақи 144 а, 149 б.
4. Баёзи № 1790, варақи 98 а, 100 а.

Рӯзи 28.02.2003 дар рӯзномаи «Чархи гардун» мақолаи Комрон (Ортиқи Қодир) бо унвони «Девони Парӣ ёфт шуд» ба чоп расид, ки ин баёзро мо аз Бойсун пайдо карда будем. Аз ин дастхат 6 ғазали навпайдои шоирро ҷудо намуда дар ин маҷмӯъа дохил кардем.

Баёзҳои рақами 2331 ва 6978-и АУ Ӯзбекистон низ сарчашмаи асосии мероси адабии шоир мебошанд. Баёзи аввалро (рақамаш 2331) шоир Порсохоҷа тартиб додааст. Мураттиб дар ин баёз аз Парӣ 40 ғазал, 8 мухаммас (аз вараќи 247 б то 264 а) дарҷ кардааст. Ғайр аз ин дар вараќи 299 а, 302 а маълумоти Возеҳи Бухороиро айнан меорад. Аз рӯи тахмини Амирбек Ҳабибзода дар ин баёз ашъори Парӣ зиёд будааст, вале, мутаасифона, бисёр варақҳои он афтодааст.

Баёзи дувум (рақамаш 6978) низ аз маъхазҳои асосӣ буда, 28 ғазал, 3 мухаммас ва 3 қитъаи шоирро дар бар мегирад. Дар сарлавҳаҳо гоҳе «Парӣ» ва гоҳи дигар «Муҳаммадпарӣ» дарҷ шудааст.

Дар баёзи Захираи дастхатҳои АУ Гурҷистон (рақами 529) дар поёни достони «Зафарнома» Муллоҳасани котиб чунин навиштааст: «Махфӣ намонад, ки дар замони Абдулкаримхони мақтул Мулло Муҳаммад-раҷаб мутахаллис ба «Парӣ» шоире буд фосеҳу болиғ, чунончӣ дар тахаллуси он ғазал гуфтааст:

*Ишва нопайдост, то дар шиша ҷо дорад, Парӣ,*
*Аз расоиҳо чӣ гӯям, дар ҳисорам кардаанд».*

*(саҳ. 53)*

Осори Парӣ дар Захираи дастхатҳои шарқии АУ Ӯзбекистон, АУ Туркманистон, шӯъбаи Санкт-Петербургии Пажӯҳишгоҳи Ховаршиносии АУ Руссия, АУ Гурҷистон, китобхонаи оммавии ба номи Салтиков – Шедрини С-Петербург, китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ, китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд (61 ғазал – 447 байт, 8 мухаммас – 120 байт, 3 таърих – 15 байт ва 1 маснавӣ – 100 байт) ҳамагӣ 683 байт ба чашм мерасад.

Ҳофизи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусайн Насриддинов дар яке аз сӯҳбатҳояш, ки 22 марти соли

2001 дар хонаи Собири Шоҳонӣ (шаҳри Душанбе) бо ман сурат гирифта буд, дар бораи баёзе ҳарф заданд, ки ҳоло дар китобхонаи шахсии эшон маҳфуз мебошад. Зимни сӯҳбати устод маълум гардид, ки дар он аз осори зиёди шоирони Ҳисор, мисли Ғамгин, Мафтун ва Парӣ намунаҳои беҳтарини ғазалиёташон оварда шудааст. Ман ба хулосае омадам, ки шояд он баёз такрори дигар маъхазҳо бошад ва истифодаи онро низ аз ҳудуди кори хеш берун гузоштам.

Аз бозёфтҳо ва мисолҳои дигар зикргардида маълум мешавад, ки шӯҳрати ҷаҳонии мероси адабии Парии Ҳисорӣ аз доираву муҳити адабии Ҳисори Шодмон хориҷ гардида, то ба Қафқозу Руссия ва Аврупо рафта расидааст. Масалан, соли 1997 камина ҳангоми кор ва таҳсил дар шӯъбаи аспирантураи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон бо дорандаи унвони фахрии «Диплом – Муаррих»-и Донишгоҳи Бамберги Бовариё – Екарт Шивак (аз Олмон) ва бо тарҷумони мусташриқ ҷаноби Пол Бекман (аз Лондон), ки феълан дар шӯъбаи аспирантураи мазкур бо мо тадрис мекарданд, шиносоӣ ва ҳамкорӣ пайдо кардам. Онҳо барои ман маъхази илм буданд, ки дари асрори ба мо – шарқиён номаълумро мекушоданд. Бо нишондоди донишмандони мазкур мероси зиёди шоирони доираҳои Бухорои Шарқӣ, хусусан Парӣ ва ҳамсафони ӯ дар захираи дастхатҳои шарқии шаҳрҳои Ҳамбург, Мюнхен, Кембриҷ ва Лондон маҳфузанд.

Аз мутолиаи ашъори Парӣ маълум мегардад, ки ғазалҳои ӯ бештар дар мавзӯи ишқ суруда шудаанд. Танҳо дар як ғазалаш мавзӯи шикоят дида мешавад, аммо маълум нест, ки ӯ аз чӣ норозӣ будааст. Инчунин равшан мегардад, ки шоир ба синни пирӣ расида, шояд умри бобаракате ҳам дида бошад.

Ғазал:

*Шудам пиру ҷавонӣ ёфт ҳирси зарпарасти ман,*
*Зи савдоям ақоиқ мӯмиё дорад шикасти ман.*
*Надорам хандаи бегиря чун мино дар ин маҳфил,*
*Ба кулфат тавъам ояд шодии рӯзи аласти ман.*
*Зи махмурӣ шудам маҳрум аз ин соғар кашиданҳо,*
*Ба ҷоми бода дорад пушти даст аз рашъи дасти ман.*
*Парӣ нанги таъоло мекашӣ, дар кеши озорӣ,*
*Асире боқӣ аст, бе дирҳаме, бо хун ба дасти ман.*
*(Баёзи рақами 1859, саҳ. 112 б – 113 а)*

Аз ин ғазал маълум мешавад, ки шоир як навъ ҳаёти мӯътадил ба сар бурда бошад ҳам, аз нохушиҳои зиндагӣ ва ташвишҳои он халосӣ надоштааст. Кулфату шодӣ бо ӯ ҳамеша ҳамроҳӣ доштааст.

Ҳусни таҷнис, ламаъи лутф, қофияҳои нодир, нозукати баён аз ҷумлаи падидаҳои ҳунарвариву шоирии ӯ мебошад. Аз ин рӯ муосирон ва адибони минбаъда осор ва эҳсоси нозуки табъи баландашро ба назар гирифта, вайро «Маликушшуаро» зодгоҳаш чун «Боғи Ирам» (Фориғ), «Шоири надим» (Сомӣ), «Шоири ҷодухаёл» (Абӯмансур), «Шоири майдонӣ» (Собири Шоҳонӣ) ва ниҳоят «Кареҳулбашар» (Айнӣ) номидаанд, ки ин ҳама сифатҳо хоси Парии Ҳисорӣ мебошанд.

Парии Ҳисорӣ шоире ҳунарманд ва солике устувору собитқадам аст, ки дар ҳеч замона дар баробари бузургоне, ки иҳотааш карда буданд, қадаме вопас нанаҳод. Ӯ дар шеъру шоирӣ ҳеҷ касро ҷуз Мирзо Бедил дар пояи назми худ намедонист, аз осори ин устоди сухан ба хубӣ ёд мекард, аз суханони он истиқбол менамуд ва ғазалҳо месуруд.

...Тавре ки зикр кардем, шоирони асрҳои XVIII ва ибтидои асри XIX бо услуби бедилӣ шеър эҷод мекарданд, ки мактаби адабии Ҳисори Шодмон низ аз ин ҷумла буд. Парӣ ба ғазалҳои Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1721) мухаммас низ бастааст. Дар байни

ашъори Парӣ ғазале ба васфи баҳор аст, ки бо суханҳои хубу зебо гуфта шудааст, лекин дар бадеият ба ғазали Бедил баробар нест:

*Ҳар нафас дар чашми ман ҳусни дигар дорад баҳор,*
*Аз гули рӯят магар бӯе асар дорад баҳор.*
*Ҷилваи ранги гулистоне, ки дар оина дошт,*
*Як ҷаҳон ҳайронӣ бар аҳли назар дорад баҳор.*

*(Ҳамон баёз, саҳ. 144 а-б)*

Устод Айнӣ дар бораи шеърҳои хубу ширин ва содаву рангини Парӣ сухан ронда, баъзе ҷурму нуқсонҳои ӯро низ қайд карда ва аз ашъори ӯ ин байтро мисол меорад:

*В-ар ишқ наёмӯхтаӣ, аз Парӣ омӯз,*
*Девонагиву ҷайби шикебоӣ даридан.*

*(«Намуна...», саҳ. 231)*

Дар ин байт дар мисраи якум бояд ба ҷои «наёмӯхта» – «навомӯхта» бошад, дар мисраи дуюм «и»-и калимаи «шикебоӣ» аз тақтеъ зиёд аст. Ин гуна хатоҳо ва аз ҷиҳати вазн мувофиқат накардани мисраъҳо дида мешавад, ки фикри Айниро пурра тасдиқ мекунад.

Ғазали «Гули сурх»-и Парӣ чунин оғоз меёбад:

*Дар чаман дорад агар файзи гулистон гули сурх,*
*Мижа аз хуни дилам рехт ба домон гули сурх...*
*(Баёзи рақами 3295/5, саҳ. 317 б)*

Аз рӯи маълумоти Мирзо Сомӣ ғазали бо радифи «Гули сурх»-ро дар асри XIX аввал Парӣ гуфта, сипас шоирон – Мирзо Ҳасрат, Бобо Ирсӣ, Дабир, Ҳотифӣ,

Айнӣ (1895) ва дигарон ба ин ғазал назира гуфтаанд. Ё ин ки шоирон Ҳасрат, Ҳотифӣ, Дабир, Хиҷлат, Нусрат, Адо, Вазир, Гулханӣ, Амир Умархон, Озод ва Асирӣ бар ғазали бо радифи «Эй тӯтӣ», ки аз ашъори Парӣ аст, назираҳо бастаанд. Мирзо Сомӣ нақл мекунад, ки ӯ бо супориши мири Ҳисор Яъқубӣ Кибор ба ду ғазали Парӣ мухаммас баста, аз шоҳ инъом низ гирифтааст. Дар ин бора Сомӣ мегӯяд:

*...Чу дид ин мухаммас, писандид мир,*
*Зи инъому сила шуда ногузир.*
*Зарам дод, ҳам хилъати хоста,*
*Ҳама ҳоҷатам гашт пироста...*
*(саҳ. 183 а)*

Мирзо Сомии Муншӣ ҳангоми дар Ҳисор буданаш аз асп афтода беҳуш мешавад. Чун ба худ меояд, сарашро дар домани Парии Ҳисорӣ дида, ғазали «Гарчи зад дев лагад, тарбиятам кард Парӣ»-ро мегӯяд. Ин далели равшани алоқаи наздик доштани ин шоирон мебошад. («Миръот-ул-хаёл», захираи дастхатҳои АУ Ӯзбекистон, нусхаи №2188, вараҳи 162, 166, 167).

Ғазали:

*Ҷилваороии ҳусн аз туву дидан аз ман,*
*Лаби лаъли шакарин аз ту, макидан аз ман.*

дар вазни ғазали Нозими Ҳиротӣ суруда шудааст, ки матлааш ин аст:

*Як назар аз туву бар хок тапидан аз ман,*
*Як сухан аз ту, ба сад гӯш шунидан аз ман.*

Иқболи Лоҳурӣ низ дар тазмини ин ғазал шеър гуфтааст, ки илҳоми ин шоирон аз шеъри «Тақсими мерос»-и Мушфиқист.

Ровии самарқандӣ Мирзо Умарбоқӣ (1877 – 1957), ки табъи шоирӣ ҳам доштааст, бар як ғазали Парӣ назира гуфтааст, ки матлааш чунин аст:

*Булҳавас дар ишқбозӣ иштиҳорам кардаанд,*
*Дар миёни гулрухон ноэътиборам кардаанд.*
*(Шӯъбаи дастхатҳои шифоҳии тоҷик,*
*ҷилди II, н.2, саҳ. 315)*

Мухаммаси Ҳайрати Бухороӣ бар ғазали Парӣ дар адабиёт аз беҳтаринҳост. (Ашъори мунтахаб, Душанбе, 1964, саҳ. 183-184).

Достони «Зафарнома»-и Парии Ҳисорӣ бо забони бисёр содаву равон ва дар баҳри мутақориб навишта шудааст. Он аз ҷиҳати мазмун ва хусусиятҳои услубии худ достони қаҳрамонӣ буда, дар он нақли ҳодисаҳо, мубoризаҳо ва қаҳрамониҳо барои зафар ёфтани Абдулкаримхон дар ҷанг барои ба Бухоро тобеъ кунонидани Дарвозу Қаротегин ва Қирғизулдӣ тасвир ёфтааст. Ин маснавӣ солҳои 1859-1860 таълиф шудааст, ки аввали он бо чунин байтҳо оғоз мешавад:

*Биё, эй дабири ҳикояттироз,*
*Ҷаҳони куҳанро сухан тоза соз.*
*Ба имдоди гавҳарфишон хомае,*
*Рақам деҳ яке дилпазир номае.*
*Ки бошад писанде ба гӯяндагон,*
*«Зафарнома» хонанд хонандагон.*
*(Нусхаи аксӣ, саҳ. 44)*

Мундариҷаи ғоявии достон ҷанги байни ду шоҳ – беки Ҳисор Абдулкаримхон ва ҳокими Дарвоз – Шоҳисмоилро дар бар мегирад. Золимиву хунхорӣ ва ҷабру ситами Шоҳисмоил, ки ҳама Дарвозу Ғарм ва Қаротегинро фаро гирифта буд, шунида Абдулкарим-

хон халқро ҷамъ оварда дар мубориза бар муқобили ӯ мебарояд:

*Ба фармудаи подшоҳи замон*
*Шуд омода лашкар зи пиру ҷавон.*
*Ҳама ҷамъ гаштанд хурду бузург,*
*Зи Хатлону Деҳнав, зи тоҷику турк.*
*(Нусхаи аксӣ, саҳ. 47)*

Дар ин мубориза Муҳаммадҳакимбий – амаки Абдулкарим, сипоҳдорон – Қосимбий, Олимбий, 4 камонкаш ва дигарон ҳамроҳ гардида, душманро иҳота мекунанд. Аз хавфи шӯришгарон Шоҳисмоил то ба Тавилдара фирор мекунад ва ба амири Ҳисор таслим мешавад.

*Зад ин фол бар ҷону тарсаш фитод,*
*Дари узрхоҳӣ ба рӯяш кушод,*
*Ки «Бад кардам, эй шоҳи гетисон,*
*Амон деҳ ба ҷонам, амон деҳ, амон».*
*(Нусхаи аксӣ, саҳ. 52)*

Ховаршинос Ғ. Ғоибов зимни тадқиқоти хеш роҷеъ ба мероси адабӣ ва соли вафоти шоир бо далелҳои раднопазир ба чанд суол равшанӣ андохта, ақоиди таҳқиқгарони пешинаро инкор намудааст.

Дуруст аст, ки устод А. Ҳабибзода ва дигар муҳаққиқон низ ҳангоми ҳисоби абҷад дар бораи «сари ёғӣ» (бе «ё») ва калимаи «Зафарнома» ба хато роҳ додаанд. Ба ҳамон таърихи ёфтаашон, ки гӯё Парӣ то соли 1854 дар қайди ҳаёт будааст, қаноат кардаанд. Ҳол он ки «Зафарнома» аз рӯи ҳисоби абҷад соли 1276/1859-60-ро ташкил медиҳад, ки то он вақт шоир зинда будааст. Парии Ҳисорӣ аз рӯи ҳисоби дигар то соли 1863 дар қайди ҳаёт будааст, зеро таърихе, ки шоир «Имороти рафеъи сангбунёд» ба қалам додааст,

ба соли 1862-63 мелодӣ рост меояд, ки устод А. Ҳабибзода дар ҳисоби он ба хато роҳ додаанд.

Аз ин таъриххо хулоса баровардан мумкин аст, ки ғалабаи Абдулкарим бар душманаш Шоҳисмоил дар соли 1271 (1854-55) ба вуқӯъ омада, достони «Зафарнома»-и Парӣ баъди 4 сол (1276/1859-60) навишта шуда ва худи шоир то солҳои 1279/1862-63 (шояд дертар ҳам бошад – С.Э.) дар қайди ҳаёт будааст.

Аммо мо аз рӯи ин моддаи таърих чунин тахмин мекунем, ки соли 1864-65 ҳам шояд соли вафоти Парӣ набошад. Тавре ки аз сарчашмаҳо ва далелҳои таърихӣ пайдост, соли 1868 шоҳи Ҳисор – Абдулкаримбий-парвоначиро бо хиёнати ҳокими Кӯлоб – Сарабек бо тамоми аҳли байт ва наздиконаш амирони манғитияи Бухорои Шариф дар шаҳри Дарбанд аз дами теғ гузаронида буданд. Парии Ҳисорӣ, ки сарвари шоирони маҳфили адабии Ҳисор ва яке аз наздикону ҳамсафони бек буд, шояд дар мавҷи ин гирдоби сиёсӣ аз байн рафта бошад ва девони ашъораш ба нестӣ расидааст?! Чунки пас аз кушта шудани Абдулкарим маҳфили адабии Ҳисор низ таназзул ёфт ва шоирон низ ба ҳар ҷониб пароканда шуданд.

Дар эҷодиёти Парӣ номи як қатор шахсиятҳои таърихӣ (Сулаймон, Рустам, Беҳзод), ҷойҳои афсонавӣ (Боғи Ирам, Кӯҳи Қоф), ишқномаҳо («Вомиқу Узро», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Фарҳоду Ширин») бисёр вомехӯранд. Дар бораи забон ва услуби суханварии Парӣ, моддаҳои таърих, вазну қофия, сохти шеър, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии эҷодиёти ӯ, робитаи шоир бо дигар адибони гузашта, навҷӯиву навоварии шоир, арзиши илмӣ-бадеии осори ӯ ва муайян намудани мавқеъи адабии Парии Ҳисорӣ дар адабиётшиносии тоҷикӣ дар таҳқиқоти оянда маълумот хоҳем дод.

Мероси адабии Парӣ то ба замони мо ба таври лозим омада нарасидааст. Модом ки ӯ чунин шоири бар-

камол ва латифтабъ буда, ҳатто дар Бухорову Самарқанд мухлисону ҳаводорони худро дошта бошад, аниқ аст, ки шахси соҳибдевоне будааст. Як сайёҳи рус Н.Маев, ки соли 1873 ба Ҳисор омада буд, дар хотироташ менависад, ки ӯ девони шоирро дидааст.

Чанд баёзи ҷудогонае, ки аз осори Парӣ намунаҳо овардаанд ва аз рӯи онҳо соли 1964 шартан «Девон»-и шоир тартиб дода шудааст, албатта, ин хотимаи кор нест. Шояд «Девон»-и комили шоир мавҷуд бошад, ки он дастраси мо набуда, дур аз назарҳо ва дар гӯшаи хомӯшӣ афтода бошад ва ё бебозгашт аз миён рафтааст.

Имрӯз ду ғазали шоир ба «Шашмақом»-и миллӣ дохил гардидааст. Ғазалҳои ҷудогонаи Париро инчунин ҳофизон ба оҳанг даровардаанд, аммо то кунун кори ҷиддии илмие роҷеъ ба Парӣ ва мероси адабии ӯ ба сомон нарасидааст. Дар ин ҷода мо ба ворисони Парии Ҳисорӣ умед мебандем.

Азбаски дар нусхаҳои ашъори шоир баъзе афтодагиҳо ва сактаи вазн мавҷуд буд, иҷозаи ислоҳашро ки надоштем, дар ҳамон шакл гузоштем. Шояд дар оянда нусхаи саҳеҳтаре ба даст ояд ва мо битавонем аз он судманд истифода намоем. Ба ин умед байту мисраъҳои мавриди назарро ба гунае ки ҳастанд, то дарёфтани нусхаи саҳеҳтари онҳо ба оянда вогузоштем.

*Саидмурод ЭШЗОДА,*
*номзади илми филологӣ.*

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Ҳар гаҳ ки бо ту сар диҳам аз сина оҳро,
Месӯзад ин шарор дили меҳру моҳро.

Аз гиря дуди шамъ нашуд кам ба шустушӯй,
Натвон сафед кард гилеми сиёҳро.

Зебост вақти пирӣ ашки надоматат,
Аз каф надеҳ ту шабнами ин субҳгоҳро.

Аз шамъ равшан аст маро ҳоли аҳли ҷоҳ,
Ҷуз гиря нест мардуми соҳибкулоҳро.

Хунам, Парӣ ба ханҷари ноошноӣ рехт,
Ҳаргиз надида, кушт мани бегуноҳро.

* * *

Нашуд, ки бӯса занам нақши он кафи поро,
Ба хок мебарам охир ман ин таманноро.

Гирифтаам сари роҳе, ки гӯямаш ғами дил,
Гирифт ҷазбаи шавқаш забони гӯёро.

Ту, эй кабӯтари боғи Ирам, чӣ медонӣ
Тапидани дили мурғони риштадарпоро?

Бидеҳ нишона аз он хилвати дили Маҷнун,
Касе, ки аз ту бипурсад суроғи Лайлоро.

Агар ба чашми сияҳфоми хеш сурма кашӣ,
Ба доми хеш кашӣ оҳувони саҳроро.

Касе маломати мо мекунад ба нодонӣ,
Азизи ман, ки надидаст рӯи Узроро.

Агар турунҷ бигирию себ бишносӣ,
Хуш аст аз он ки маломат кунӣ Зулайхоро.

Ҳазор бор, Парӣ, меравию мешунавӣ,
Зи хоки турбати Вомиқ садои Узроро.

* * *

Чеҳра бинмо, ки рухат вақфи нигоҳ аст маро,
Мардуми дида бар ин маънӣ гувоҳ аст маро.

Зи хиромат нафаси сӯхтаам гашт баланд,
Сарви мавзуни ту сармояи оҳ аст маро.

Ба риёзе, ки ту бепарда намоӣ ораз,
Ба гули лола назарбозӣ гуноҳ аст маро.

Аз хату холу сари зулфи ту шуд кисвати ишқ,
Турфа ошуфтагиву рӯзи сиёҳ аст маро.

Дорад аз салтанати ҳусн шукӯҳе, ки мапурс,
Дилбари нозкашам синасипоҳ аст маро.

Маҳрами як нигаҳ аз чашми сиёҳи ту наям,
Кай ба он хилвати асрори ту роҳ аст маро?

Васл дар гӯшаи зиндони фироқ аст, Парӣ,
Юсуфи чоҳ шудан мояи оҳ аст маро.

* * *

Зи нокомӣ гулам бар гӯшаи дастор мегиряд,
Зи ҳасрат соғари ишрат ба дастам зор мегиряд.

На сел аст, ин ки мерезад ба саҳни хона аз бомам,
Ки бар ҳоли хароби ман дару девор мегиряд.

Зи наргис шарм кун, эй абри тар, ҳар дам чӣ меборӣ,
Бувад душман касе, к-ӯ бар сари бемор мегиряд.

Ба болин ёри ман дар хоби марг аз ғафлати бахташ,
Ба хоби ман ҳазорон дидаи бедор мегиряд.

Лаби талхикушам бар чашми гирён рашкҳо дорад,
Ки мепурсад, Парӣ, аз лаззати дидор мегиряд.

* * *

Намудӣ ҷилва, аз дилҳо рабудӣ порсоиро,
Чаро бепарда кардӣ ишваи тоқатрабоиро?

Зи ман имшаб ду олам хунбаҳои хеш мехоҳад,
Чунон бар гарданам андохтӣ дасти ҳиноиро.

Кай аз чашми ғизолон шӯхии чашми ту меояд,
Набошад шеваи туркони шаҳрӣ рустоиро.

Ҷаҳоне шуд шаҳиди ҳайрату дар хун тапидан шаб,
Буто, дар гарданам андохтӣ дасти ҳиноиро.

Нафас дорад агар таъсир, аз дарди диле дорад,
Асарҳои фиғону нола аз най нест ноиро.

Касе чун ашки шабнам роҳи ҷавлонам намегирад,
Асои нотавонӣ кардаам бедаступоиро.

Ту худ додӣ ба тӯфон киштии дилҳо, намепурсӣ,
Касе бо кас накард аз душманӣ ин нохудоиро.

Ҷаҳоне ҷои гавҳар пунбадаргӯшанд аз ғафлат,
Парӣ, кӯтоҳ кун афсонаи табъи расоиро.

* * *

Ғайри май ҳарчи хӯрам, беш ҳаром аст маро,
Май агар хуни фариштаст, ҳалол аст маро.

Ману бозомадан аз нашъаи мастӣ, ҳайҳот,
Ин тасаввур зи хаёлоти муҳол аст маро.

Чун нанолам, ки ҷудо з-абрӯи он маҳ шаби ид
Мӯ ба мӯ захмии шамшери ҳилол аст маро.

Баски чашм аз гули рухсори ту бар хуршед аст,
Шоми ҳиҷрон ба назар субҳи висол аст маро.

Пару болам ба ҳазорон шикан ороста аст,
Гӯӣ аз зулфи арӯсон пару бол аст маро.

Ишқбози рухи маҷмӯъаи хешам, Паррӣ,
Нуқтаву ҳарф ба ҷои хату хол аст маро.

* * *

Соқиё, камтар май имшаб аз карам додӣ маро,
То саҳар паймона пур кардиву кам додӣ маро.

То шароболуда лаълат гуфт ҳарфе аз кабоб,
Рухсате бар сайди мурғони ҳарам додӣ маро.

Шом агар қути равонам додӣ аз хуни ҷигар,
Субҳ ёқути равон аз ҷоми Ҷам додӣ маро.

Ман намедонам, ки дар чашми хуморинат чӣ буд,
К-аз ҳама туркони оҳучашм рам додӣ маро.

Гоҳеам дар Каъба овардиву гоҳе дар куништ,
Гаҳ мусулмону гаҳе кофир қалам додӣ маро.

Чун муяссар нест дидорат, Парӣ, ғайр аз ба хоб,
Пас, чаро бедорӣ аз хоби адам додӣ маро?

* * *

Магар лаълаш башорат медиҳад аз асли матлабҳо,
Ба гӯши ман садои бӯса меояд аз он лабҳо.

Ба ҳусни навхатон мавҷи арақ афрӯхтан дорад,
Чароғи чашми кӣ дар зулмат астӣ ҳамчу кавкабҳо?

Куҷо рафтӣ зи базми боданӯшонат ту, эй соқӣ,
Ки ҳамчун шишаи бемай тиҳӣ гардида қолабҳо.

Ҳиҷоби ҳусн шуд шоми хату холу саводи зулф,
Чӣ сон тобад бурун хуршеди рахшонаш аз ин шабҳо.

Гирифтор аст ҳар узви туро, эй дил, ба оине,
Ба ранги зулфи мушкинат парешон аст мазҳабҳо.

Дар ин дарё ба рамзи қатрае маҳрам нашуд фикре,
Ки аз сангинии мавҷи гуҳар шуд суда мисқабҳо.

Асар монанд аз раъша, ки махмурон дар ин маҳфил,
Парӣ, табхола шуд май бар лаби соғар аз ин табҳо.

* * *

Бехудӣ тимори дил шуд номи бетоби маро,
Эй муаббир, огаҳӣ, таъбир кун хоби маро.

Ҳамчу ғул аз Рустами ҳирсам ҷигар садпора аст,
Мушти зар шуд нӯшдору захми Сӯҳроби маро.

Изтироби оташи дил об зад хуни ҷигар,
Ин ҳаво охир ба куштан дод симоби маро.

Дидаам дар хоб имшаб ҳусни юсуфталъате,
Медаронад чун Зулайхо ҷайби одоби маро.

Нашъаҳо дорад суроғи худ, Парӣ, ғофил мабош,
Муғтанам донӣ, ба ҳар роҳе, ки дарёбӣ маро.

* * *

Ту он маҳӣ, ки дамидӣ зи мавҷи истиғно,
Ту он бутӣ, ки надорӣ ба дилбарӣ ҳамто.

Ба гесӯ раҳзани дилҳои обиди тарсо,
Ба зулф фитнаи имони ҷоҳилу доно.

Чунин ки кардаӣ оинаи таҷаллӣ рост,
Сипеҳри матлаи хуршедиву яди байзо.

Ба чашми масти ту нозам, ки дар хами абрӯ
Нишастааст далерона зери теғи бало.

Гуҳар зи гӯшанишинони он дури дандон,
Садаф зи ҳалқабагӯшони лаъли рӯҳафзо.

Тавон даҳони ту дидан, агар тавон дидан
Ба чашми кӯр паи мӯр дар шаби ялдо.

Ба ҳайратам, ки забони ту аз даҳони адам,
Ҳадиси ҳастии ҷовид мекунад иншо.

Гузашт новаки мижгонат аз дили афгор,
Расида бар ҳадафи ҷони ошиқи шайдо.

Зи рӯи рашки баҳорат фикандӣ турфа ниқоб,
Даридӣ ҷайби гулистону лолаи ҳумро.

Зи лаъли навхати ӯ зиндагӣ дубора кунам,
Нишастаанд Масеҳову Хизр дар як ҷо.

Ба даври чоҳи зақан бехабар мабош аз хат,
Ки мавҷи оби Хизир дораду зулоли бақо.

Зи чоки субҳи гиребонат офтоб дамид,
Сафои синаат оинаи биҳиштнамо.

Сафои соидат аз остин бурун тобад,
Чу шамъ аз дили фонус пардаи шабҳо.

Ба ранги шамъи шабафрӯз чашмакӣ дорад,
Магар суҳост бар ангушти нозуки ту ҳино.

Ба фикри мӯи миёни ту гум шудему ҳанӯз
Намерасем ба сарманзили адам зи фано.

Фитодааст ба девони ҳусн мавзунӣ,
Ба эътидоли қадат сарв мисраи беҷо.

Ту гуфтӣ аз тани симину соқи симинаш,
Ду наҳри шир, ки аз баҳри шир гашта ҷудо.

Зи нохуни ту яқинам шуд ин қадар, эй моҳ,
Ба эҳтироми ту хуршед сар ниҳода ба по.

Зи нақши ҳар қадамаш ҷому бода механдад,
Магар ҳиноӣ зи хуни Парист он кафи по.

* * *

Чӣ диҳам дил ба гули боғ, гуландомам нест,
Чӣ кунам хандаву мастӣ, ки маю ҷомам нест.

Чӣ занам ҳалқа ба он дар, ки касе накшояд,
Чӣ ниҳам пой дар он хона, дилоромам нест.

Чӣ кунам майли сабӯе, ки надорад соқӣ,
Чӣ кунам майкадаеро, ки майошомаш нест.

Чун нагирям, накунам хок ба сар, хун нашавам,
Роҳати ҷони ҳазину дили нокомам нест.

Ба чӣ уммед кунам оинапардозии шавқ,
Дилтасаллидиҳе аз хилвату пайғомам нест.

Чӣ равам сӯи нишоту чӣ кунам сӯҳбати шаб,
Шамъ парвонасифат зебдиҳи шомам нест.

Чӣ лаби ханда кушоям, зи чӣ дил шод кунам,
Беғамибахши дил аз кулфати айёмам нест.

Талхие даҳр ба коми дили нокомам рехт,
Парӣ, аз шаккари лаб шаҳддиҳи хонам нест!

* * *

Биё, ки бе ту маро ҷисми нотавон холист,
Шаҳи қаламрави ҷониву мулки ҷон холист.

Шуд аз натиҷаи ку-куи қумриён равшан,
Зи сарви ҷилвапаноҳи ту гулситон холист.

Шунидаам, ки саре доштӣ ба пурсиши ман,
Биё, ба дида нишин, ҷои меҳмон холист.

Маҷӯ зи оина тимсоли ҳусни ваҳширо,
Тазарви ҷилва рамидаст, ошён холист.

Ҳамин на каҷназарӣ дорад осмон бар ман,
Зи ростӣ ҳама ҷо хонаи камон холист.

Ба доманат нарасад дасти офтоб, эй гул,
Баҳори ҳусни ту аз офати хазон холист.

Суроғи нашъа дар ин анҷуман ту медонӣ,
Парӣ, куҷоӣ ту, минои майкашон холист.



Баёзи №1261, вараҷи 144а



Баёзи №1261, вараќи 144а

* * *

Доғи носури ғамат дар ҷигаре нест, ки нест,
Ошиқи рӯи ту ширинписаре нест, ки нест.

Аз камони ҳама абрӯи ту сад тири ҷафо
Меҳмони дили ошиқ саҳаре нест, ки нест.

Ту зи ғафлат шудаӣ бехабар аз кӯҳи Мино,
В-арна ин тоҷи каромат, ба саре нест, ки нест.

Дили ҳар зарра зи рӯи ту дам аз нур занад,
Алами хусрави ҳуснат ба даре нест, ки нест.

Дар тамошои маҳи рӯи ту аз ҳалқаи зулф
По ба занҷири таҳайюр назаре нест, ки нест.

Дили сангини бутон нарм нагардад ҳаргиз,
В-арна дар хомаи ошиқ асаре нест, ки нест.

Рӯҳ кофӣ набувад ҷавҳари инсониро,
Парӣ, ҷон дар бадани гову харе нест, ки нест.

* * *

Мапурс, эй гули хандон, ки дидаат чун аст,
Зи ҳаҷри лолаи рӯи ту косаи хун аст.

Маро ба Каъбаи васлат расон, ки дар раҳи ишқ
Зи реги бодияам ранги доғ афзун аст.

Ҷаҳониён ҳама ҷӯянд диданат, аммо
На ҳар кӣ шуд мутаваллид ба Миср, Зуннун аст.

Ба даври чун ту табибе, ки мурда зинда кунӣ,
Ҳалок гаштаму рӯзе нагуфтиям чун аст.

Зи ишқ мабанд, зоҳидо, ту дил бо Парӣ (?)
Надонам он чӣ фасод асту ин чӣ афсун аст?

* * *

Бе ту чун най банд-бандам пойбасти нола аст,
Нола дар дасти дил асту дил ба дасти нола аст.

Гул накард овозе аз сози шикастан чун гилем,
Соғари рангам шикасту ин шикасти нола аст.

Аз камон бошад пари парвоз рахти тирро,
Қомати пирӣ баландибахшу пушти нола аст.

Қулқули мино дар ин маҳфил зи ҳушам мебарад,
Соғари гӯшам саропо майпарасти нола аст.

Решаҳо дорад, Парӣ дар бешаи тан дарди ишқ,
Ин наистон хобгоҳи шери масти нола аст.

* * *

Чун шона то задам ба сари зулфи ёр даст,
Ангуштам иқди нофа шуду мушкбор даст.

Монад кафи ту панҷаи хуршеду моҳро,
Темори остин яди байзо барор даст.

Ҳайрони он, ки дил ба кадом орзу равад,
Як ҷайб беш нест, кашидаш ҳазор даст.

Дил сайди туст, доми тағофул барои чист?
Аз инчунин шикор, Худоро, барор даст.

Аз домани нигор, Парӣ, гар намекашад,
Дигар туро барои чӣ ояд ба кор даст?

* * *

Бурида бод зи дастам сари чаҳор ангушт,
Ки даст мекашад аз домани нигор ангушт.

Надонам укда зи зулфат кӣ боз кард имрӯз,
Димоғи шона парешону мушкбор ангушт.

Задам ба ҳалқаи зулфи ту даст, бодо бод,
Касе набурда чу ман дар даҳони мор ангушт.

Ба ранҷ омада ангуштарӣ зи ангуштам,
Ба чашми ҳирс надорад камӣ зи хор ангушт.

Ишорат оинадори ҳилоли абрӯи кист?
Ба чашми ман мижа гардида як қатор ангушт.

Дигар чӣ суд диҳад бо висол густохӣ,
Парӣ, чу шона расондам ба зулфи ёр ангушт.

* * *

Қиблаи аҳли вафо ҷуз хами абрӯи ту нест,
Каъбаи мақсуди ушшоқ ба ҷуз рӯи ту нест.

Домани зулфи ту аз гарди маҷонин пок аст,
Ҷои он бехирадон силсилаи мӯи ту нест.

Оҳ, аз чашми ту мурдам,ба нигоҳе дарёб,
Куштае нест, ки доғи рами оҳуи ту нест.

Сайри маҳтоб шаби қасри асирони туро
Чун баногӯши туву ҳалқаи гесӯи ту нест.

Парӣ, бӯс аз лаби ӯ дар ивази ҷон маталаб,
Ин ҳавас гавҳари ҳамсанги тарозуи ту нест.

* * *

Бепарда аст ҳусни нигору нигоҳ нест,
Гарм аст офтобу иноят гуноҳ нест.

Оинаи сипеҳр саломатнишона аст,
Аз рӯи он ки ҳеч яке тираоҳ нест.

Аз содагист роҳи иқомат гирифтанат,
Ку манзиле, ки як-ду қадам рӯ ба роҳ нест?

Ин аст агар талотуми дарёи мағфират,
Имрӯз аз гуноҳ касе рӯсиёҳ нест.

Девонагони водии рӯзу шаби туро
Дар чашми ҳақшиноси хирад меҳру моҳ нест.

Мардуди ҳар дарем зи рӯи гуноҳи хеш,
Моро ба ғайри раҳмати уммат паноҳ нест.

Мӯи сафеди пирӣ, Парӣ ашкпарвар аст,
Шабнам ба ғайри барги гули субҳгоҳ нест.

* * *

Чун нагардад зулфи мушкини ту бар рухсор кач,
Мӯ шавад наздики оташ, мешавад ночор кач.

Сарбазонукардагонро холӣ аз маънӣ мадон,
Бештар нахли гулистон мешавад аз бор кач.

Дар тани нопок рӯҳи покро улфат мадеҳ,
Об гардад з-ихтилоти ҷӯи ноҳамвор кач.

Қомати пирӣ пару бол аст бар умри дароз,
Рост тозад нола, то чанде ки шуд минқор кач.

Зоҳид аз качпечии дастор кулфат мекашад,
Дар ҳақиқат ранҷи хар бошад, агар шуд бор кач.

То нагардӣ садзабон, чун шона маҳрам нестӣ,
Ростӣ дар зулфи хубон бас каму бисёр кач.

Холӣ аз маънист, Соиб гуфт, мегӯяд Парӣ,
«Ҳар сабукмағзе, ки бар сар мениҳад дастор кач».

* * *

Дар чаман дод агар файзи баҳорон гули сурх,
Мижа аз хуни дилам рехт ба домон гули сурх.

На ҳамин дидаи мо маҳви тамошои ту буд,
Рафтӣ бар боғу шуд аз рӯи ту хандон гули сурх.

Мекунам сайри чаман, ранги вафо мебӯям,
То ба ёдам диҳад аз захми шаҳидон гули сурх.

Аз лаби лаълу гули рӯи ту имрӯз ба боғ,
Ғунча ошуфта шуду чокгиребон гули сурх.

Боли парвона кушо, булбул, агар шавқ расост,
Дорад имшаб ба чаман ҷӯши чароғон гули сурх.

Ин қадар ранҷ ба гулзори ҳино нест магар,
Ба каф овардаӣ он хуни шаҳидон гули сурх.

Ба тамошо ба дар о, бин, ки чӣ некӯ задаам
Ба ту аз доғи ҷигар бар сари мижгон гули сурх.

Ғайрати лаъли ту хун аз дили кон рехт магар,
Кандаам ин қадар аз кӯҳи Бадахшон гули сурх.

Танам аз ҷӯши гулу захм чамансоз омад,
Ҷӯш зад ин қадар аз теғи ту сомон гули сурх.

Бисмили нози туро сози баҳори дигар аст,
Гар тапиш кард ҳама кӯҳу биёбон гули сурх.

Пеши рӯ оина аз хуни Парӣ нест магар,
Ку баҳоре, ки кунад чеҳраи мастон гули сурх.

* * *

Мурғи дил дар қафаси танги тапидан афтод,
Ин ҳумо оқибат аз авҷи паридан афтод.

Дил на дар доми ту озод ба дидан афтод,
Ҷазбаи ишқ расо буд, зи дидан афтод.

Ҳусн безор шуд аз нафсу такаллуфро гуфт,
Мардуми чашми ман аз ҳасрати дидан афтод.

Дона дар хок чу афтод, дамидан дорад,
Тухми одам ба замини надамидан афтод.

Гар мизоҷи хафақонест ба иғвои ҳавас,
Юсуфи дил зи чӣ дар чоҳи тапидан афтод?

Беадаб, чанд ниҳӣ пой ба рӯи мардум,
Ашк дар хок аз ин ҳарза давидан афтод.

Ҳар кӣ дар доми ту афтод зи зуҳҳод нахуст
Дили расвои ман аз роҳи шунидан афтод.

Сурхрӯи ду ҷаҳон аст, Парӣ, пиндорӣ,
Ҳар кӣ дар майкадаи бода кашидан афтод.

* * *

Баски савдои туам то ба сар афтод, афтод,
Доғ дар синаву дил то ҷигар афтод, афтод.

Ин гули чашм, ки дар чашми ман, эй нури басар,
Аз гули рӯи ту чун бехабар афтод, афтод.

Лаби ширини туро нуқтаи холи сиёҳ аст,
Боз парвози магас дар шакар афтод, афтод.

Қуръаи ҳусн ба номи туву расвоӣ ба ишқ
Ба мани сӯхтаҷон аз қадар афтод, афтод.

Шӯру савдои дигар бар сарам, эй силсиламӯй,
Зулфи мушкини ту даври камар афтод, афтод.

Ашкро ҳарзадавӣ аз назар андохт ба хок,
Халаф аз чашми падар бадгуҳар афтод, афтод.

Парӣ, кӯтоҳ кун афсона кунун аз раҳи ишқ,
Сухан аз рутба чу дар гӯши кар афтод, афтод.

* * *

Сари ҳар кас чу мино дар хати фармони ҷом афтад,
Равад аз хештан чандон, ки дар айши мудом афтад.

Каломи ишқ дар бадномии ушшоқ мебошад,
Маро чун қуръаи фоли накӯномӣ ба ном афтад.

Каманд омодаи чинанд ҳалқа андар ин саҳро,
Намедонам киро он оҳуи ваҳшӣ ба дом афтад.

Намирам то абад, сад соғари заҳрам диҳад гардун,
Агар аз нӯшдоруи лаби лаълаш ба ком афтад.

Дил аз зулфи ту шамъи изтиробе мекунад равшан,
Парешонӣ ғариберо, ки дар ҳангоми шом афтад.

Шавад бебаҳра аз савдоии ишқи бутон он кас,
Гиребонаш ба дасти рӯзгори некном афтад.

Сабук магзар зи ашъори Парӣ, як дам тааммул кун,
Гуҳар резад аз он гӯше, ки дар вай ин калом афтад.

* * *

Бе ту дил такягоҳи олам шуд,
Сина оинадори сад ғам шуд.

Сиратам гар талоши ҷоҳ надошт,
Қоматам аз чӣ рӯ чу хотам шуд?

Килки фикрам ба ҳифзи маънии бикр
Қаламам имтиҳони Марям шуд.

Хок агар ҳирси зар надошт,чаро
Ганҷи олам бурун зи олам шуд?

Араќе аз ҳаё накард ҷабин,
Гул аз ин боғ доғи шабнам шуд.

Парӣ, аз лутфи шоҳи банданавоз
Дар биҳишти наъим Одам шуд.

* * *

Чун шарар як бастани чашм ошкорам кардаанд,
Нестам огаҳ, ки аз баҳри чӣ корам кардаанд.

Хуни ман аз нофаам сангинбаҳо хоҳад шудан,
Хубрӯён дар хами гесӯ шикорам кардаанд.

Ҳамчу симобам, чӣ мепурсӣ дигар з-эъҷози ман?
Беқарорам, беқарорам, беқарорам кардаанд.

То чу тифлам бар канори дояи хокам ниҳанд,
Бар наи мижгон чу ашк аввал саворам кардаанд.

Дурам аз ҳусни ҳақиқат, з-ин маҷозолудагӣ
Ҳамчу анқо бемусаммо номдорам кардаанд.

Ишва нопайдост, то дар шиша ҷо дорад Парӣ,
Аз расоиҳо чӣ гӯям, дар Ҳисорам кардаанд.

* * *

Ту гар дар ҷилва ой, чашми хуршед об мегирад,
Ту дар оина бинӣ, хона дар симоб мегирад.

Зи рӯяш дур кун, машшота, зулфи куфроинро,
Ки аз ҷурми сиёҳӣ меҳри оламтоб мегирад.

Зи ҷайби доманам дасти ҷунун кӯтоҳ мебошад,
Катони дастгоҳи чок аз маҳтоб мегирад.

Инони ашк натвонад кашидан чашми гирёнам,
Ки дидахонаи мардум раҳи селоб мегирад.

Кашида дар нафас ҳамчун саги девонае зоҳид,
Биё, соқӣ, ба ҷоми май маро дарёб, мегирад.

Зи сарафгандагӣ муштоқ бошад зулфи маҳбубон,
Ки тоҷи сар шавад, ҳар кас раҳи одоб мегирад.

Қадаш аз сарви ҷаннат боҷ гирад, зулфаш аз сунбул,
Рухаш аз офтобу моҳи гардун тоб мегирад.

Машав ҳайрон ба рӯяш, зулф агар дар печу тоб ояд,
Ки мӯй аз қурби оташ роҳи печутоб мегирад.

Парӣ, забти нафас сар дар гиребони дигар дорад,
Агар гирад касе гавҳар, аз ин гирдоб мегирад.

* * *

Дилам умрест аз чашми ту мижгон дар бағал дорад,
Ки гӯӣ чун сипоҳӣ теғи урён дар бағал дорад.

Ба худ, эй бехабар, аз қурбати султон чӣ менозӣ?
Нигин аз рӯсиёҳӣ номи шоҳон дар бағал дорад.

Намешояд ба ҷуз хуни дилу лахти ҷигар хӯрдан,
Хушо ринде, кабобу бода з-ин сон дар бағал дорад.

Шаҳиди теғи нозам, бе баҳоре нест хуни ман,
Кафи хокам пас аз мурдан гулистон дар бағал дорад.

Забони шона осон маҳрами гесӯ намегардад,
Ба сад чоки ҷигар зулфи парешон дар бағал дорад.

Наям аз бесаводӣ шармсори нуктафаҳмиҳо,
Парӣ, ҳар мисраам мазмуни девон дар бағал дорад.

* * *

Кӯҳро ишқи ту гар сӯхта ё месӯзад,
Дар дили санг шарар сӯхта ё месӯзад.

Доғам аз гармии дил боли самандар шудааст,
Оҳам аз сӯзи ҷигар сӯхта ё месӯзад.

Гар чунин хушкии савдост ба арбоби ҷунун,
Мағз дар косаи сар сӯхта ё месӯзад.

* * *

Диле дорам, ки шавқаш бистар аз паҳлӯ бисӯзонад,
Саре дорам, ки фикри улфаташ зону бисӯзонад.

Касе аз доми ишқи гулрухон солим намемонад,
Намесӯзад агар аз холу хат гесӯ бисӯзонад.

Намебошад ба васли шӯъла ғайр аз дуд бурҳоне,
Ба зулфаш сохтам, то шӯхи оташрӯ бисӯзонад.

Чӣ мепурсӣ зи барқи ҷилваи ҳайратгудози ӯ,
Ки як дам ҷавҳари ойинаҳо чун мӯ бисӯзонад.

Ба тангам аз фиғону шӯри гумҷӯёни ин гулшан,
Диламро қумриёни боғ аз ку-ку бисӯзонад.

Қади минову рӯи соқӣ бинад аз қазо зоҳид,
Барафрӯзад зи тӯбӣ оташу мино бисӯзонад.

Сияҳчашме, ки дил девонаи ваҳшиғизоли ӯст,
Зи барқи рам нигаҳ дар дидани оҳу бисӯзонад.

Намесозам ба неъмат, то нагирам ком аз васлаш,
Чу дӯзах равзаи ҷаннат маро бе ӯ бисӯзонад.

Бути зоҳидфиреби порсо аз раҳбаре дорам,
Ки чашмаш дафтари Ҳорут аз ҷоду бисӯзонад.

Ҳилоли моҳ барқи офиятсӯзи катон омад,
Маро рухсори ёр аз ҷунбиши абрӯ бисӯзонад.

Ба хат ҳайрони ҳуснат мӯи оташдида гардонад,
Ба як сӯ мушкро дар нофаи оҳу бисӯзонад.

Ба ҳусни офтоби синаи шабнам чӣ кор ояд,
Агар ман об гардам, ҳосил он бадхӯ бисӯзонад.

Парӣ, бо неку бад месоз, гуфт Урфӣ, пас аз мурдан
Мусулмонат ба Замзам шӯяду ҳинду бисӯзонад.



Баёзи №1261, вараќи 144б



Баёзи №1261, вараќи 144б

* * *

Шукр, к-аз зулмати андеша начотам доданд,
Синае софтар аз оби ҳаётам доданд.

Шарбате, к-аз ҳавасаш Хизру Сикандар чон дод,
З-оби лаб нӯш ба вақти шакаробам доданд.

Солҳо ҳалқаи ибрат задаам бар дари чашм,
То зи дил қатраи хуне ба закотам доданд.

Бас ба хун ғӯта задам рақскунон, к-охири кор
Раҳ ба он шоҳиди ширинҳаракотам доданд.

Хол монанд ба рух, гарчи сипандам чу Парӣ,
Бар сари оташи сӯзанда суботам доданд.

* * *

Дидам гули рӯе, нигаҳам ранг баровард,
Дил бар мижаам нола ба оҳанг баровард.

Оинаи теғат рухи зангор набинад,
К-он покгуҳар номи ман аз нанг баровард.

Дерест, ки иқлими баёне нагирифтам,
Шамшери забонам ба даҳон занг баровард.

Гулҳо ҳама з-осеби асар гӯша гирифтанд,
Паррӣ чу фиғоне зи дили танг баровард.

* * *

Рух намудӣ, гул бинои рангу бӯ бар бод дод,
Лаб кушудӣ, сели оташ ғунча бар бунёд дод.

Сабз бошӣ, эй баҳор, ин ишрат аз файзи ту бод,
Хандаи гул шодмонӣ дар дили ношод дод.

Хӯрдаам сад новак аз мижгони бедодаш кунун,
Мекунам дар пеши чашмаш, ҳар чӣ бодо, бод дод!

Дар чаман танҳо на тӯбо дошт таъзими қадаш,
Бӯсаҳо дар пои он сарви равон шамшод дод.

Аз нигаҳ чашми ту эҷоди тағофул мекунад,
Ин қадар таълими ҷодуӣ кадом устод дод?

Боғ аз нақши тасаввурҳои тасвири қадат
Сад қиёмат шӯр дар дил хомаи Беҳзод дод.

Бас намеояд ба ҷуз афкандагиҳо аз Парӣ,
К-ин сифат килки қазо чун шона дар эҷод дод.

* * *

Гирифт холи туро хатти сабзранг ба бар,
Кушод болу пар ин тӯтӣ, ёфт чун шаккар.

Ғурури ноз бубину фурӯтанию ниёз,
Нарехт хуни ҳино, то назад ба пояш сар.

Мабод зулфи кач аз рӯи ҳамчу моҳаш дур,
Ки саъди мост дар ӯ, гарчи ақраб асту қамар.

На қатъ кард ба теғу на баст бар фитрок,
Ба пош то нафитод ин сари бурида дигар.

Парӣ, бубин ба Сулаймони ҳусну хотами ӯ,
Масеҳи лаъли лабаш Хизри хат гирифт ба бар.

* * *

Ҳар нафас дар чашми ман ҳусни дигар дорад баҳор,
Аз гули рӯят магар бӯе асар дорад баҳор.

Ҷилваву ранги гулистоне, ки дар оина дошт,
Як ҷаҳон ҳайронӣ бар аҳли назар дорад баҳор.

Баҳри исори қадат гар нест, эй моҳ, аз чӣ рӯст,
Ин қадар дар кисаи гул мушти зар дорад баҳор.

Зиндагӣ бахшад ҷаҳони реги сармокуштаро,
Чашмаи Хизру дами Исо магар дорад баҳор?!

Ҳар гулеро дастгоҳу рангу бӯи дигар аст,
Ҳукми раббонӣ ба олам он қадар дорад баҳор.

Файзи арбоби карам тахсиси неку бад надошт,
Дар саводи шаҳру саҳро як назар дорад баҳор.

Аз Парӣ дар боғи ҳусну ишқ соҳибдавлате,
Чашми як гул хандаи захми ҷигар дорад баҳор.

* * *

Бар он диле, ки зи мижгони ёр шуд носур,
Намак мапош ба захмаш зи марҳами кофур.

Зи доғ лоласифат равнақи дигар дорад,
Аз ин бисот бувад хонаи дилам маъмур.

Рабуда меҳри ҷамоли ту хат зи ҳалқаи зулф,
Чунон ки мавҷи зумуррад зи чашми афъӣ нур.

Зи тангнои ҷаҳон даргузар ба олами дил,
Даро ба мулки Сулаймони зору дидаи мӯр.

Ба дида сурмаи ибрат надоштӣ варна,
Ба пеши чашми ту бинӣ, кашида сурати кӯр.

Ба офтоб назар кун, ки аз сипеҳри баланд
Назораи маҳи рӯи ту меканад аз дур.

Маро ба кунҷи ватан обрӯ намебошад,
Даруни баҳр бувад қимати гуҳар мастур.

Парӣ, ту низ ҳамон гӯй,он чӣ Бедил гуфт:
«На ҷоми бода шиносам, на косаи танбӯр».

* * *

Чӣ сон роҳи муҳаббат, дӯстон, дорам ниҳон дар дил,
Маро дар дида тӯфон мекунад ашки фиғон дар дил.

Зи дил гуфтам шумори новаки нозат намегирӣ,
Лабаш хандида мегӯяд: «Ҳисоби дӯстон дар дил».

Дар ин гулзор ҳар зоғе ба боғе ошён дорад,
Маро набвад ба ғайр аз дарду доғи гулрухон дар дил.

Намепурсад, ки чунӣ, эй ситамкаш, дар чӣ аҳволӣ?
Намедонам чӣ дорад бо ман он номеҳрубон дар дил.

Қафас аз оташ аст ин ҷову мурғ аз мушти хошоке
Нафас дар худ тапид, азбаски дорад ошён дар дил.

Ту оӣ, меравад андӯҳу кулфат аз дили афгор,
Биё, баҳри Худо, берун равад ғам як замон дар дил.

Саропо ҳамчу гул афтода дар хун захмҳо дорам,
Парӣ, аз новаки мижгони он абрӯкамон дар дил.

* * *

Бе ту гар ҷо ҳама дар равзаи Ризвон созам,
Ҷайби домони худ аз гиря гулистон созам.

Эй хуш он рӯз, ба ман оию меҳмон бошӣ,
Хешро гирди ту гардонаму қурбон созам.

Гар ба хоби шабам ояд сари зулфи ту ба даст,
Дили худ ҷамъ аз ин хоби парешон созам.

Нашуд он рӯз, ки аз хотират, эй қотили ноз,
Лаби лаъле ба дили ғамзаи хандон созам.

Фикри девони ғазал дорам аз он абруи ноз,
Рақаме ораму бисмиллаҳи унвон созам.

Қомати пири Парӣ оинаи арзи фаност,
Марг з-ин теша ба Фарҳоди худ осон созам.

* * *

Ишқбозиву ҷамоли нозанине доштам,
Даст аз домони васлаш як даме нагзоштам.

Бар сари гесӯи ӯ машшота будам субҳу шом,
Тухми меҳрашро ба ҷону дил ҳамеша коштам.

Дар барам як шаб ба хоби ноз будӣ он парӣ,
Ман ниқоб аз оразі гулгуни ӯ бардоштам.

Қатли ошиқ гар раво будӣ ба маъшуқони даҳр,
Ман зи ҷон бигзаштаму ҷонро ба ту бигзоштам.

Эй, ба девони фано авроқи девони ту рафт,
Сарнавишти рӯзи аввал будаам, пиндоштам.

Дорам аз гардун шикоятҳо, ки натвон дам задан,
Пеш аз ин ҳам зери гардун каҷкулоҳе доштам.

* * *

Гар даст диҳад домани он сарви равонам,
Озод шавад дил зи ғами ҳар ду ҷаҳонам.

Омад ба лаби бом, ки хуршеди заминам,
Бигрифт ба каф ҷом, ки Ҷамшеди замонам.

Гар аз дарам он сарви хироманда дарояд,
Бархезаму бар чашми худ ӯро бинишонам.

Субҳам ҳама бо ёду сари зулфи ту шуд шом,
Як рӯз набудӣ, ки набудӣ ба гумонам.

Гуфтам, ки бигӯям зи даҳони ту нишоне,
Гум гашт дар ин нуқтаи мавҳум нишонам.

Ҷуз фикри руху зикри лабаш нест Париро
Фикре ба замири ману зикре ба забонам.

* * *

Баски аз барқи ҷунун шуд барқчавлон нолаам,
Мезанад оташ ба бунёди найистон нолаам.

Як сари мӯям намебошад тиҳӣ аз дарди ишқ,
Ҳамчу най сар мезанад аз ҷайбу домон нолаам.

Чун шунидам, оташи ишқат ба хокистар нишонд,
Сурма шуд охир ба чашми дардмандон нолаам.

Кист аз ҳоли дили ғамдида ёбад огаҳӣ,
Гар набошад дар шаби дардат чароғон нолаам.

Марҳами гӯше нашуд, то кас ба фарёдам расад,
Аз шикасти зулф мегардад парешон нолаам.

Интихоби дард мехоҳӣ, зи ман ғофил мабош,
Бистарӣ аз ҳайратам, девони унвон нолаам.

Боғро азбас таровати нест аз нахли куҳан,
Боғбон, чун сарв мехоҳӣ ту, биншон нолаам.

Мезанад роҳи ҷунунам сурма чун чашми Парӣ,
Варна дар сози ҷунун бигзашт рақсон нолаам.

* * *

Ҳадис аз сабзаи боғи чинон паймуда мегуфтам,
Дар айёми хатат физиста шуд, беҳуда мегуфтам.

Агар ишқат зи ман мехост бурҳон изтироби дил,
Ҳанӯз он тифлро чашми адаб накшуда мегуфтам.

Ба боғи ҳусни абрӯ тозагиҳои баҳори ӯ
Дили хуршедро барги хазонфарсуда мегуфтам.

Хушо, шабҳое аз бедоди ишқат дар фиғон то субҳ,
Ба гӯши дил ҳикоятҳои дардолуда мегуфтам.

Наям он боғбон, к-аз боғи мардум гул ба даст орам,
Суханҳое, ки мегуфтам, Парӣ, нашнида мегуфтам.

* * *

Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,
Дар барам ояд, бубинам, то биёяд боварам.

Соғарам аз акси рӯи ёр дорад мавҷи май,
Мавҷи май ҷӯши таҷаллӣ мезанад дар соғарам.

Пайкарам аз захми шамшери ту дорад обрӯ,
Обрӯ то рӯзи маҳшар кам мабод аз пайкарам.

Дилбарам ҳаргиз намеояд ба хобам дар бағал,
Дар бағал ояд ба бедорӣ зи мастӣ дилбарам.

Гавҳарам орист аз гарди ятимӣ дар назар,
Дар назар оинаи ҳусни маъонӣ гавҳарам.

Ҷавҳарам арзи камоли хеш дорад дар бағал,
Дар бағал оинаи сад обрӯ шуд ҷавҳарам.

Парварам танро ба ишқи лоларӯён то абад,
То абад ин пунба дар тӯфони оташ парварам.

Бар сарам по нех, ки монад то қиёмат, эй парӣ,
Эй парӣ, аз нақши поят тоқи шоҳӣ бар сарам.

Камтарам донад, Парӣ, аз зарра ҳуснаш, месазад,
Месазад гӯям, ки ман аз камтари ӯ камтарам.

* * *

...Ашки ман бар дӯши мижгон аст, дар майдони шавқ,
Дар раҳи ишқи ту тифли найсавор омад бурун.

Сайди дилҳо мекунад имрӯз, эй дил, хуш нишин,
Шӯхи бебоке, ки аз баҳри шикор омад бурун.

Бар ду рӯ зулфи сиёҳаш дар каманди печу тоб,
Ҳифзи ганҷи ҳуснро яъне ду мор омад бурун.

То ба кай бошӣ, Парӣ, ошуфта чун зулфи бутон?
Дар муҳаббат чун парешонрӯзгор омад бурун.

* * *

Шудам пиру ҷавонӣ ёфт ҳирси зарпарасти ман,
Зи савдоям ақоиқмӯмиё дорад шикасти ман.

Надорам хандаи бегиря чун мино дар ин маҳфил,
Ба кулфат тавъам ояд шодии рӯзи аласти ман.

Зи махмурӣ шудам маҳрум аз ин соғар кашиданҳо,
Ба ҷоми бода дорад пушти даст аз раъши дасти ман.

Чунон камфурсатӣ андохт аз чашми асар дурам,
Ки парвози шарар шуд кӯҳи тамкин аз нишасти ман.

Натанҳо аз ҷунунам соғари идрок дар санг аст,
Қабои раъша дорад шишаи гардун зи масти ман.

Парӣ нанги таъолӣ мекашӣ дар кеши озорӣ,
Асире боқӣ аст, то дирҳаме бо хун ба дасти ман.

* * *

Аз ту шуд боғи ҷаҳон, эй гули хандон рангин,
Нест аз сабзаву гул бе ту гулистон рангин.

Гулрухон дар дили равшангуҳарон ҷо доранд,
Боғу оина аз он ҷилвапаноҳон рангин.

Сабзаву лолаи машҳад, ки ба ушшоқ якест,
Теғи қотил шуда аз хуни шаҳидон рангин.

Баски дар ёди лаби лаъли ту хун мегирям,
Гашт мижгони ман аз панҷаи марҷон рангин.

Мешавад аз назаре сӯи ман андохтанат,
Чеҳраи пурсиши мӯре зи Сулаймон рангин.

Ҷуди арбоби карам оинаи шарми гадост,
Рӯи соил шуда аз силии эҳсон рангин.

Юсуфи бахти ту бар Мисри Азизе нарасад,
То нагардад гулат аз хории Канъон рангин.

Мерасад наъшаи набзи маю соғар ба субот,
Мекунад ҷоми тиҳӣ чеҳраи мастон рангин.

Парӣ, дар кеши ҷунун ҳаққи вафо нест адо,
Гули хокӣ накунӣ то ба гиребон рангин.



Баёзи №1232, вараҷи 352а


۳۵۲

Баёзи №1232, вараqи 352а

* * *

Ҷилваороии ҳусн аз туву дидан аз ман,
Лаби лаъли шакарин аз ту, макидан аз ман.

Зоҳид, аз ишқи бутон вазъу насоеҳ аз ту,
Домани ҷайб зи расвоӣ даридан аз ман.

Рафтани боғу хиромидане дар боғ аз ту,
Зи хиёбони ҷигар нола кашидан аз ман.

Бисмили теғи ҷафо кардану рафтан аз ту,
То қиёмат ба вафои ту тапидан аз ман.

Нигаҳи марҳамату фазлу каромат аз ту,
Ба муроди дили ноком расидан аз ман.

Хилъати нозу тағофул зи ту, такмин аз ту,
Ҷомаи сабр ба расвоӣ даридан аз ман.

Риштаи дӯстӣ пайвастани ғайрам аз ту,
Сари ин ришта зи ғайри ту буридан аз ман.

Як табассум ба Парӣ кардану рафтан аз ту,
Ранҷи махмурии ин бода кашидан аз ман.

* * *

Вақти марг ояд зи раҳмат бар сари болини ман,
Талх шуд коми ҳасуд аз мурдани ширини ман.

Ӯ паи ҷабру ҷафо, ман бар сари меҳру вафо,
Ман ба фикри меҳри ӯ, ӯ дар хаёли қини ман.

Кош он дерошно бо ханҷар ояд бар сарам,
То магар аз дил барояд ҳасрати дерини ман.

Дӯш бӯсидам лаби нӯшини он маҳро ба хоб,
Хоби ширин чист, таъбири шаби дӯшини ман.

Гар Париро дидани хубон набудӣ дар назар,
Ҳеҷ оламро надидӣ чашми оламбини ман.

* * *

Чу боло шуд зи шӯри ишқ ғавғои ҷунуни ман,
Гиребончоки расвоист ақли зуфунуни ман.

Шаҳидам карду аз хоки мазорам нола мехоҳад,
Ҳанӯзам теғи қотил ташнагӣ дорад ба хуни ман.

Кабоби оташи пурдуди ишқи лоларӯёнам,
Чӣ мепурсӣ зи доғи оина дарди даруни ман.

Заминҳо осмону осмонҳоро замин карданд,
Пур осон аст, воиз, дарди сар дорад чунуни ман.

Маро сад бор равшан шуд, Парӣ, бемеҳрии гардун,
Нашуд кӯтоҳ дасти орзуи табъи дуни ман.

* * *

Нашикастаст агар соғари паймон аз ман,
Рӯи худ мекунад аз баҳри чӣ пинҳон аз ман?

Оҳам аз раҳзании чашми фарангиписар аст,
Мекашад дар нигаҳаш домани паймон аз ман.

Имшаб аз лаъли лаби чашми ту соғар задаам,
Даври айши ду ҷаҳон аз ману даврон аз ман.

Ишқи ширинписаре дораму лайличашме,
Оҳу афғони шабу кӯҳу биёбон аз ман.

Ҷайбу домони ман аз гиря гулистон шудааст,
Дар китоб аст ҳанӯз он гули хандон аз ман.

Захмҳо дар ҷигар аз хори гулистони касест,
Медамад ғунчасифат ашк зи мижгон аз ман.

Ишқ дар домани дил даст ба шаррот задаст,
Сабру ором надорад, Парӣ, имкон аз ман.

* * *

Ин гулписари шӯх аҷаб гулписар аст ин,
Аз боғи таҷаллӣ гули ҳусни дигар аст ин.

Хат нест ба даври лаби лаъли намакинаш,
Часфида сари мӯр ба тунги шакар аст ин.

Таклиф ба зуннор кунад зоҳиди худро,
Аз ҳар нигаҳи чашм, ки тарсо магар аст ин.

Аз рафтани асбоб зи каф шиква чӣ лозим,
Шукр аст мар ӯро, ки ҳакими қадар аст ин.

Дидам хати пушти лабу абрӯи ту гуфтам:
Бар мусҳафи рухсори ту зеру забар аст ин.

Чун ашки маро кас нагирифтаст гиребон,
Аз мардуми чашмам халафи бадгуҳар аст ин.

Ҳушёрнигоҳест сиёҳмасту тағофул,
Аз наргиси ҷодуи ту сеҳри дигар аст ин.

Ин шеър, Парӣ, пайрави шеърест, ки хон гуфт,
Ин ҳусн чӣ ҳусн аст, на ҳусни башар аст ин.

* * *

Танҳо на нигоҳи ту кунад машқи рамидан,
Чашми ту кашад сурмаи ушшоқ надидан.

Бар чарх расонида ҳилол аз раҳи таслим,
В-аз абруи мушкини ту меъроҷи хамидан.

Шаб оинаи ҷилваи хуршед нагардад,
Аз ман чӣ хаёлест ба васли ту расидан.

Дигар чӣ зи мижгону лаби лаъли ту ҷӯям,
Ҷуз тири ҷафо хӯрдану дашном шунидан?

Суд аст дар оини вафо аҳли вафоро
Ҷон додану аз лаъли лабат бӯса харидан.

Дар хоб нишонад агарат, ҷой ба чашм аст,
Бар рӯи касон беҳуда чун ашк давидан.

В-ар ишқ наёмӯхтаӣ, аз Парӣ омӯз
Девонагиву ҷайби шикебоӣ даридан.

* * *

Чу мижгон дурам аз қурби нигоҳат аз нигоҳи ӯ,
Тағофул кош дурӣ бахшад аз чашми сиёҳи ӯ.

Сафои ҷилва дорӣ, аз сафои дил машав ғофил,
Биҷӯш, эй ашк, аз хат ҳола пайдо карда моҳи ӯ.

Самандармашрабам, Маҷнун наям аз ишқи маҳрӯён,
Ману дасте, ки оташ дар бағал дорад нигоҳи ӯ.

Миёни мову зоҳид дар муҳаббат гуфтугӯе ҳаст,
Маро ҷоми сабӯ дастору риш омад гувоҳи ӯ.

Диле аз раҳ назар бар шаҳнаи ҳусни ту афтода,
Ба риндони ғамаш магзору бахшо бар гуноҳи ӯ.

Гирифторам, Парӣ, бо гардиши чашме, ки аз ваҳшат
Ба чашми оҳувон сармашқи рам бошад нигоҳи ӯ.

* * *

Се чиз карда муҳайё ба қатлам он бадхӯ:
Карашма – теғу мижа – новаку камон абрӯ.

Туро, ки ҳаст се чиз аз се чиз нозуктар:
Даҳон зи ғунча, лаб аз барги гул, миён аз мӯ.

Ба чашму оразу гесӯ рабудаӣ се чиз:
Сиёҳӣ аз шабу нур аз маҳу рам аз оҳу.

Дилам ба вақти баҳорон се чиз мехоҳад:
Канори обу майи нобу соқии гулрӯ.

Се чиз бурда маро дил зи каф, хабар дорам:
Саводи зулфу баногӯшу ҳалқаи гесӯ.

Муҳаббати ту ба дил аз се чиз наздик аст:
Ба май зи нашъа, ба чашм аз нигаҳ, ба гул аз бӯ.

Се чиз дар чаман ошуфта карда аз се чиз:
Бунафша аз хату сунбул зи зулфу гул аз рӯ.

Парӣ ду чашми туро бо се чиз мехонад:
Яке макору дувум соҳиру севум ҷоду.

* * *

Миён аз мӯй, лаб аз барги гул нозуктар афтода,
Туро ҳар узв нозуктар зи узви дигар афтода.

Ҳаё шуд аз арақ равшангари оинаи рӯят,
Аз ин равған чароғи оразат равшантар афтода.

Мапӯшон, офтобо, чеҳра аз баҳри Худо, як дам,
Маро аз кокулат рӯзи сиёҳе бар сар афтода.

Дамодам аз хиромат фитна ҷои гард мехезад,
Ба боғи ҳусн сарве чун ту раъно камтар афтода.

Рабудан нақди дилҳоро зи ҳар узви ту меояд,
Саропоят чӣ зебо дилрабову дилбар афтода.

Ҳаё бар оразат атру арақафшоние дорад,
Ки ҷӯши шабнаме бар рӯи гулбарги тар афтода.

Яман ҳарфе зи хотир ҷастаи ҳусни ту мебошад,
Хутан бӯе зи чини кокулат берунтар афтода.

Маро аз куштани заҳри тағофул нест парвое,
Масеҳи нӯшдоруи лабат ҷонпарвар афтода.

Чаро аз хона берун меравӣ, эй шӯхи шаҳрошӯб?
Зи рафторат миёни шаҳр шӯри дигар афтода.

Агар сарв аст, в-ар тӯбӣ, зи хиҷлат сар наяфрозад,
Ҳама раънокадон пеши қадат аз по дарафтода.

Намуд аз шавқ иншо баски ҳусни рӯи гулрӯе,
Ба девони Парӣ, з-он ин ғазал гулбарсар афтода.

* * *

На сарв пеши қади ту нишаста истода,
Лаб аз ҳаёи лабат ғунча баста истода.

Ба чини зулфи ту нозам, ҳазор чинии дил
Шикаста баставу баста шикаста истода.

Ба ҳар нигоҳ зи чашми ту дар дили зоҳид
Ҳазор риштаи тақво гусаста истода.

Парӣ, мусолиҳакор аст қотили бебок,
Ҳазор ҳамчу мани хаста баста истода.

* * *

На ҳамин захм зи мижгони ҷафоҷӯ рафта,
Фитнаҳо дар дил аз он наргиси ҷоду рафта.

Ҳеҷ кас рамзи муаммои даҳонаш нашикофт,
Бо вуҷуде, ки суханҳо ба сари мӯ рафта.

На ба осонӣ расидаст бар он каъбаи рӯ,
Зулф гоҳе ба сару гоҳ ба паҳлӯ рафта.

Роҳаш афтод ба майхона ҳазоро зоҳид,
Яксар аз хотираш андешаи минӯ рафта.

Қурби оташ ба ҳама печ расонад мӯро,
Зулф дар тоб зи наздикии он рӯ рафта.

Сарви ин боғ дар оғӯши кӣ пинҳон гардид?
Қумрӣ аз роҳи талаб аз паи ку-ку рафта.

Нуқтаи холи ту дар зулмати хат гашт ниҳон,
Лашкари занг фурӯ омада, ҳинду рафта.

Нарасидему давидем ба кӯяш чандон,
Суда шуд пой ба ҳадде, ки ба зону рафта.

Ба ту аз чашми Парӣ ашк на танҳост равон,
Нолаҳо дар дили шаб аз буни ҳар мӯ рафта.

* * *

Бо сад ҳузури ёр талабгор омадем,
Дасти ҳама гирифта ба гулзор омадем.

Ҷамъияте далели ҷаҳони умед буд,
Хобидае ба сояи девор омадем.

Шуғли баёни ёр магар менамешавад,
Тарсем асири ёр гирифтор омадем.

Тақсири Паррӣ толиби он даҳри дигар аст,
Худро фурӯхтему харидор омадем.

* * *

Дилороме, ки аз лаъли лабаш хат сар баровварда,
Ба ошӯби қиёмат фитнае дигар баровварда.

Вуболе нест, бозам ой, эй сарви равон, дар бар,
Ту будӣ ҷони ман, хаҷр аз тани лоғар баровварда.

Саводи хатти мушкинаш ду чашми гиря мехоҳад,
Ки ин оина аз симоб болу пар баровварда.

Маи ҷоми нигоҳаш бехудиҳои дигар дорад,
Маро аз ман адои чашми он дилбар баровварда.

Ҳаловат ёфт коми дил, зи лаълаш барнамеояд,
Ки натвонад магас худро зи шаккар пар баровварда.

Маҳи рӯи ту то аз ҳолаи хат шуд масалфармо,
Зи ҷайби дида борони сиришкам сар баровварда.

Дамодам аз хиромат фитнае болост болотар,
Зи рафтори ту олам шӯри сад маҳшар баровварда.

Чу гул аксар саропоят баҳори ханда меорад,
Чаман тарҳи туро аз олами дигар баровварда.

Асар дорӣ, мабош аз оҳи пирони ҳазин ғофил,
Ҳазор ин шӯъла сар аз ҷайби хокистар баровварда.

Нигоҳи бетаамул кай ба ҳусни ин ғазал афтад,
Сари ҳар байташ аз номи буте афсар баровварда.

Тапишҳои шаҳидаш дар назар мастона меояд,
Магар шамшераш аз хуни Парӣ ҷавҳар баровварда.

* * *

Софшасте, ки ба сайди дили мо рӯ карда,
Аз мижа тиру камон, аз хами абрӯ карда.

Аз рами ҳар мижа он чашми сиёҳи танноз
Захмҳо дар ҷигару дидаи оҳу карда.

Сайри маҳтоби шабу қадри назарбозу вафо,
Аз баногӯши ту бо ҳалқаи гесӯ карда.

Шонаро з-он сари зулфи ту дароз аст забон,
Арзи аҳволи дили чок ба ҳар мӯ карда.

Ҳусн аз парда бурун ҷилва бар он хаста кунад,
Ки сари ишқ бар оинаи зону карда.

Марав аз дидаи гирёни ман, эй нозхиром,
Боғбон қадди туро сарви лаби ҷӯ карда.

Ғамзаи булбуливу сеҳри ду олам соҳир,
Як нигоҳест, ки он наргиси ҷоду карда.

Мушк то субҳи қиёмат дамад аз ҷайби Парӣ,
Баски дар хоб шабе зулфи туро бӯ карда.

* * *

Боз шӯхиҳои чашмат ёфт тасвир оина,
Доми даҳшат гашт ҷавлонгоҳи нахчир оина.

Бехудон аз ҷилваи дилдор ғофил нестанд,
Хоби ҳайрат дошт дар бедор таъбир оина.

Метавонад бурд то сарманзили ҳусни ту роҳ,
Гардад аз Хизри хатат гар роҳи шабгир оина.

Хирқаи адли туро равшандилон оинаанд,
Об аз ҷавҳар кунад дар ҷӯи занҷир оина.

Аз камоли нестӣ тимсоли ман сурат набаст,
В-арна дар арзи сафо кам дошт тақсир оина.

Бо вуҷуде хона аз занги сафо маъмур дошт,
Бе ҳузури ҷилваи шӯхи ту дилгир оина.

Маҳви ҳайрат бош, дарси ҷилва мехонӣ, Парӣ,
Аз забони безабонӣ дошт тақрир оина.

* * *

Чашме, ки нест боз ба рӯи ту, баста беҳ,
Дасте, ки домани ту нагирад, шикаста беҳ.

Дар ҳар диле, ки нест хаёли қадат дар ӯ,
Пайваста аз хаданги ҷафоҳот хаста беҳ.

Ҷонро, ки риштааст ба шерозаи вуҷуд,
Пайванд агар ба ғайри ту бошад, гусаста беҳ.

Ҳарфе, ки дарди ишқ надорад, ниҳуфта хуш,
Оҳе, ки беасар бувад, аз дил нараста беҳ.

Бархостӣ, қиёмати кубро баланд шуд,
Биншин зи по, ки фитнаи маҳшар нишаста беҳ.

Имшаб суроғи нашъа, Парӣ, медиҳад ба базм,
Зоҳид, биё, ки шишаи тақво шикаста беҳ.

* * *

Воизон з-он дар нафас фасли зимистон доран-е,
Манъи мастон аз маи гарм аз дилу ҷон доран-е.

Хубрӯёнро агар ҷамъияти дил муддаост,
Зулфи мушкин аз чӣ рӯ бар рӯ парешон доран-е.

Гулрухон бепарда меоянд бо сад ҷилва пеш,
Дидаҳоро то ба рӯи хеш ҳайрон доран-е.

Дар кухансолӣ дар оғӯшам даро, эй сарви ноз,
Ҷони ширин аз ҷавонон дӯст пирон доран-е.

Ин қадар овораи дайру ҳарам гардида халқ,
Ҷӯстуҷӯят номусулмону мусулмон доран-е.

Лоларӯёнро тамошо кун ба ҳангоми ҳаё,
Аз арақ бар шоми хат гӯши чароғон доран-е.

Ин қадар бар кӯҳи Мино ҷони ширин меканад,
Майпарастон аз Парӣ лаъли Бадахшон доран-е.

* * *

Гиряам мавҷи шароб аст, ту ҳам медонӣ,
Ҷигарам лахти кабоб аст, ту ҳам медонӣ.

Хусрави ҳусни ту, эй моҳи ман аз холаи хат
Ҷилваҳо по ба рикоб аст, ту ҳам медонӣ.

Мардуми дидаи ман бе ту ба тӯфони балост,
Гиряам оби азоб аст, ту ҳам медонӣ.

Ашки ғалтони ман аз ҳусни арақноки кӣ буд?
Даҳанам дурри хушоб аст, ту ҳам медонӣ.

Сари шаб н-омадаву вақти саҳар о, ки саҳар
Саги ағёр ба хоб аст, ту ҳам медонӣ.

Зада сад новаки бедоду яке мегӯӣ,
Дар дили дӯст ҳисоб аст, ту ҳам медонӣ.

Домани зулф ба рӯ мекашӣ аз хоҳиши ноз,
Бо вуҷуде, ки ҳиҷоб аст, ту ҳам медонӣ.

Гар чунин дар дилам аз ишқи ту бедод равад,
Шишаи пурмаи ноб аст, ту ҳам медонӣ.

* * *

Чашму лабат дар куфру дин оварда тарҳи дилбарӣ,
Он як ба эъҷози Масеҳ, в-он як ба сеҳру соҳирӣ.

Эй турки тирафган, агар тирам занӣ ҳамвортар,
Тарсам, кунад аз ман гузар, орад гузар бар дигаре.

Худро агар санҷидаанд, охир хиҷолат дидаанд
Бо рӯи ту шамсу қамар, бо мӯи ту ҳуру парӣ.

Донам агар, эй симбар, орӣ ба хоки ман гузар,
Зуд аз сари ҷон бигзарам, то бар сари ман нагзарӣ.

Шуд ёр ҳар ҷо ҷилвагар, омад рақиби бадгуҳар,
Тӯфон дуо кун, то дигар бо дев н-ояд он Парӣ.

* * *

Мерасад бӯи висолам зи гулистони касе,
Медиҳад ҷайби дилам ғунчаи хандони касе.

Зоҳид, аз банд сӯи сабҳа чӣ мехонӣ маро?
Бастаам риштаи зуннор ба паймони касе.

Тоза шуд захми куҳан, то ба сухан омадаӣ,
Ин намак нест ҷуз ин ҷо ба намакдони касе.

Гирди марҷони ман аз ханда ба дашном нагард,
Он чи ҷони лаби лаъли туву марҷони касе.

Дар чаман нест бисоте, ки беҳ аз сарв бувад,
Тоза шуд боғи дилам аз хати райҳони касе.

Баста дар даври лабат сабз хате гашт тамом,
Инчунин тоза ғазал нест ба девони касе.

Нисбати хору гул ойинаи ин тимсол аст,
Дасти уммеди ману гӯшаи домони касе.

То ба фикри сари зулфи ту набандад дили хеш,
Ҳеҷ комил нашавад гавҳари имони касе.

Ҳамчу хуршед чаро даст тапидан дар хун (?)
Дил агар нест, Парӣ, бисмили мижгони касе.

* * *

Эй ба теғи қазо ҳалок шуда,
Ҷомаи давлати ту чок шуда.

Ба зарурат гузаштаи мискин,
Сокини ҷои саҳмнок шуда.

Зада дар дидаи ҷаҳоне, хок,
В-он гаҳе зуд зери хок шуда.

Аз самак дар ғами мусибати ту,
Номаи халқ бар самок шуда.

Пок буда зи айбҷӯӣ, Парӣ,
Ба биҳишти Худои пок шуда.

* * *

Биё гуфтию рафтам сӯят аз тақсири нодонӣ,
Кунун даст аз гиребон барнамедорад пушаймонӣ.

Намебинам касеро меҳрубону дастгир ин ҷо,
Ғарибии бекасам, умр аст дар тӯфони ҳайронӣ.

Наёмад ҳамчу ашке аз касе ташрифи имдоде,
Зи чашми мардуме афтодаам аз шарми урёнӣ.

Набошам хонамеҳмони касе, дил мекашад, бошам,
Ки меҳмони Азизи Мисри давлат Юсуфи сонӣ.

Вуҷудат боиси ҷамъияти аҳли камол омад,
Нигаҳ дорад Худованди ҷаҳонаш аз парешонӣ.

Бувад рӯзе, ки гарди интизорӣ хезад аз роҳам,
Зи хоки остонаш дуд бардорад Сулаймоне.

Муаммоест мақсуди Парӣ, к-он дар дили пок аст,
Касе накшуду накшояд ба ҷуз меҳри шабистоне.

* * *

Ту ин аҳде, ки бо ман баста будӣ,
Магар баҳри шикастан баста будӣ?

Басе дер омадӣ, гӯё ба ҳар гом
Ҳино дар пои тавсан баста будӣ.

Ба хотир ҳеҷ дорӣ, к-аз сари меҳр,
Маро чун ҷома бар тан баста будӣ.

Кӣ будат шамъи маҷлис дӯш к-аз рашк,
Зи рӯяш чашми равзан баста будӣ?

Чӣ сӯҳбат доштӣ ту бо Парият,
Ки бар дар қуфли оҳан баста будӣ?

* * *

Намак дорад сухан пеши узори дилбар, эй тӯтӣ!
Такаллум кун дар ин оинаи Искандар, эй тӯтӣ!

Сухан аз лаъли ширини кадомин шӯх мегӯӣ,
Зи гуфторат шакар мерезаду қанди тар, эй тӯтӣ!

Сухан санҷида гуфтӣ аз хати гирди узори ӯ,
Ки меҷӯшад аз ин афсона яксар шаккар, эй тӯтӣ!

Зи лаъли ёр мехоҳам ҳадисе, гӯш кун имшаб,
Ки меҷӯшад аз ин афсона яксар шаккар, эй тӯтӣ!

Агар заҳри Ҳасан, хуни Ҳусайнат нест дар хотир,
Чаро болу парат сабз асту гоҳе аҳмар, эй тӯтӣ!

Гулистон тоза гардад аз бисоти сабза густардан,
Дар ин гулшан кушо, баҳри Худо, болу пар, эй тӯтӣ!

Агар дар хотират сайри диёри Ҳинд меояд,
Биё дар кишвари мо гоҳ-гоҳе шаҳпар, эй тӯтӣ!

Фиреби мардумон гар нест аз оинаи хотир,
Чаро кардӣ либоси сабзи зоҳид дар бар, эй тӯтӣ?!

Сухан кардӣ зи ҳусни ҳиндувони сабзи гандумгун,
Намак дар дидаву захми Парӣ шуд яксар, эй тӯтӣ!

* * *

Ду чашми ёр ки шӯханд дӯстон ҳар ду,
Рабудаанд дилу ҷон зи мардумон ҳар ду.

Чунон ки ғамзаи дидору ханҷари тирам,
Ба қасди куштани ҷон гашта якзабон ҳар ду.

Зи кокули сари зулфи анбарафшонаш
Чи фитнаҳо, ки надидем мо аз он ҳар ду.

Ду турки чашми ту зад айни мардуме, бингар,
Ки кардаанд ба хуршед дар гарон ҳар ду.

Ба қасди куштани Паррӣ ду чашми ҷодуят
Гирифтаанд ба бозуи худ камон ҳар ду.

* * *

Шукр, к-аз зулмати андеша наҷотам доданд,
Синае софтар аз оби ҳаётам доданд.

Шарбате к-аз ҳавасаш Хизру Сикандар ҷон дод,
З-оби лаб нӯш ба вақти сакаротам доданд.

Солҳо ҳалқаи ибром задам бар дари чашм,
То зи дил қатраи хуне ба закотам доданд.

Бас ба хун ғӯта задам рақскунон, к-охири кор
Раҳ ба он шоҳиди ширинҳаракотам доданд.

Холмонанд ба рух гарчи сипандам, Паррӣ,
Ба сари оташи сӯзанда суботам доданд.

* * *

Дар ҳама олам чу ту чолок нест,
Дар ҳама гетӣ чу ту бебок нест.

Нест чун ман ошиқи шайдо кунун,
З-он ки чун ту дилбари чолок нест.

Дар кафам аз ишқи ту ҷуз бок не,
Бар сарам аз меҳри ту ҷуз хок нест.

Нест аз ушшоқи олам ҳеч кас,
К-аз ғами ту домани ӯ чок нест.

Бе туям ёру қарин дар рӯзу шаб
Ҷуз дили сарду дили ғамнок нест.

Бар суханҳои чу заҳрат гоҳи хашм
Ҷуз лаби ширини ту тарёк нест.

Гӯӣ аз меҳри Парӣ худ шуста дил,
Гарчи аз кинам дили ту пок нест.

* * *

Хез, то ҷомаи андешаву ғам чок занем,
Хаймаи ишқу тараб бар сари афлок занем.

Сухани аҳли насиҳат ҳама бар бод диҳем,
Сӯҳбати халқи замона ҳама бар хок занем.

Пой дар доираи аҳли харобот ниҳем,
Даст дар домани он лӯъбати чолок занем.

Гоҳ дар майкада бода ба тараб нӯш кунем,
Гоҳ дар мастаба ҷома зи ҳавас чок занем.

Ҳар куҷо муфлиси нобок падидор шавад,
Чанг дар сӯҳбати он муфлиси нобок занем.

Дар харобот ба шодӣ бинишинем, Парӣ,
Ба сабӯҳӣ раҳи ушшоқи тарабнок занем.

# МУХАММАСОТ

## МУХАММАС

Ман нагӯям, ки ту сарвӣ, манишин, бозӣ кун,
Хоҳ бархоста, хоҳӣ бинишин, бозӣ кун,
Чин зи абрӯ бару бе чини ҷабин бозӣ кун,
Баҳри дилҳои асирони ҳазин бозӣ кун,
Гарчи хуршедӣ, Худоро, бинишин, бозӣ кун.

Имшаб он шаб, ки дил аз моҳҷабинон бибарӣ,
Рӯи хубе ба сари зулфи парешон бибарӣ,
Сабру тамкину шикебоии хубон бибарӣ,
Омад он дам, ки дил аз дасти ман осон бибарӣ.
Ба фидои ту кунам ҷон, беҳ аз ин бозӣ кун.

Баски аз сунбули тар боғи ту рангин шудааст,
То хат овардӣ, ҷаҳон ҷӯши раёҳин шудааст,
Каъбаи рӯи ту дар ҷомаи мушкин шудааст,
Зулф бар орази гулгуни ту чин-чин шудааст,
Метавонӣ чӣ қадар, эй бути Чин, бозӣ кун.

Омадӣ чархзанон, сарви хиромон, имшаб,
Кардаӣ зулф ба рухсора парешон имшаб,
Шамъи афрӯхтаро куштӣ ба домон имшаб,
Рост баргӯ, ба кӣ дорӣ сари паймон имшаб?
Ҳар киро хост дилат, хоҳ гузин, бозӣ кун.

Эй ситамгар, зи кучо шишаи соғар задаӣ,
Барқ дар хирмани тамкини ҷаҳон барзадаӣ,
На ҳамин домани зулфайни дару дар задаӣ,
Имшаб аз хуни Парӣ ҷоми мукаррар задаӣ,
Тарҳи бедорӣ туро шуд ба нигин, бозӣ кун.

## МУХАММАС

Азизам, нури чашмам, ҷисму ҷонам, аз чӣ ранҷидӣ?
Туӣ дар тан ҳаёти ҷовидонам, аз чӣ ранҷидӣ?
Туро ғабғаб чу Юсуф ҳусну ҷонам, аз чӣ ранҷидӣ?
Гуноҳам чист, эй ширинзабонам, аз чӣ ранҷидӣ?
Чӣ бад кардам, чӣ гуфтам ман, надонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Сифотатро хирад лолу забон кӯтаҳ баён созам,
Чу Юсуф кам шуда ҳуснат, ба дил гуфтам, аён созам,
Яке густохӣ ин буд, то ки меҳрат имтиҳон созам,
Вагарна, хоки поят тӯтиё бар дидагонат созам.
Асират ман, маҳи номеҳрубонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Маҳи рӯят намудӣ ногаҳон, эй дилбари бебок,
Зи ашки оразат шуд музмаҳил хуршед аз афлок,
Зи тоби чеҳраат гул дар чаман дорад гиребон чок,
Биё, з-ин бештар доғе манеҳ бар дидаи ғамнок,
Бигӯ, бигдохт мағзи устухонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Илоҳӣ, то ҷаҳон барпост, ҳуснат барфузун бодо,
Ки рӯи Сайййиду авлоди Одам раҳнамун бодо,
Ки ҳар кас ҳаст бадхоҳи ту, бахташ вожгун бодо,
Рақибони сияҳрӯят, илоҳо ғарқи хун бодо,
Сурури дил, ҳаёти ҷовидонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Ҳазорон бад агар бошад, ҳаёти Хизр соли ман,
Набошад меҳри рӯят соате дур аз хаёли ман,
Наметарсам, агар мирам, напурсӣ дарду ҳоли ман,
Тараҳҳум кун ба ин роҳат ту, эй нозукниҳоли ман,
Қасам ин, гар тавонӣ имтиҳонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Аз он рӯзе, ки дар рӯзи авал «қол»-у «бало» гуфтам,
Халоиқ мӯътақид мехост, ман аввал туро гуфтам,
Санову ҳамд гуфтам, бас дуруди Мустафо гуфтам,
Ба ҳар як авлиё рафта ба ҷонат ман дуъо гуфтам,
Шудӣ бе миннате вирди забонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Надорам тоқате з-ин беш, эй раъно, илоҷам кун,
Бимурдам аз ғамат, эй шӯхи бепарво, илоҷам кун,
Шудам расвои олам, эй гули зебо, илоҷам кун,
Ту раҳме кун ба ҳоли ман, аё ҷоно, илоҷам кун,
Ба чашмонат тасаддуқ ҷисму ҷонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Ҷамоли ҷилвагар бар рӯзу шаб, эй пок, дар чашмам,
Ки бе рӯят ҷаҳоне камтар аз хошок дар чашмам,
Агар ту хоки поятро ниҳӣ з-афлок дар чашмам,
Азиз аз тӯтиёяш в-ар надонам, хок дар чашмам.
Асират ман, маҳи номеҳрубонам, аз чӣ ранҷидӣ?

Мушарраф бо ҷамоли беназират халқу ман маҳрум,
Бувад саршор аз лутфи касират халқу ман маҳрум,
Ба тахти ҳусн султонӣ, вазират халқу ман маҳрум,
Тахаллус ин дуогӯи Парият халқу ман маҳрум,
Аёнгоҳаш – дилу лутфаш – амонам, аз чӣ ранҷидӣ?

## МУХАММАС
## БАР ҒАЗАЛИ САЪДӢ

Ба абри сунъ чу машшотагон кардастанд,
Тилисми боғ дар ин бӯстон бишкастанд,
Ҳамин на сабзаву гулҳои настаран рустанд,
«Дарахт ғунча бароварду булбулон мастанд,
Ҷаҳон ҷавон шуду ёрон ба айш биншастанд».

Шунидаам, ки гурӯҳе зи роҳи сайёрӣ
Даромаданд ба гулзор аз сари ёрӣ,
Ҳадиси ғунчаву гул карда бар забон ҷорӣ,
Ба сарв гуфт яке: «Мевае намеорӣ?»
Ҷавоб дод, ки «Озодагон тиҳидастанд».

Баҳор омаду дар боғ аз салои нишот
Ба сурхрӯӣ даромад гул аз барои нишот,
Ки булбулон шуда з-он рӯ ғазалсарои нишот,
«Бисоти сабза лагадкӯб шуд ба пои нишот,
Зи баски орифу омӣ ба рақс барҷастанд».

Ба пири майкада гуфтам, ки «Чист охири кор?»
Хабар набуд касеро зи хилвати асрор,
Ҳазор қарн гузаштаст, омада бисёр,
«Бурун намеравад аз хонақаҳ яке ҳушёр,
Ки пеши шаҳна нагӯяд, ки сӯфиён мастанд».

Агар хирад шавадат дастгиру роҳнамо,
Чунин қазо нашавад, дашти бехудӣ паймо,
Забони ишқи Парӣ ҳам бар ин сухан кӯтоҳ,
«Ба роҳи ишқ бирафтанд, Саъдиё, онҳо,
Ки раҳ ба олами девонагон надонистанд».

## МУХАММАС
## БАР ҒАЗАЛИ СУЛАЙМОНӢ

Ҷон ҳайф, ба кӯи ту тапидан натавонист,
Кар гӯш, ҳадиси ту шунидан натавонист.
Хун дида, гули рӯи ту дидан натавонист,
«Чун хок ба пои ту расидан натавонист,
Дил об, ба роҳи ту чакидан натавонист».

То шона ба гесӯи ту зад дасти тавассул,
Гардид парешон ба чаман хотири сунбул,
Эй ғунчаи сероби гулатро ҳама булбул.
«Хуш тавф кунад боди сабо дар ҳарами гул,
Дар гулшани кӯи ту вазидан натавонист».

То акси рухи моҳи нав аз парда туро дид,
Олам ҳама як дидаи ҳайрон ба ту гардид,
Ҳар дида ба ҳар ҷой, ки дидаст, туро дид,
«Мехост, қалам чун ту кашад сурати хуршед,
Ҷуз сурати оина кашидан натавонист».

Эй ҷилваат аз ҷумлаи ашё шуда маълум,
Дарси ғами ишқи ту бувад бо ҳама мафҳум,
Ҳиҷрони ту мавҷуд, вале васли ту маъдум,
«Эй вой, зи парвози ҳамон бисмили маҳрум
Бигзашт зи худ, бо ту расидан натавонист».

Танҳо на асири қади дилҷӯи ту шамшод,
Аз тавқи ғуломии ту қумрӣ шуда дилшод,
Эй гашта гирифтори ғамат бандаи озод,
«Озодии сайде, ки ба доми чу ту сайёд
Афтод, дигар бор рамидан натавонист».

Субҳам накунад ҳеҷ нумӯ ҷуз асари шом,
Гардид гулам ғунчаву охир самарам хом,
Фарёд зи оғози ману дод зи анҷом,
«Шуд уқда ба дил шарҳи ғаму ғуссаи айём,
Лаб гуфта, аз он гӯш шунидан натавонист».

Эй сиккаи хубӣ зада бар номи ту даврон.
Хайлу ҳашамат ҳазрати ҳусни ту дилу ҷон,
Худ кист, Парӣ, сар наниҳад бар хату фармон?
«Фармонбари фармони ту гардида Сулаймон,
Сар аз хами ҳукми ту кашидан натавонист».

# МУХАММАС
# БАР ҒАЗАЛИ ЗУҲУРӢ

Зи гӯш пунбаи ғафлат кашидан осон нест,
Ҳадиси аҳли сафоро шунидан осон нест,
Ба пои ланг дар ин раҳ давидан осон нест,
«Қадам зи маркази имкон кашидан осон нест,
Даруни хилвати ваҳдат расидан осон нест».

Ба хок даъвии гарданкашон намебошад,
Ба соя орзуи хонумон намебошад,
Тариқи аҳли вафо ину он намебошад,
«Фақир толиби ному нишон намебошад,
Бирав, ки ҷомаи шӯҳрат даридан осон нест».

Ба хок реша давониданат самарнок аст,
Зи худ баромаданат нолаи асарнок аст,
Чу шамъ ҳосили гарданкашӣ шарарнок аст,
«Сафар зи кӯи худӣ кун, ки пур хатарнок аст,
Дар ин диёри хароб орамидан осон нест».

Касе, ки бастаи занҷири хона шуд дар хок,
Ба тири шасти маломат нишона шуд дар хок,
Фаришта буд, дар ин остона шуд дар хок,
«Чу мурғи рӯҳ гирифтори дона шуд дар хок,
Зи шохсори маъонӣ паридан осон нест».

Дар ин ситамкада онро, ки дар бадан ҷон аст,
Барои сад дирамак рӯзу шаб парешон аст,
Зи эҳтиёҷ бурун нест, гарчи Хоқон аст.
«Ба мӯр уфтадаш кор, гар Сулаймон аст,
Тамаъ зи ёрии халқон буридан осон нест».

Маҷӯ зи тирадилон гуфтугӯи аҳли сафо,
Ба гӯши занг чӣ хонӣ ҳадиси оинаро?
Сароброро чӣ хабар аз ҳақиқати дарё?
«Фаност, он ки надонад сухан зи ҳоли фано,
Ба ин маротиби олӣ расидан осон нест».

Далели роҳат агар оҳи пуршарар набувад,
Чароғи ин шаби торик чашми тар набувад.
Аз он манозили мақсад, Парӣ, асар набувад,
«Рафиқи ҳамсафаре ҳамчу Хизр агар набувад,
Ба кӯи дӯст, Зуҳурӣ, расидан осон нест».

# МУХАММАС
# БАР ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Бад-ин хубӣ агар ҳусни ту бардорад ниқобашро,
Киро тоқат, ки бинад офтоби беҳиҷобашро?
Таҳайюрмисрае дорам, чӣ мегӯӣ ҷавобашро,
«Лаби ҷӯе, ки аз акси ту парвардаст обашро,
Нафас дар ҳайрати оина меболад ҳубобашро».

На дар васфи қади ӯ сарву тӯбо достон дорад,
Гули ин боғ дар мадҳи равоҳаш сад забон дорад,
Дили ғамгинпарастам беқарориҳо аз он дорад,
«Хиромаш мисраи шӯхе рамидан дар миён дорад,
Нахоҳам гар зи худ рафтан, кӣ мегӯяд ҷавобашро?»

Надорад аз тағофул ҳеҷ гаҳ чашмат пушаймонӣ,
Намеояд зи оини фаранг кеши мусулмонӣ,
Биё, баҳри Худо, бахшой мӯреро сулаймонӣ.
«Нигоҳам бе ту чун оина шуд помоли ҳайронӣ,
Бад-ин сарчашма раҳме кун, ки мавҷе нест обашро».

Дар он саҳро, ки ваҳшат рехтанд аз ғамзаи Лайло,
Рамидан гашт дар чашми ғизолон сурмаи Лайло,
Чӣ мепурсӣ дигар аз дастгоҳу рутбаи Лайло,
«Баландӣ он қадар болидааст аз хаймаи Лайло,
Ки натвонад кашидан нолаи Маҷнун танобашро».

Дар ин маҳфил зи бас камфурсатӣ дар мезанад, Бедил,
Зи ҳастӣ то адам як давр соғар мезанад, Бедил,
Парӣ ҳам аз шикасти ранг сар бармезанад, Бедил,
«Дар он водӣ, ки аз худ рафтанам сар мезанад Бедил,
Шарар арзи хироми санг медонад шитобашро».

## МУХАММАС
## БАР ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Кас нашуд огоҳ, к-аз сарҷӯши саҳбои Парӣ
Нашъа пур соф аст чун саргарми савдои Парӣ,
Аз нигоҳат кист, дарёбад тамошои Парӣ,
«Эй кушоду басти мижгонат муаммои парӣ,
Ҷом дар даст аст, аз чашми ту минои парӣ».

Пуршуданҳоят, чу маҳ машқи ҳилолӣ карданист,
Сайри ин гулзор аз холе ба холе карданист,
То ба кай фикри муҳоли безаволӣ карданист,
«К-охир оғӯши хаёл аз хеш холӣ карданист,
Шишае дорӣ, ду рӯзе гарм кун ҷоми парӣ».

Эй ҳавас, оина бе тимсоли оҳ омода аст,
Ҷилваи беранг аз қайди нигоҳ озода аст.
Ҷоми ваҳдат фориғ аз андешаи ҳар бода аст,
«Коргоҳи ҳусни таҳқиқ аз такаллуф сода аст,
Ҳастии бенақш мебофанд дебои парӣ».

Сурма то чашми сиёҳат фарқ натвон ёфтан,
Ҷилва то рухсори моҳат фарқ натвон ёфтан,
Қаҳру лутфи гоҳ-гоҳат фарқ натвон ёфтан,
«Аз тағофул то нигоҳат фарқ натвон ёфтан,
Як чунун мепарварад пинҳону пайдои парӣ».

Эмин аз доми фиреби чархи беҳосил мабош!
Бехабар аз фитнаи даврони сангиндил мабош!
Чун Парӣ зиндонии минои ин маҳфил мабош!
«Бедил, аз осори найранги фалак ғофил мабош!
Вазъи ин нӯҳ ҳалқа халхол аст дар пои парӣ».

## МУХАММАС

Зиҳӣ рӯят, к-аз ӯ шуд рутбаи пайғамбарӣ пайдо,
Вуҷудаш ашрафи авлоди Одам Хоҷаи Ато, (?)
Кашидаш ҷазбаи ҳақ аз замин то олами боло,
«Ниҳодӣ аз далерӣ қурби субҳон аз-зуҳо ясро,
Шаби мероҷ бар фарқи ҳумоюнтоҷи авадно».

Лаби мӯъҷизкаломаш хилвати рози Масеҳо шуд,
Нафас аз лаъли ӯ оинапардози Масеҳо шуд,
Дамашро файзи оме буду дамсози Масеҳо шуд,
«Натанҳо аз лабаш ҷоне ба эъҷози Масеҳо шуд,
Сулаймон ёфт аз ӯ хотам чу Мӯсо, ки яди базо».

Ҷаҳоне доштам чашме ба роҳи омаданҳояш,
Ки то дар бурҷи иқболе битобад меҳри симояш,
Замин то осмони арш холӣ кардаанд ҷояш,
«Маконҳо доштанд хамёзаи субҳи таманнояш,
Ки омад Машриқи хуршеди зоташ зарбаи бутҳо».

Кучо буд олами ғайби шаҳодат бе ҳузури ӯ,
Замину осмони ҷаннати ҳуру қусури ӯ?
Набуд овозаи мулки малик пеш аз ҳузури ӯ,
«Ду олам ёфт ташрифи вуҷуд аз файзи нури ӯ,
Китоби офариништро будӣ бисмиллаҳи туғро».

Забонҳо гар гуҳарборӣ кунад чун абри найсонӣ,
Набошад лоиқи наъташ зи алфози мусулмонӣ,
Парӣ дорад ба он хуршеди тобонзарра ҷавлоне,
«Туро дидам шабе дар дохили майхона пинҳонӣ,
Ки шуд аз файзи наъташ пояи арши сухан боло».

# ТАЪРИХ

## ТАЪРИХИ САРОИ ҲИСОР

Ба қасри ҷоҳу давлат то қиёмат
Хидев Абдулкаримбӣ-додхо бод,

К-аз иқболи баландаш ёфт таъмир
Чунин олисарое хуррамобод.

Дари итмом з-ӯ гардид кӯтоҳ,
Чу аз домони кораш дасти устод.

Дабири хурдадони покандеш,
Чунин дар соли анҷомаш рақам дод,

Гузашт аз авҷи торум, гуфт таърих:
«Имороти рафеъи сангбунёд».

## ТАЪРИХИ БИНОИ ИМОРАТ

Ин бинои зарнигору қасри давлат тавъамон
Ёфт тарҳи зебу зайн аз хусрави фархундаҷоҳ.

Дӯстонро ҳамчу коху қасри ҷаннат дилкушо,
Душманонро мили чашму сели бунёди нигоҳ.

Он чӣ буд дар килки наққоши азал боқӣ зи хулд
Аз рақам бар авҷи ин кошонаи давлатпаноҳ.

Нусхаи айвонаш аз беҳзодии килки қазо
Рӯз боби меҳр дорад, шаб фурӯғи шамъу моҳ.

Баски шоҳи динпаноҳ ин қасри давлат кард тарҳ,
«Қасри давлат» шуд аз ин таърихи «шоҳи динпаноҳ».

## ТАЪРИХИ САРОЙ

Аё боргоҳи Абдулкарим – он волии давлат (?)
Ки бодо то қиёмат бодаи иқбол дар ҷомаш.

Бинои тоза ар ҷо аз натоҷи бикри фикри ӯ
Карамро дастгоҳи рафъату нақши нигин номаш.

Сарое сохт чун ҳиммат баландовозаву олӣ,
Ба фарқи осмон шуд сояпарвар рафъати бомаш.

Чунин олӣ биное кӯҳпайкар Бесутунеро,
Ду сол омад чу май кайфияти оғозу анҷомаш.

Ба таърихаш зи хишти ин бино з-он байт меҷӯшад:
Хирад бедурд аз саҳбо, рақам «соғар» дар итмомаш.

# ЗАФАРНОМА

* * *

Биё, эй дабири ҳикояттароз,
Ҷаҳони куҳанро сухан тоза соз.

Ба имдоди гавҳарфишон хомае
Рақам деҳ яке дилпазир номае.

Ки бошад писанде ба гӯяндагон,
«Зафарнома» хонанд хонандагон.

Ба даврони ҳар хусрави номвар
Рақам шуд басе қиссаи номвар.

Чи дар аҳди ҳар шоҳи сарафсаре
Чу Фирдавсӣ будӣ забоноваре.

Ки то номи шоҳони офоқгир
Ба мӯҳри забонҳои барнову пир.

Бимонад, к-аз эшон басе рӯзгор,
Зи меҳтар ба кеҳтар бувад ёдгор.

Парӣ ҳам дар ин пеша дорад саре,
Ки орад зи баҳри хирад гавҳаре.

Чӣ дафтар «Зафарнома»-и пур зи фан
Ба номи валинеъмати хештан.

Нигорад ба имдоди табъи салим
Ба парвоначӣ бийи Абдулкарим.

Шаҳи покгавҳар муқаддассифот,
Зи бурҷи сиёдат чу хуршеди зот.

Амиру саросар ҷаҳон баргирифт,
Аз ин баргирифтан наёмад шигифт.

Амонатпаноҳ асту вологуҳар,
Муҳаммад Саидбий атолиқ падар.

Зиҳӣ давлату хусрави покдин,
Падар то падар ёфт тоҷу нигин.

Зи табъияти подшоҳи Бухор
Задӣ гӯӣ давлат ба мулки Ҳисор.

Сари ҳар кӣ дар хатти фармони ӯст,
Муайян ба шердилӣ эҳсони ӯст (?).

Зи ислом бозу кунад ҳар кӣ зӯр,
Сулаймони аср асту аъдош мӯр.

Чу хоқони ислом зилли Худост,
Ҳамоне, ки ӯ зилли зилли Худост (?).

Шунидам, ки шоҳе зи дарвозиён
Бурун тофт аз роҳи обо инон.

Саролою Қирғиз то Обигарм
Даромад ба ҳукмаш ба ҳукми қалам.

Қаротеғину Ғарми хулдосо мунир (?)
Ба фармони ӯ шуд ба шамшеру тир.

Валекин напардохт бо шукр кор,
Набурд саҷда бар ҳазрати кирдгор.

Камар хизмати нафси аммора баст,
Ба куфрони неъмат бароварда даст.

Чу аз айби пиндор он бадгуҳар
Ба ҳақношиносӣ бароварда сар.

Дари фисқ чандон бар ӯ кард боз,
Ки шуд даст кӯтоҳу исён дароз.

Чи духтар, чи зан бар раият намонд,
Бар ӯ ҳеҷ поси шариат намонд.

**Шурӯъ дар сабаби ҳаракат**
**кардани Абдулкаримхон**

Ба хоқони ислом зилли Илоҳ
Расид ин ҳикоёти маънитабоҳ.

Бифармуд бар шаҳрёри Ҳисор,
Ба панду насиҳат дарорад ба кор.

Чу аз роҳи шафқат басе панд дод,
Ба рӯяш дари сад насиҳат кушод.

Ки шояд ки бедор гардад зи хоб,
Зи гумроҳӣ ояд бо роҳи савоб.

Ба хоқони ислом рӯ оварад,
Аз ин роҳ номи накӯ оварад.

Нашуд ин насиҳат бар ӯ коргар
Зи пиндор бо дев буд чун писар.

Ба ёғӣ шудан сар бароварду гуфт,
«Ки тоқам ба кишваркушоӣ, на ҷуфт.

Шаҳам, подшоҳам ба тоҷу нигин
Кӣ аз ман ба хасмӣ ситонад замин?!

Маро бар амири Бухоро махон,
Надонам ба ҷуз хони Хӯқанд хон!

Расид ин суханҳо ба хоқони Чин,
Ба гетиситон шаҳрёри замин.

Бифармуд аз хашм дар корзор
Сипаҳдори лашкар, сипоҳи Ҳисор

Кашад бар сари ёғии бадниҳод,
Занад сар зи гардан ба теғи ҷиҳод.

Ба фармудаи подшоҳи замон
Шуд омода лашкар зи пиру ҷавон.

Ҳама ҷамъ гаштанд хурду бузург,
Зи Хатлону Деҳнав, зи тоҷику турк.

Бад-ин гуна лашкар ба чандин алам
Расиданд то балдаи Обигарм.

Шаб он ҷо чу бурданд манзил ба сар,
Саҳаргоҳ бастанд маҳмил дигар.

Сипаҳдори лашкар ба фармондиҳӣ,
Баромад ба зинҳорӣ дори маҳӣ (?).

Заду ҳарф бар мизони наздику дур:
«Ки ин балдаро ҳазр бошад зарур».

Ба ҳасраш камар баст шоҳи далер,
Ту гуфтӣ дигар дошт аз мағзи шер.

Гирифтанд пиромуни ӯ сипоҳ,
Баромад ғиреву даводав ба моҳ.

Ба саркӯби ӯ мири Хатлонзамин
Ба фармудаи Хусрави покдин

Баромад дар он ҷову манзил гирифт,
Чи манзил, ки бадхоҳро дил гирифт.

Аз он сӯ бифармуд Хусрав дигар,
Ба тӯпи ҷаҳонгири соҳибзафар.

Зарандуш, ки бадхоҳ бадҳол гашт,
Дару бому девор-ш ғирбол гашт.

Гирифтанд атрофи он балдагоҳ
Зи реги биёбон фузунтар сипоҳ.

Аламдору мирони соҳибзафар,
Ба фармони амми фузун аз падар.

Ба хизмат камарбаста истодаанд,
Ба ҳар хизмате бошад, омодаанд.

Муҳаммад Ҳакимбий ба сидқи тамом,
Таваҷҷӯҳгари лашкари некном.

Ҳавохоҳи амми баландахтар аст,
Ризоҷӯи кеҳтар ба он меҳтар аст.

Ризоҷӯи дигар бари шаҳрёр
Сипаҳдор Қосимбийи номдор.

Ба зӯри камон дасти Баҳром тофт,
Хадангаш дили санги хоро шикофт.

Мусаллам шуд он рӯз аз хусравон
Ба бозуи Олимбийи шаҳкамон.

Сипаҳро саранҷом паи кор каш,
Дигар меҳи чашми адӯ хор каш. (?)

Зи мардон ба мардӣ рабудӣ гарав,
Ба болои хасм аз ҳама пешрав.

Аламдору сардору лашкаршикан,
Ба майдони бадхоҳ рӯинатан.

Дигар сарвароне, ки дар лашкаранд,
Ҳама ҷонсупоранду фармонбаранд.

Сипаҳдори лашкар чу дид ин замон,
Ҳама лашкаре якдилу якзабон,

Бифармуд мардон бароростанд,
Ба душман ба якборагӣ тохтанд.

Далерӣ ба майдон дуболо шудӣ,
Шикасти дили хасми бепо шудӣ.

Чу зарби сиёсат бад-ин гуна дид,
Ба ҷуз роҳ додан дигар раҳ надид.

Баромад ба сад узру дид ин ҳашам,
Амон хост бар ҷон, дод Обигарм.

Шаҳисмоил – он шоҳи баргаштабахт,
Ҷудо гашта аз давлату тоҷу тахт.

Дар ин ҳол омад, шуд огаҳ зи кор,
Зи кайфияти лашкари бешумор.

Намудӣ ба чашмаш ҷаҳон растахез,
Гирифтӣ ба якбора роҳи гурез.

Талаф шуд ҳама хаймаву лашкараш,
Нигун гашт якбора карру фараш.

Зи мардум басе буда бимаш ба ҷон,
Ки бадкарда буд ӯ ба халқи ҷаҳон.

Касе к-ӯ ба мансуб озор кард,
Ба мазъул тарсад зи кирдори бад.

Ту мансуби дунёӣ бар нафси хеш,
Натарсӣ зи мӯъзилии рӯзи пеш.

Суханро, ки раҳ бурдӣ кирдори шаҳ,
Дар ин ҷо ту напсандӣ бар ман гунаҳ.

Дигаргуна гӯям, дар ин роҳи сахт,
Куҷо рафт он шоҳи баргаштабахт?

Таваққуф накарда, дар ин раҳ зи бим,
Расидӣ ба ҷояш, вале дил дуним.

Нахуфтӣ, шаб аз тарс бар дори хеш,
Ба чашмаш намак рехт кирдори хеш.

Зи дунболи ӯ шаҳрёри далер
Равон гашт болову гоҳе ба зер.

Гаҳе бар замин, гоҳ бар осмон
Ҳамедид пасту баланди ҷаҳон.

Яке Бесутункӯҳ омад ба пеш,
Фалакро ҳамехонд ӯ зилли хеш.

Зи офат чӣ дорад ба чархи барин,
Ҳамон нисбати осмон бар замин.

Шудӣ Каҳкашон сояи роҳи ӯ,
Ба рифъат само то камаргоҳи ӯ.

Касе аз оҳ ҳеҷ қаҳраш надид (?),
Сироте ба рӯи ҷаҳаннам кашид.

Ба васфаш ҳанӯз ин сухан нотамом,
Ба Шаҳкандагӣ буд ба шӯҳрат, ба ном.

Аз ин роҳи борики қаъраш ҷаҳим
Якояк гузаштанд лашкар салим.

Расиданд то мавзиъи Чилдара,
Хабар шуд ба Дарвозу Тавилдара.

Ки омад ба мо шаҳрёри Ҳисор
Фузун бо сипоҳи зи панҷаҳ ҳазор.

Битарсид аз ин шоҳи гумкардароҳ,
Зи Шаҳкандагӣ чун гузашт ин сипоҳ.

Магар давлати ман ба охир расид,
Чунин рӯзи сахтем омад падид?!

Зад ин фолу бар ҷон тарсаш фитод,
Дари узрхоҳӣ ба рӯяш кушод.

Ки «бад кардам, эй шоҳи гетиситон,
Амон деҳ ба ҷонам, амон деҳ, амон!»

Пазируфт узраш дили шаҳрёр,
Амон доду овардаш андар Ҳисор.

Зӣ Қирғизу Олойу Дарвоз ҳам
Ба якбора шуд фатҳ то Обигарм.

Тилисми чунин кӯҳи оҳанрабо
Чу оҳанрабояш рабудӣ зи ҷо.

Ба иқболи Искандари шаҳрёр
Ба фатҳу ба нусрат расидӣ Ҳисор.

Ду таърих чун дурри носуфта суфт,
Шаҳи покгавҳар ба иқбол гуфт:

Гирифтам ба таърихи ин фатҳи хез,
Ки рӯи заминро ба шамшери тез.

Пас он гаҳ «сари ёғӣ» кардам қалам,
«Зафарнома» таърих додам рақам.

# ИЛОВАҲО

*Собири Шоҳонӣ*

# ПАРӢ ВА ШӮҲРАТИ АДАБИЁТИ ҲИСОРИ ШОДМОН

Дар асри нуҳуми мелодӣ дар музофотҳои тоҷикнишин кӯшишу ҷунбиши ташкил додани давлатҳои миллӣ зуҳур меёфт. Ин ҳаракат билохира паиҳам боиси таъсиси давлатҳои Тоҳириён (821 – 873), Саффориён (867 – 910) ва Сомониён (811 – 1005) гардид. Дар ин айём ба ташкили адабиёти навин ва ташаккули забони тоҷикӣ эҳтиёҷ афтод. Дар пойтахти давлати Сомониён – шаҳри Бухоро доираи адабӣ ташкил ёфта, одам-уш-шуарои назми Машриқзамин Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба он даъват шуд. Устод Рӯдакӣ назми тоҷикиро ба пояи баланд расонида, дар рушди забон низ хизмати бебаҳо кард.

Ба шарофати ин авҷу барор ва пояи баланди эътибори адабиёти тоҷик дар марказҳои дигари маъмуриву фарҳангӣ доираҳои адабӣ низ арзи вуҷуд мекарданд, ки Чағониён (Ҳисори Шодмон) аз ҷумлаи онҳо буд. Сарвариву сарпарастии шуарои ин доираи адабиро ҳамасри Рӯдакӣ ҳокими Чағониён Тоҳири Чағонӣ бар ӯҳда дошт. Ӯ табъи баланди шоирӣ дошту дар жанрҳои мухталиф шеър менавишт. Ҳаминаш ҷолиб аст, ки Дақиқӣ, Мунҷиқи Тирмизӣ, Лабибӣ, Маъруфӣ барин шоирони забардасти давр аз ӯ тарбия ва илтифот дидаанд.

«Мутаассифона, баъди инкишоф ва шӯҳрат ёфтани адабиёти сарзамини Чағониён дар ибтидои асрҳои миёна чароғи адабиёту маданияти Ҳисор хомӯш гардид. Сабаби ин то имрӯз ба муҳаққиқони таърихи адабиёт пӯшида аст. Ин хомӯшӣ то асри XV, яъне муддати тӯлонии панҷсад солро дар бар гирифт. То ин давра номи ягон олиму шоир ва ҳунарманди ҷодаи санъати

ин сарзамин дар саҳфаи таърих, махзану тазкира ва сарчашмаи таърихӣ-адабӣ дарҷ наёфт.

Донишмандони соҳаи таъриху адабиёт тахмин мекунанд, ки яке аз сабабҳои аз фаъолият боз мондани доираҳо ва мактабҳои адабӣ дар асрҳои XIII – XIV шояд ба тасарруфи давлати Чағониён даровардa шудани сулолаи Шумон бошад. Чунки шоҳ Чағонӣ – писари Чингизхон дар ин сарзамин анъанаҳои аҷдодии худро мепарастиду маданияти аҳолии маҳаллиро намехост. Ба ақидаи дигарон, бар асари тохтутозу қатлу ғорати аҷнабиён давлат ба қисмҳои алоҳида ҷудо шуда, оммаи мардум парокандаву сарсон шуданду маҳфили адабии Ҳисори Шодмон дигар харидор ва муҳимаш сарпараст наёфт.

Танҳо дар асри понздаҳ номи як нафар шоир – Муҳйии Ҳисорӣ дар китоби «Сияр-ун-набӣ» (соли 1418) сабт ёфта буд, ки онро олими англис Ч.Сторн ба аввалҳои асри XV мансуб медонад». (иқтибос аз мақолаи С.Эшзода – С.Ш.)

Ҳамин тавр адабиёти сарзамини Ҳисори Шодмон роҳи вазнину сангин ва баъзан хунинро паймуда, то ба аҳди ҳукмронии Абдулкаримхон расид. Беки ҷавон, ки худ зодаву парвардаи Каротоғи адабиётдӯсту фарҳангпараст буда, борҳо дар маҳфилҳои адабиву мусиқӣ иштирок дошт, азм кард, ки дар дарбораш як доираи бонуфузи адабӣ ташкил дода, ба он шоирони номии шаҳри Ҳисор ва адибони деҳнишинро ҷалб намояд. Аз ҷумла ӯ овозаи шоирии Парии Ҳисориро шунидаву худи ӯро надида буд ва иштиёқи дидори ӯро дошт. Ба иттифоқи ҳасана, як рӯзи баҳорӣ азми тамошои саҳро кард.

Ин ҷо як мулоқотро бо Домулло Шариф – Мавлои Ҳисорӣ овардaнием. Дар ин мулоқот Ҳазрат ҳикояти аҷибе карданд:

– Ҳокими Ҳисор Абдулкаримбий хислати аҷиб доштааст, – гуфтаанд он Ҳазрат, – гули дӯлона ва гули

лолаи миёни гандумзорро дӯст медоштааст. Вай илми ҳарбиро низ мукаммал омӯхтаву дар набард ҳам маҳорати баланд доштааст. Аз ин рӯ гоҳ-гоҳ ба баландие баромада аз он ҷо тамоми водиро тамошо кардаву аз куҷо омадани душман ва роҳи пешгирии онро андеша менамудааст.

Яке аз рӯзҳои баҳорӣ, ки замин сабзу гулпӯш ва чашмаҳо дар ҷӯшу дарёҳо пурхурӯш буд, ҳокими ҷавон ҳамроҳи ҳамрикобонаш ба тамошои лолазори мавзеъи Уштурхона, болои зодгоҳи Парии Ҳисорӣ – деҳаи Булоқсайидон меравад.

Ба наздикии деҳа мерасаду мебинад, ки марди қаддарози сиёҳпӯст либоси фақирона пӯшида, дар лаби ҷӯйчае харашро ҷойгардон карданист. Саворaҳо ба он марди ношинос наздик шуда, роҳи наздику қулайтаре, ки ба теппаи Ҷаҳоннамои саргоҳи Булоқсайидон мебурда бошад, пурсон мешаванд. Он мард баъди салом додан ва ба ҷо овардани одобу эҳтиром роҳро нишон медиҳад. Саворaҳо роҳи теппаро пеш мегиранд. Баъди якчанд қадам мондани аспон беки ҷавон ба ҳамроҳонаш мегӯяд:

– Ман дар рафтору гуфтори ин мард як чизро пайхас кардам. Вай ба рустоии одӣ монанд нест. Аз тарзи адабгуфторӣ ва одобу муошираташ одами босавод ва аз адаб огоҳ барин. Мабодо вай шоир Парӣ набошад?

Ҳамроҳонаш ба ӯ мегӯянд, ки вай ба ин сурату сумот ва сару либоси дарвешона ҳаргиз Парӣ шуда наметавонад. Мувофиқи шеърҳояш Парӣ бояд як марди босалобату хушлисоби ҳақиқатан шоирзеб бошад.

Бек исрор мекард, ки баргашта ба назди он мард хоҳад рафт ва ҷилави аспашро гардонда, ҷониби мард меравад. Ҳамроҳон низ ноилоҷ аз роҳ бармегарданд. Абдулкаримхон, ки ҷавони шоиртабъу хушзавқ будаву шеър машқ мекард, дар роҳ мисрае бофта назди Парӣ рафт. Парӣ он замон ба замин гулмех мекӯфт.

Бек ба ӯ мисраъро қироат кард:

– Раҳи ман қад-қади ин оби равон аст, бубин.

Парӣ, ки Абдулкаримхон будани ӯро аз фаросаташ дарёфт, зуд ҷавоб гардонд:

– Сари ман дар қадами шоҳи ҷаҳон аст, бубин.

Баробари шунидани ин мисраъ беки ҷавон аз асп фаромада, Париро ба оғӯш кашиду гуфт:

– Ман устоди худро дарёфтам, аз худи пагоҳ ба қалъа оед, мо дар хизмати шумоем.

Ҳамроҳон аз ин воқеъа ҳайрон ва ба ақлу фаросати беки ҷавон қоил шуданд. Ҳамин тавр Муллораҷаби Парӣ ба дарбори бек рафта, ба мансаби «Маликуш-шуаро» расид...

Алқисса дар замони Абдулкаримхон дар дарбори ӯ ва берун аз он дар деҳоти Ҳисор шоирони зиёде ба майдони адабиёт омада, доираи адабии маҳаллии худро созмон медиҳанд. Шоирон Мулло Муҳаммадраҷаби Парӣ, Мулло Эҳсои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Мункӣ ва дигарон иштирокдорони ҳамин маҳфили адабӣ буданд.

Мо ин маълумотро аз шаҳодати Мирзо Абдулазими Сомӣ медонем, ки ӯ дар тазкирааш «Миръот-ул-хаёл» ҳамчун шоҳиди воқеӣ дарҷ намудааст:

*Дар он дам, ки Абдулкарим дар Ҳисор*
*Ҳукумат ҳамекард дар ихтиёр.*
*Дар он вақт аз шоирони надим,*
*Ҳамебуд Муллораҷаб мустақим.*
*Тахаллус «Парӣ»-шӯҳраи ҳар диёр,*
*Шуда шеъри ӯ шӯҳра андар Бухор.*
*Дигар мардумони бухорӣ, ки шон*
*Ба озодагӣ шӯҳра андар ҷаҳон.*
*Саидҷону Мирзои Мункӣ дигар,*
*Чунин боз чанде балоғатасар.*
*Ба сӯҳбат шабу рӯз ҳамроҳи ӯ,*
*Ба шеъру ғазал доштанд гуфтугӯ.*

Солҳо мегузаштанду овозаи доираи адабии Ҳисор беш аз пеш ба шаҳру кишварҳои дигар паҳн гардида, шӯҳрати Парӣ меафзуд. Вай бо шеърҳои лирикии ширину шаккаринаш нафақат дили шайдоёни шеъру ошиқони дилдодаро ба ҷӯш меовард, балки ихлоси ҳокими адабдӯсту шоирпарасташро рӯз то рӯз зиёд мекард.

Шоир Парӣ дар радифи «Гули сурх» ғазале навишта, дар базми оростаи бек қироат кард, ки матлааш ин буд:

*Дар чаман дорад агар файз баҳорон гули сурх,*
*Мижа аз хуни дилам рехт ба домон гули сурх.*

Абдулкаримхон аз шунидани ин ғазал ба шавқ омада, ба шоир Мирзо Мункӣ фармуд, ки дар ҷавобаш шеъре нависад ва Мирзо шеъри ҷавобия иншо мекунад.

Овозаи доираи адабии Ҳисор нафақат шоирони музофотҳои атроф, балки адибони номии Бухороро ба Ҳисор меорад, Мирзо Муншии Ҷондорӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Абдулазими Сомӣ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигарон аз ҷумла онҳо мебошанд.

Шоирони ҳисорӣ, бо сарварии Парӣ онҳоро ба камоли илтифоту меҳрубонӣ истиқбол менамоянд. Меҳмондорӣ мекунанд, базму маҳфилҳои шеъру суруд ороста мушоира ва сурудхонӣ мекунанд. Барои боз ҳам хуштар намудани табъи меҳмонон, ба онҳо асп ёфта, ба сайру тамошо мебаранд.

Аспи Мирзо Содиқи Муншӣ ҷавмасту саркаш будааст. Меҳмон аспро идора карда натавониста аз болояш меафтад, ба болои ин асп лагад мезанаду хушбахтона лагадаш сабук мерасад. Вай аз ҳуш меравад. Ба ҳуш омада мебинад, ки сар дар зонуи Парии Ҳисорист ва Парӣ ашк мерезад. То пурра сиҳат ёфтани меҳмон

Парӣ бемордорӣ мекунад. Дар ин бобат Мирзо Содиқи Муншӣ байт гуфта:

*Гарчи зад дев лагад,*
*Тарбиятам кард Парӣ.*

Чунонки дар боло ишора рафт, шӯҳрати Парӣ то ба шаҳру музофотҳои дур рафта буд. Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» инро собит менамояд ва менависад:

– Гӯянд Парӣ кареҳулбашар (безеб) буд, фузалои Бухоро, ки аз ҳусни гуфтор ва тарзи ашъораш толиби дидори ӯ шуда буданд, боре ба Бухоро хондандаш. Парӣ дар ҷавоб ин байтро навишта фиристод.

*Парӣ чун равғани поки Бухоро,*
*Шунидан дораду дидан надорад.*

Шӯҳрати Парии Ҳисориро боз ҳамин далел собит месозад, ки бисёр шоирон ба ғазалҳояшон татаббӯъ (тазмин, назира, пайравӣ) карда, мухаммасҳо бастаанд.

Яке аз онҳо мухаммаси Ҳайрат бар ғазали Парии Ҳисорӣ мебошад, ки мо дар зайл оварданашро ҷоиз донистем.

*Тапида дил, шуда ҳайрон, парида ранг аз рӯ,*
*Мар ост ҳосили ин се аз он чаҳор – абрӯ,*
*Ба банди меҳнатам аз шаш ҷиҳат гирифта фурӯ,*
*Се чиз карда муҳайё ба қатлам он бадхӯ,*
*Нигоҳ – теғу мижа – новаку камон – абрӯ.*

*Ҳаме мар ост се чиз аз се чиз карда гузар,*
*Қад аз ҳилол, дил аз обгина, чеҳр аз зар,*
*Ман он чунон, ту чунин, эй нигори симинбар,*
*Ки ҳаст бо ту се чиз аз се чиз нозуктар,*
*Хат аз бунафша, лаб аз барги гул, миён аз мӯ.*

*Висоли рӯи маҳат нури чашми торик аст,*
*Сабоҳи суру дами айшу айни табрик аст,*
*Агарчи сӯи туам роҳи васл борик аст,*
*Муҳаббати ту ба дил аз се чиз наздик аст,*
*Ба май зи нашъа, ба чашм аз нигаҳ, ба гул аз бӯ.*

*Расид муждаи васли туам пас аз табу сӯз,*
*Зи меҳри чарх сари бахти ахтари фирӯз,*
*Ба ҷилваҳои қадафрозу ҳусни даҳрафрӯз,*
*Се чиз дар чаман ошуфта карда аз се чиз,*
*Бунафша аз хату сунбул зи зулфу гул аз рӯ.*

*Ҷафои ҳаҷру ғами ёру ҳасрати дидор,*
*Бад-ин сеам шуда маҷбуру музтару ночор,*
*Биё зи лутф ба якбора, эй парирухсор,*
*Се чиз матлаби моро барои хайр барор:*
… … … … … … … … … … … … … … … …

*Агарчи нозу ҷафоят ситез мехоҳад,*
*Дил аз нигоҳи ту, к-он лутф низ мехоҳад,*
*Зи ҷому бодаву най растахез мехоҳад,*
*Дилам ба вақти баҳорон се чиз мехоҳад:*
*Канори обу майи нобу соқии гулрӯ.*

*Нигоҳат, эй, ки румузи мудом мехонад,*
*Сабақ зи нашъаи минову ҷом мехонад,*
*Яке на васфи ту Ҳайрат давом мехонад,*
*Парӣ ду чашми туро бо се ном мехонад:*
*Яке макору дувум соҳиру севум ҷоду.*

(Ҳайрат. Ашъори мунтахаб. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Душанбе – 1964, саҳ. 183-184)

Перомуни ҷои таваллуди Парӣ як замон баҳсҳо вуҷуд дошту мақолаҳо ҳам чоп шуда буданд: гӯё Парӣ

лақаби духтари зебою шоираи ширинсухан бошад. Вале устоди шодравон, доктори илми филология, олими муҳаққиқ ва фидоии ҷодаи адаб ва таҳқиқот Амирбек Ҳабибзода дар натиҷаи омӯзиши дастхатҳои сершумор, таҳлилу муқоиса исбот намуд, ки Парӣ аз Ҳисори Шодмон аст. Дар ин бора ӯ аввал аз худи шоир далел ёфт.

*Нашъа нопайдост, то дар шиша ҷо дорад Парӣ,*
*Аз расоиҳо чӣ гӯям, дар Ҳисорам кардаанд.*

Боз устод аз як шеъри «Саёҳатнома» – и Фориғи Ҳисорӣ – ҳамасри Парӣ далел оварда, исбот мекунад, ки зодгоҳи Парӣ деҳаи Булоқсайидони Ҳисори Шодмон аст.

*На з-ин маҳфил бурун аз тирабахтӣ*
*шамъсон рафтам,*
*Ба ғам пайваста аз базми Ҳисори Шодмон рафтам...*
*Ба чандин дарди дил з-ин сарзамин*
*рахти сафар бастам,*
*Раҳи Лоёбаву деҳи Булоқисайидон рафтам.*
*В-аз он боғи Ирам ҳамчун Парӣ берун шудам охир,*
*Паи Дурманбулоқу Фӯтабофу Заргарон рафтам...*

Перомуни соли таваллуди Парӣ ҳамин нуктаро бояд дарҷ намуд. Доир ба ин масъала дар ягон ҷо маълумот вуҷуд надорад. Таваллуд ва вафот маълум нест. Аммо аз рӯи якчанд далел тахминан муайян кардан мумкин аст. Гап дар сари он, ки Парӣ соли 1804 моддаи таърих гуфтааст:

*Ба қасди ҷоҳу давлат то қиёмат,*
*Хидев Абдулкаримбий додхо буд.*
*Гузашт аз авҷи торум гуфт таърих:*
*«Имороти рафеъи сангбунёд».*

Муҳаққиқон ин шеърро Парӣ дар айни авҷи шӯҳрати шоирӣ ва қудрати ҳофизияш иншо кардааст, мегӯянд. Агар гӯем, ки Парӣ дар 25-солагӣ дар шоирӣ шӯҳрати комил ёфт, таваллуди ӯ ба 1780 баробар мешавад.

Таърихи дигар. Парии Ҳисорӣ воқеаи тавассути Абдулкаримхон Қаротегину Дарвозро забт кардани амири Бухоро (Амир Музаффар)-ро бо ин як байт муайян кардааст:

*Пас он гаҳ «сари ёғӣ» кардам қалам,*
*«Зафарнома» таърих додам рақам.*

Ин иборaи «сари ёғӣ» (бе «ё») ва дар мисраи дуюм истилоҳи «Зафарнома» ба соли 1854 рост меояд. Акнун моро маълум гардид, ки 50 соли ҳаёти Парӣ дар дарбори Алабердии Тоз, Саидбийи Юз, Сӯфибий девонбегии Юз ва Абдулкаримхон гузаштааст.

Чунонки аз таърих маълум аст, амир Музаффар бо ёрии лашкари рус Абдулкаримхонро шикаст дода, соли 1868 ҳамроҳи 20 нафар ақрабояш ба қатл расонд. Вале аҳволи Парӣ баъд аз соли 1864 маълум нест.

Агар дар он гирудорҳо Парӣ низ ҳамчун сардори шоирони дарбор дар қатори Абдулкаримхон дастгир ва ба ҷазое гирифтор карда мешуд, ҳатман ин воқеа дар таърих ё байни мардум мемонд. Ба ақидаи мо агар он сол зинда бошад, «аз шарри бало дур бошам» – гуфта шояд дар охири умр ба зодгоҳаш Булоқсайидон рафта маскан гирифта бошад.

Парӣ умри дароз дидааст ва дар ин бора байтҳои зиёд дорад. Аз ҷумла:

*Шудам пиру ҷавонӣ ёфт ҳирси зарпарасти ман,*
*Зи савдои ақоиқ мӯмиё дорад шикасти ман.*

* * *

*Мӯи сафеди пири Парӣ ашкпарвар аст,*
*Шабнам ба ғайри барги гули субҳгоҳ нест.*

ва ғайра.

Як нуктаи ҷолиб ҳаст, ки баъди қатли Абдулкаримхон ҳам эътибор ва обрӯи шоир маҳфуз дошта шудааст.

Гап дар он аст, ки баъди Абдулкаримхон сарлашкари қушуни Амир Музаффар Яқуббек ҳокими Ҳисор таъйин мегардад. Рӯзе ӯ ба Абдулазим Сомӣ ду ғазали шоир Париро бо радифи «Гули сурх» ва «Рафта» мефиристад, ки ба онҳо мухаммас бандад. Сомӣ мухаммас баста, ба Яқуббек тақдим менамояд. Мухаммасҳо ба ӯ маъқул шуда, ба Сомӣ тӯҳфаҳои гаронбаҳо медиҳад. Дар ин хусус Сомӣ менависад:

*...Чу дид ин мухаммас, писандид мир,*
*Зи инъому сила шуда ногузир.*
*Зарам дод, ҳам хилъати хоста,*
*Ҳама ҳоҷатам гашт пироста...*

Аз ин маълум мешавад, ки Парӣ то охири умр бо номи нек ва шӯҳрати комил зистааст.

Дар бораи мероси адабии Парӣ ҳаминро гуфтан метавон, ки бо саъю кӯшиши олимони номии ҷумҳуриямон академик Аҳрор Мухторов, Амирбек Ҳабибзода, олими ҷавон Саидмурод Эшзода ва баъзе олимони муҳаққиқ то айёми мо фақат достони «Зафарнома»-и шоир пурра дастрас шудааст. Доир ба жанрҳои дигари шеърӣ маълумоти мукаммале дарёфт нагардидааст. Вале аз рӯи дар баёзҳо кӯчонда шудани маҳсули қалами шоир, дараҷаи иштишор, аз забон ба забон нақл ёфтани ғазалҳои ӯ дар деҳаву маҳаллоти Осиёи Марказӣ ва берун аз он ва аз баъзе ишораҳо, ки дар ашъори Парӣ ҳастанд, чунин бармеояд, ки шоири озода соҳибдевон будааст. Қазоват кунед ба ин абёт:

*Намуд аз шавқи иншо баски васфи ҳусни гулрӯе,*
*Ба девони Парӣ з-он ин ғазал гулбарсар афтода.*

* * *

*Эй ба девони фано авроқи девони ту рафт,*
*Сарнавишти рӯзи аввал буду ман пиндоштам.*

* * *

*Фикри девони ғазал дорам аз он абруи ноз,*
*Рақаме ораму бисмиллаҳи унвон созам.*

Ҳамин тариқ то имрӯз 75 ғазал, 8 мухаммас, 3 таърих, як маснавии Парии Ҳисорӣ мавҷуд аст.

Ширинии калом, дилхурӯшию хушоҳангии ғазалҳо муҷиби он гардид, ки шеъри Парӣ ба ганҷинаи гаронбаҳои мусиқии Машриқзамин – «Шашмақом» ворид гардид.

Солиёни зиёдест, ки ҳофизон аз тариқи телевизиону радио, дар тӯю маърака, базму маҳфилҳо Париро дар мақоми «Қашқарчаи муғулчаи Дугоҳ» месароянду шавқмандони Шашмақом ва албатта, мову шумо шунида ҳаловат мебаранд.

*Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,*
*Дар барам ояд, бубинам, то биёяд боварам.*
*Соғарам аз акси рӯи ёр дорад мавҷи май,*
*Мавҷи май ҷӯши таҷаллӣ мезанад дар соғарам...*
*Камтарам донад Парӣ аз зарра ҳуснаш месазад,*
*Месазад гӯям, ки ман аз камтари ӯ камтарам.*

*Собири Шоҳонӣ*

# БОЗЁФТИ МУҲАҚИҚОНИ ПАРИИ ҲИСОРӢ

Тибқи маълумоти мавҷуда иқдоми ҷиддӣ перумони омӯзиши аҳвол ва ашъори Парии Ҳисорӣ аз ибтидои солҳои шастуми асри гузашта оғоз ёфт. Аз рӯи шаҳодати ходими илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Муҳаббат Ҷалилова ин иқдоми нек ба сарвари онвақтаи Пажӯҳишгоҳ Носирҷон Маъсумӣ мансуб буд.

Рӯзе Маъсумӣ ходими навкор Муҳаббат Ҷалиловаро ба дафтари корияш хонда, чунин иброз медорад:

– Барои кори ояндаатон мавзӯи аҷибе ёфтам. Гап дар сари он, ки шоирони кӯҳистонӣ кам омӯхта шудаанд. Айб дар онҳо ва осорашон нест. Сабаби ин дар он аст, ки бо тақозои тақдир эшон аз марказҳои маъмуриву фарҳангӣ маҳрум гардида, аз назари муҳаққиқону тазкиранависон дур афтодаанд. Дар байнашон шоироне ҳастанд, ки қимати назмашон аз ашъори шуарои дарбори хону амир ва соири доираҳои адабии шаҳрҳо кам нест. Парии Ҳисорӣ, Ҳасрат, Ирсии Ҳисорӣ, Мавзуни Бадахшӣ, Носеҳи Кӯлобӣ, Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ, Гулханӣ, Ҳаҷрии Ғармӣ, Роҷӣ, Завқӣ ва Маҳҷури Дарвозӣ аз ҷумлаи шоирони соҳибдевон, вале қариб номаълуманд. Ба Шумо як маслиҳат: корро аз таҳқиқи аҳвол ва ашъори шоири номдор Парии Ҳисорӣ сар кунед. Бовар дорам, ки зимни омӯзиши ӯ аз баёзҳо дигар шоирони соҳибзавқ низ мебароянд. Он тарафаш ба ихтиёри худатон. Чӣ қадар шоир ёфтаву чанд рисолаву мақола навиштан ба кӯшишу ғайрати худатон вобаста.

Агар мушкилоте пеш ояд ва маслиҳати ман лозим шавад, шарм надоред, «пурсидан айб нест» гуфтаанд...

Муҳаббат аз ҷой хесту вазнин-вазнин қадам монда, аз дафтари кори устод баромад.

Гӯё ба дӯшаш бори гарон афтода бошад, оҳиста ва андешамандона роҳ мерафт. Воқеан вазифаи басо вазнин ва пурмасъулият буд. Ӯ кашшоферо мемонд, ки харита дар даст дорад, вале намедонад, ки нуқтаи ишорашуда кадом кон асту чӣ миқдор маъдану филиз дорад.

Муҳаббат паи иҷрои кор камари ҳимматро маҳкам баст. Перомуни Парӣ ва ашъори ӯ якчанд мақола навишта, пеш аз ҳама, устодашро шод гардонд. Яке аз нахустин мақолаҳои ӯ «Омад баҳору шуд чаману лолазор хуш» ном дошт (рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», аз 22 марти соли 1963). Мақола аз ҳусну таровати Наврӯз ҳикоя мекард. Он бо забону тарзи баёни бадеъ, ташбеҳу истиора ва тасвири шоирона иншо ёфтааст. «Шукуфтани гулҳои рангоранги боғу бӯстон, ба фарқи сабзаҳои чаманистон рехтани донаҳои гуҳарфоми борони найсон, вазидани насими ҷонбахш ва ҷилои анвори заррина чӣ манзараи дилрабоест!» – менигорад муаллиф. Дар ин мақола муаллиф муқоисаи ду ғазалро дар васфи баҳор меорад, ки моли Мирзо Бедил ва Парии Ҳисорианд. Ба қавли нигоранда, хонандаи он айём бо ғазали Парӣ бори аввал ошно мешуд. Шеър назира ба ғазали Бедил буд. Он мақола нахустин таҳқиқоти олими ҷавон оид ба Парӣ маҳсуб мешуд.

Матлаи ғазали Бедил:

*Сайри гулзоре, ки ёраб, дар назар дорад баҳор,*
*Аз пари товус доман дар камар дорад баҳор.*

Матлаи ғазали Парӣ:

*Ҳар нафас дар чашми ман ҳусни дигар дорад баҳор,*
*Аз гули рӯят магар бӯе асар дорад баҳор.*

Зимнан Муҳаббат Ҷалилова зодаи шаҳри Душанбест ӯ соли 1955 мактаби миёнаи рақами даҳуми ба номи Садриддин Айнии пойтахт, соли 1960 факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бомуваффақият хатм карда, ба Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон барои кор омад. Аз он вақт то кунун ӯ ба ҳайси ходими илмии шӯъбаи адабиёт ифои вазифа дорад. Дар тӯли ин солҳо ба омӯзиши таърихи адабиёти асрҳои XVI – XIX насри ривоятӣ ва адабиёти ибтидои асри XX машғул аст. Мақолаҳои зиёде навишта, дар матбуот чоп кунонд. Дар конфронсу ҷашнҳои адибону олимон фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои мубрам баромад мекард. Баъдан он навиштаҳо дар маҷмӯаҳо дарҷ гардиданд.

Оилаи Муҳаббат Ҷалилова оилаи аҳли фазлу маърифат аст. Сарпарасти оила доктори илми таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон Абдуҳамид Ҷалилов барои пешрафту дастовардҳои завҷааш саҳми босазо дорад.

Дар мақолаву маърӯзаҳои Муҳаббат Ҷалилова, албатта, Парӣ ва мероси адабии ӯ дар мадди аввал меистад. Тадқиқотчии ҷавон, дар ҷаласае, ки 29 сентябри соли 1963 дар маҷлисгоҳи АУ Тоҷикистон баргузор гардид, дар мавзӯи «Парии Ҳисорӣ» маърӯза кард. Дар ин маърӯза чунин сатрҳоро мехонем, ки қимати илмию тадқиқотӣ доранд:

«Эҷодиёти шоири охири XVIII ва ибтидои асри XIX Парии Ҳисорӣ дар адабиётшиносии тоҷик ҳанӯз омӯхта нашудааст. Доир ба ин шоир дар баъзе сарчашмаҳо маълумоти ноқис мавҷуданд. Аз ҷумла таз-

киранависи асри XIX Возеҳи Бухорой дар «Тӯҳфат-ул аҳбоб» перомуни Парӣ ва эҷодиёташ маълумот додаст.

Аз адабиётшиносони шӯравӣ бори аввал Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) Парии Ҳисориро ном бурдааст. Айнӣ аз ғазалиёти Парӣ якчанд намуна оварда, баъзе мулоҳизаҳои муфид баён мекунад. Баъдан, соли 1940 Абдусалом Деҳотӣ гуфтаҳои Айниро дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» такмил додаст...»

Соли 1966 мақолаи Муҳаббат Ҷалилова таҳти унвони «Чанд сухан доир ба Парӣ ва ашъори ӯ» дар маҷмӯаи дастҷамъонаи «Армуғони олимони ҷавон» нашр гардид. Мо онро поёнтар дар шакли алоҳида хоҳем овард.

Мутолиаи мақолаҳо моро ба андешае меорад, ки солҳои шастум ашъори мукаммали Парии Ҳисорӣ ҳанӯз дастраси муҳаққиқон набудааст. Агар мавҷуд мебуд, дар шакли китоби алоҳида нашр мегардид. Инро худи Муҳаббат Ҷалилова низ дар мақолаи «Парии Ҳисорӣ» қайд кардааст:

«Мероси адабие, ки аз вай (Парӣ – С.Ш.) боқӣ мондааст, аз 20 ғазал, 1 қитъа, 2 фард ва як достони 200 – мисраӣ иборат аст. Дар тӯли он солҳо устод Носирҷон Маъсумӣ ба кори шогирдаш Муҳаббат ва ба тақдири Парӣ пайваста таваҷҷӯҳ менамуд. Мақолаҳоро бо таҳриру такмил ба чоп тавсия мекард. Вале серкории билониҳоя – сарварии Пажӯҳишгоҳ, дарс дар Донишкада, лексия бо хоҳиши ҷамъияти «Дониш»-и ҷумҳурӣ, мақолаҳо барои рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизиону радио, китобҳои дарсиву васоити таълим, сафарҳои корӣ ба шаҳру ҷамоҳири Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷа, таҳриру тақризи китобу рисолаҳои шогирдон, иштирок дар маҷлисҳои сершумор, қариб бист вазифаи ҷамъиятӣ имкон намедоданд, ки устод ба тақдири Парӣ ва дигар шуарои собиқ Бухорои Шарқӣ

ҷиддан машғул шавад. Нагуфта намонад, ки устод вакили мардумӣ ба Шӯрои Олӣ ва узви Шӯрои Олии Тоҷикистон низ буд.

Бо вуҷуди он, ӯ вақт ёфта таҳти унвони «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва аввали асри XIX» рисолае таълиф кард, ки он дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоирону нависандагони давраи мазкур – Ҳусайни Дониш, Мирзо Содиқи Муншӣ, Ҳозиқ, Гулханӣ, Махмур, Маъдан ва дигарон маълумоти мухтасар дод. Инак, устод дар қатори шоирони доираҳои адабии Бухоро ва Қӯқанд аз намояндагони доираи адабии Ҳисори Шодмон – Парӣ, Ҳасрат ва Ирсии Ҳисорӣ маълумот оварда, намунаи эҷодашонро таҳлилу арзёбӣ кардааст.

Баъди Маъсумӣ ин кори хайрро олими ҷавони ҷӯянда Амирбек Ҳабибзода бо камоли майлу хоҳиш давом дод ва ба муваффақияти калони илмию таҳқиқотӣ ноил гардид.

Барои дилбастагӣ ва меҳри беандоза ба адабиёт, шеъру шоирӣ омӯзишу ба рӯи об баровардани силсилаи томи қаламкашони музофотҳои мухталифи кишварамон, – мегуфт Ҳабибзода, – ман пеш аз ҳама, аз устод Носирҷон Маъсумӣ сипосгузор ва дар назди рӯҳи шарифашон қарздорам.

Маро ба ин олами пурасрори илму адаб маҳз он ҳазрат ҳидоят карда буданд. Гап дар он аст, ки камина дар мактаби ҳизбию шӯравии назди КМ ҲК Тоҷикистон таҳсил доштам. Устод мудири кафедраи забони тоҷикӣ буданд. Рӯзе аз фанне, ки устод дарс медоданд, имтиҳон супоридам. Он ҳазрат дар тарзи гуфтор ва ҷавобҳоям ба саволҳо чизеро пайхас намуда пурсиданд, ки оё ҳуруфи ниёгонро медонам? Ман ҷавоби мусбат додам. Пас устод аз ҷузвдон девони Муҳйиро баровардa фармуданд, ки қироат кунам. Ман ду-се ғазали шоирро ба равонӣ қироат кардам. Устод ба тариқи маслиҳат гуфтанд:

– Пайдост, ки бо ин донишу қобилият роҳбари ноҳия, идора ва хоҷагии калон мешавӣ, туро мошини сабукрав ба кор мебарад. Дар ҳама ҷо зиёфат тайёр, хонаҳои боҳашамат, молу амвол ва албатта, пул ҳам фаровон мешавад. Лекин як китобе, ки бо дасту фаҳми ту таълиф шавад, аз ҳамаи он сарвату савлат авлотар аст. Вале роҳи илму адаб пурпечутоб аст: хоксориву шикастанафсӣ, заҳмату бурдборӣ, маҳрумию шабзиндадориро тақозо мекунад. Оқибат ин роҳ касро ба манзили мурод расонда, номашро ҷовидонӣ мегардонад. Хуб мешуд, ки ту ҳамин ҷодаро пеш гирӣ. Ту аз илму маърифат баҳра мебардориву аҳли ҷомеа аз маҳсули қаламат.

– Дар Душанбе касе надорам, муаллим. Китоби навиштаи маро кӣ таҳрир мекунаду ба ман мадад мерасонад? Ман китоби навиштагӣ дорам.

– Ба ин тарафи масъала хотиратро ҷамъ дор. То ҳастам, ман дастгират.

Сипас, Ҳабибзода бо мурури замон аз як ҷавони ҳаваскор ба дараҷаи олими комилу пурмаҳсул сабзида мерасад. Китобу рисолаҳои олим – «Маҷмӯаи чистонҳо», «Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон», «Мероси адабии шоирони Ҳисор», «Баёзи рубоиёт», «Баёзи рубоиёти китобатӣ ва халқӣ», «Баёзи ҷавоҳироти сухан», «Ганҷи парешон», «Ашъори Исо Махдум», «Ганҷи Бадахшон», «Ганҷи Зарафшон», «Мунтахаби ашъори Носири Бухороӣ», «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор» ва мақолаҳои сершумори олим на фақат мероси гаронбаҳои ӯ ба ворисонаш, балки сарвати бебаҳои миллии моянд.

Нахустасари мукаммал ва таҳлили муфассали аҳвол ва ашъори Парии Ҳисорӣ (дар қатори дигар шоирони номдори сарзамини Ҳисори Шодмон) ба қалами Амирбеки Ҳабибзода тааллуқ дорад. Мо дар ин китоб сарсухани ӯро доир ба Парӣ дар шакли алоҳида меорем...

Чунин мегӯянд: «Шоир баҳру суханаш гавҳар аст». Маълум, ки танҳо соҳили баҳр гавҳар надорад. Гавҳар дар соҳилҳо ва қаъри бахр пош мехӯраду дар ҷое қарор мегирад. Ғаввосони ҳушёру гавҳаршинос ба қадри тавон ва маҳорати худ гавҳар чида, ба саррофон манзур мекунанд. Саррофон суфта кардаву шадда баста ба муштариён пешкаш менамоянд. Ин амал аз насл ба насл мегузарад.

Инак, таҷрибаи рӯзгор собит сохт, ки гавҳари сухани Парии Ҳисорӣ парешону пурра чида шаддабандӣ карда нашудааст. Дар натиҷаи омӯзиш ва ҷустуҷӯи паёпай муҳаққиқи ҷавону умедбахш Саидмурод Эшзода нусхаҳои зиёди қаламии ғазалиёти Париро дарёфт ва ба нашр омода сохт (тафсилоти бозёфти ӯ дар сарсухан ба нашри ҳозираи девон оварда шудааст). Китобе, ки дар даст доред, маҳсули заҳмати бурдборонаи ин олими ҷавон аст.Мазмуну мӯҳтавои онро ба мунаққидону мухлисони сахтгир ва хушзавқ ҳавола намуда, ҳаминро гуфтаниям, ки нашри девони Парии Ҳисорӣ на фақат боиси ифтихори мову шумо, балки чун як хишти тилоист ба хазинаи ғанӣ ва бостонии адабиёти тоҷик.

Шояд мерасад рӯзе, ки ин китоб чоп шуда ба дасти хонандагон бирасад.

*Апрели соли 2001.*

Аз мураттиб:

Шукргузорам аз худо, ки ниҳоят ин китоб тавассути дастгирӣ ва кӯшишу талошҳои адиби шинохта, раиси интишороти давлатии Тоҷикистон «Адиб» – Ато Ҳамдам ба дасти ҳаводорони каломи бадеъ мерасад.

*Амирбек Ҳабибзода*

# ПАРӢ

Исми ин шоир Мулло Муҳаммадраҷаб ва Парӣ тахаллуси адабии ӯст, ки дар аксари маъхазҳо ба нисбати Ҳисорӣ зикр шудааст.

Аммо яке аз олимони муосири Афғонистон дар саҳифаҳои маҷаллаи «Мирман» ӯро шоираи афғонӣ (Бадахшӣ) ба қалам дода, дар бораи ӯ менависад: «Парии Бадахшӣ – ин шоираи афғонӣ аз суханварон ва гӯяндагони забардастест, ки ашъори дилчасп бисёр дорад. Шеъри зер намунае аз онҳост», гуфта ғазали бо матлаи зеринро меоварад:

*Чашме, ки боз нест ба рӯи ту, баста беҳ,*
*Дасте, ки домани ту нагирад, шикаста беҳ...*

Олими дигари Афғонистон Абӯмансур дар яке аз шумораҳои маҷаллаи мазкур низ дар бораи ин шоир чунин менависад: «Дар яке аз шумораҳои охири «Мирман» таҳти унвони фавқ шоире бо номи шоира муаррифӣ шуда буд. Баъзе шуарои хуштабъ аз хуштабъии ин шоир хабар додаанд, ки Мулло Раҷаби Бадахшӣ як шоири кареҳулманзар буд. Шоир дар шеър худро «Парӣ» мегуфт, то дар базми парирӯён роҳ ёбад. Чун зебоии маънавӣ дошт, чанд байт дар боби он навиштам ва бар равонаш равон намудам, равонаш шод бод. Албатта дар оянда шарҳи ҳоли ӯро хоҳам навишт. Худаш худро чунин муаррифӣ мекунад:

*Парию равғани поки Бухоро*
*Шунидан дораду дидан надорад.»*

(Маҷалаи «Мирман», №2, Кобул, 1342 ҳиҷрӣ, саҳ. 19)

Байтҳои Абӯмансур:

*Дар Бадахшон шоири ҷодухаёл,*
*Сар кашад аз Қофи маънӣ чун парӣ.*
*Шеъри нағзу тозае аз хома рехт,*
*Лафзу ҳарфу нукта кардаш чокарӣ.*
*Тавсани фикраш ба ҳар сӯ медавид,*
*Оҳуи маънӣ ба дасташ мефитод.*
*Гашт дар Мисри сухан ҳамчун хидев,*
*Оҳани алфозро будӣ ҳадод.*
*Ҳар ду лабҳояш ба мисли гирда буд,*
*Лек дилдораш аҷаб як ғунчалаб.*
*Аз киноя хешро гуфтӣ Парӣ,*
*Номи аслаш гӯямат Мулло Раҷаб.*
*Бо Парирӯ дар Шакарлаб менишаст,*
*Ҳайкалаш чун дев буда дар назар.*
*Аз забон шаккарфишонӣ менамуд,*
*Дар баён ширинзабонӣ, кавсарӣ.*

Дар повараќи инъикосоти худ ин муаллиф чунин қайд мекунад: «Мегӯянд Парирӯ духтаре буд дар алоқадори Роғи Бадахшон, ки шоир ӯро дӯст медошт. Шакарлаб қарияест дар Бадахшон».

(Маҷаллаи «Мирман», №4, Кобул, 1342/1964, саҳ. 15.)

Чӣ тавре ки мебинем, аз ду олими Афғонистон яке ӯро шоира ва дигаре шоир ва ҳар ду ҳам ӯро аз Бадахшон ба қалам додаанд. Вале аз рӯи ном ва тасвири симои зоҳирии шоир (карехулманзар), инчунин намунаҳои ашъори ба ӯ нисбат додашуда равшан ба назар мерасад, ки онҳо доир ба Мулло Раҷаб Парии Ҳисорӣ маълумот надодаанд. Ба назари мо чунин менамояд, ки муаллифони зикршуда доир ба аҳволи ин шоир ва хусусан аз куҷо буданаш, маълумоти кофӣ надошта, саҳван ӯро Бадахшӣ гуфтаанд. Ҳатто ба байти маъруфи шоир, ки онро дар ҷавоби таклиф шуданаш ба Бухоро навиштааст, аҳамият надодаанд.

Муллораҷаб Парӣ аз Ҳисори Шодмон аст, ки дар ин бора ҳуҷҷатҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд.

Муаллифи тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар бораи ӯ чунин менависад: «Парӣ тахаллуси Мулло Муҳаммад Раҷаби Ҳисорист. Бо вуҷуди оммӣ будан, дар назм ва аснофи шеър иқтидори тамом дошта, манзури ҳукком ва уммоли ин ҷо буда, ашъораш хуб ва дилпазир ва ширину беназир афтода. Ин чанд байт аз ӯст, ки дар ин саҳфа қаламӣ мегардад». Пас аз ин се ғазали шоирро, ки бо матлаъҳои зерин оғоз меёбанд, дар тазкираи мазкур дарҷ мекунад:

*Миён аз мӯю лаб аз барги гул нозуктар афтода,*
*Туро ҳар узв нозуктар зи узви дигар афтода.*

* * *

*Се чиз карда муҳайё ба қатлам он бадхӯ,*
*Карашма теғу мижа новаку камон абрӯ.*

* * *

*Чун шарар як бастани чашм ошкорам кардаанд,*
*Нестам огаҳ, ки аз баҳри чӣ корам кардаанд.*

Шоир Порсохоҷа дар як баёзи дастнавис, ки ҳоло зери рақами 2331 дар захираи дастхатҳои АУ Ӯзбекистон мавҷуд аст, 48 ғазали ин шоирро зикр намуда, маълумоти тазкираи Возеҳро доир ба аҳволи шоир такрор мекунад. Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ дар манзумаи «Миръот-ул-хаёл» дар бораи шоир Парӣ чунин маълумот медиҳад:

*Дар он дам, ки Абдулкарим дар Ҳисор*
*Ҳукумат ҳамекард аз ихтиёр.*
*Дар он вақт аз шоирони надим*
*Ҳамебуд Муллораҷаб мустақим.*

*Тахаллус Парӣ шӯҳраи ҳар диёр,*
*Шуда шеъри ӯ шӯҳра андар Бухор...*

Дар охири достони «Зафарнома»-и Парӣ, китобаткунанда низ чунин қайд мекунад:

«Махфӣ намонад, ки дар замони Абдулкаримхони мақтул Мулло Муҳаммадраҷаб мутахаллис ба Парӣ шоире буд фасеҳу балиғ. Чунончи, дар тахаллуси он ғазал гуфтаанд:

*Нашъа нопайдост, то дар шиша ҷо дорад Парӣ,*
*Аз расоиҳо чӣ гӯям, дар Ҳисорам кардаанд.*

Чунон ки аз маълумоти дар боло зикршуда ва мисраи охирини байти фавқ маълум мешавад, Муллораҷаби Парӣ аз Ҳисори Шодмон мебошад, ки дар ин бора ҷои шубҳае нуст. Зеро ашъори Парӣ ва ному нишони он то кунун ҳам дар байни мардуми Ҳисор машҳур аст.

Аз рӯи ишораи дар як ғазали шоир Фориғи Ҳисорӣ, ки ӯ низ ҳамзамони Парӣ будааст, чунин менамояд, ки Парӣ дар деҳаи Булоқи Сайидони Ҳисор, ки ҳоло ҳам ин деҳа ба ҳамин унвон ном бурда мешавад ва дар ҳудуди ҳозира ноҳияи Ҳисор мебошад, таваллуд ёфтааст. Шоир сайру сафари худро дар атрофи деҳа ва қишлоқҳои Ҳисор ба риштаи назм оварда, доир ба Парӣ чунин ишора мекунад:

*Ба чандин дарди дил з-он сарзамин*
*рахти сафар бастам,*
*Раҳи Лойобаву деҳи Булоқи Сайидон рафтам.*
*В-аз он боғи Ирам, ҳамчун Парӣ берун шудам охир,*
*Паи Дурманбулоқу Фӯтабофу Заргарон рафтам...*

Дар бораи соли таваллуди шоир маълумоти пуррае дар даст надорем, вале аз рӯи баъзе таърихоти ашъори

шоир чунин тахмин меравад, ки ӯ дар нимаи охири асри XVIII ба дунё омадааст. Ҷузъиёти ҷараёни зиндагии шоир ҳам он қадар равшан нест.

Аз рӯи тахмин дар вақти шӯҳрати шоирӣ ва қудрати ҳофизии Парӣ мир ва ё беки Ҳисор Абдулкаримхон (аз соли 1219/1804 то соли 1868 ҳокими Ҳисор буданаш маълум аст), ӯро ба дарбори худ мекашад. Дар ашъори Парӣ якчанд таърих ва як достони таърихие мавҷуд аст, ки номи Абдулкарим дар онҳо ёд мешавад. Аз ҷумла байтҳои зеринро хонем. Таърихи Сарои Ҳисор:

*Ба қасри ҷоҳу давлат то қиёмат*
*Хидев Абдулкаримбий додхо дод...*
*Гузашт аз авҷи торум гуфт таърих,*
*«Имороте рафеи сангбунёд».*
*(БТ 6978, в 75)*[1]

Мисраи охирини порчаи боло таърих менамояд, ки ба санаи ҳиҷрӣ 1219 ва ба ҳисоби милод ба соли 1804 баробар аст.

Таърихи бинои як иморатро, ки Парӣ гуфтааст, чунин аст:

*Баски шоҳи динпаноҳ ин қасри давлат кард тарҳ,*
*«Қасри давлат» шуд аз ин таърихи «шоҳи динпаноҳ».*
*(БТ 2331, в 61. БТ 6178, в 76)*

Дар мисраи дуюми байти боло иборахои «Қасри давлат» ва «Шоҳи динпаноҳ» моддаи таърих менамоянд, ки аз он санаи 1258 ҳиҷрӣ (1842 милодӣ) мебарояд.

Таърихи дигари бинои Сарои Ҳисор, ки онро ҳам Парӣ гуфтааст:

---

[1] БТ – Баёзи Тошканд, В. – варақ (аз таҳиягар – С.Э.).

*Аё, боргоҳи Абдулкарим – он волии давлат (?),*
*Ки бодо то қиёмат бодаи иқбол дар ҷомаш...*
*Ба таърихаш зи хишти ин бино з-он байт меҷӯшад,*
*Хирад бедурд аз саҳбо рақам «соғар» дар итмомаш.*
*(БТ 6978, в 75)*

Калимаи «соғар» моддаи таърих аст, ки аз он 1261 ҳиҷрӣ мебарояд.

Илова ба ин Парӣ воқеаи забт карда шудани Қаротегин ва Дарвозро аз тарафи амири Бухоро (ба воситаи Абдукаримбӣ) ба риштаи назм кашида, таърихи таълифи онро бо ду моддаи таърих қайд мекунад:

*...Пас он гаҳ «сари ёғӣ» кардам қалам,*
*«Зафарнома» таърих додам рақам.*
*(БТ 529, в 53)*

Дар ин байт дар мисраи аввал иборааи «сари ёғӣ» (бе «ё») ва дар мисраи дуюм калимаи «Зафарнома» моддаи таърих аст, ки ба санаи 1271 ҳиҷрӣ (1854 мелодӣ) баробар аст.

Чӣ тавре ки аз таърихҳои зикршуда мебинем, аз соли 1219/1804 то соли 1271/1854 дар қайди ҳаёт будани Парии Ҳисорӣ равшан мегардад. Илова бар ин, дар ҳамаи ин таърихҳо замони ҳаёти шоир ба замони ҳокимияти Абдулкаримхон мувофиқ меояд. Аз ин ҷо аз маълумоти Мирзо Азими Сомӣ маълум мегардад, ки ҷараёни ҳаёти панҷоҳсолаи Парӣ ва шоирони дигари доираи адабии ҳамон давраи Ҳисор, дар дарбори Абдулкаримхон гузаштааст. Абдулкарим чунон ки дар муқаддима гуфта шуд, соли 1868 аз тарафи амири Бухоро Музаффар ба қатл расонда шудааст, вале ҷараёни ҳаёти Парӣ баъд аз соли 1854 маълум намегардад ( – А.Ҳ).

Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» доир ба Парӣ чунин менависад:

«Таърихи вафоташ маълум нашуд. Аммо аз таърихҳое, ки барои иморатҳо иншо кардааст, то соли 1270 ҳиҷрӣ дар ҳаёт буданаш маълум мешавад». Пас 4 ғазал ва 2 байти Париро дар асараш дарҷ карда, доир ба санъати шеърӣ ва баъзе услуби ӯ мухтасар қайдҳо намуда дар охир чунин менависад:

«Гӯянд Парӣ кареҳулбашар (безеб) буд, фузалои Бухоро, ки аз ҳусни гуфтор, тарзи ашъораш толиби дидори ӯ шуда буданд, боре ба Бухоро хондандаш. Парӣ дар ҷавоб ин байтро навишта фиристод:

*Парӣ чун равғани поки Бухоро*
*Шунидан дораду дидан надорад».*
*(С.Айнӣ, Намунаи адабиёти тоҷик, саҳ. 229-232)*

Устод Айнӣ то соли 1270/1854 мелодӣ дар қайди ҳаёт будани шоирро қайд кардааст, ки он бо тадқиқи мо танҳо бо як сол фарқ мекунад (Аз рӯи тадқиқоти мо Парӣ диққати устод Айниро ба худ ҷалб кардааст, ӯ дар асараш низ ашъори ӯро, нисбатан, зиёдтар ҷой додаанд. Ғайр аз ин устод Айнӣ доир ба сабки баъзе шеърҳои шоир низ тавақкуф намудаанд.

Марҳум Абдусалом Деҳотӣ дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар зери мақолаи «Шоирони кӯҳистонӣ» аз Парии Ҳисорӣ низ хабар додааст, ки он асосан такрори маълумоти устод Айнӣ мебошад. Р.Ҳодизода дар асари « Маъхазҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» аз Парӣ ёдовар шуда, роҷеъ ба шоир сарчашмаҳои асосиро зикр мекунад.

Аз сарчашмаҳои зикршуда маълум гардид, ки Парӣ дар Ҳисор таваллуд шуда ва дар ҳамон ҷо нашъунамо ёфтааст. Тамоми давраи ҳаёти шоир ҳам тахминан дар Ҳисор гузаштааст. Аз ишораҳои дар ашъори ӯ мавҷуд чунин ба назар мерасад, ки шоир умри дароз дидааст. Дар баъзе ғазалҳояш ба ин маънӣ чунин ишора мекунад:

*Шудам пиру ҷавонӣ ёфт ҳирси зарпарасти ман,*
*Зи савдои ақоиқ мумиё дорад шикасти ман.*

*(БТ 2331, в 254)*

Дигар:

*Мӯи сафеди пирӣ, Парӣ, ашкпарвар аст,*
*Шабнам ба ғайри барги гулу субҳгоҳ нест.*

*(БТ 2331, в 256)*

Дигар:

*Сериям гар талоши ҷоҳ надошт,*
*Қоматам аз чӣ рӯ чу хотам шуд?*

*(БТ 6978, в 67)*

Ё ки:

*Қомати пирӣ, Парӣ, оинаи арзи фаност,*
*Марг з-ин теша ба Фарҳоди худ осон созам.*

*(БТ 6978, в 65)*

Боз:

*...Дар куҳансолӣ дар оғӯшам даро, эй сарви ноз,*
*Ҷони ширин аз ҷавонон дӯст пирон доран-е.*

*(БТ 267, в 386)*

Аз он ҷое, ки Парӣ умрашро дар Ҳисор гузаронидааст ва ҳатто таклифи шоирони Бухороро барои ба Бухоро рафтанаш рад кардааст, чунин тахмин меравад, ки вафоти шоир ҳам бояд дар Ҳисор воқеъ шуда бошад.

Девони ашъори Парии Ҳисорӣ дастраси мо нест. Дар натиҷаи ҷустуҷӯи чандинсола мо як қисми ашъори парокандаи шоирро аз баёзу маҷмӯаҳои мавҷудбудаи захираҳои дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон, АФ Ӯзбекистон, АФ СССР дар Ленинград, Институти дастнависҳои АФ Гурҷистон, Институти забон ва ада-

биёти Туркманистон, китобхонаи оммавӣ-ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ (Душанбе) ва Университети давлатии Самарқанд 61 ғазал (447 байт), 8 мухаммас (120 байт), 3 таърих (15 байт), як маснавӣ (101 байт), ки ҳамагӣ 683 байт мешавад, ҷамъ овардем. Аз ашъори шоир маснавии «Зафарнома» нисбатан, пурра ва ба шакли аслиаш дастраси мо гардидааст.

Аз сарчашмаҳои истифодашуда баёзи № 2331 ва 6978 аз захираи АФ Ӯзбекистонро ҳамчун сарчашмаи асосии мероси шоир шуморидан мумкин аст. Баёзи 2331-ро шоир Порсохоҷа тартиб додааст (Дар ин давр бо номи Порсохоҷа ду шоир зиндагӣ кардааст, аммо ин баёз ба кадоме аз онҳо мансуб аст, маълум нашуд).

Дар ин баёз ашъори шоир Иззати Дарвозӣ, маснавии марсия дар вафоти Абдулқодирхоҷаи Савдо, тазкираи «Фаҳмӣ» ва ашъори бисёр шоирони дигар ва дар қатори онҳо 40 ғазалу 8 мухаммаси Парӣ (аз варақи 247 то 264) дарҷ шудааст. Илова бар ин Порсохоҷа маълумоти тазкираи Возеҳ – «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-ро доир ба аҳволи Парӣ ва Ирсии Ҳисорӣ (аз варақи 299 то 302) дар ин баёз меоварад. Аз он ҷо, ки дар баёзи мазкур аз ашъори шоирони нимаи дуввуми асри XIX кӯчонда шудааст, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX тартиб ёфтани ин баёз маълум мешавад. Аз рӯи тахмин ашъори Парӣ дар ин нусха зиёдтар будааст. Аммо мутаассифона, баъзе варақҳои баёз афтодааст. Баёзи рақами 6978 низ аз сарчашмаҳои асосии ашъори Парӣ буда, 28 ғазал, 3 мухаммас ва 3 қитъаи таърихии шоирро дар бар гирифтааст. Дар ин баёз ашъори шоир бе фосилае оварда шуда, дар сарлавҳаи шеърҳо «Парӣ» ва гоҳ «Муҳаммад Парӣ» навишта шудааст. Ашъори Парӣ дар ин баёз дар қисми охираш ҷой дода шудааст, аммо бисёр варақҳои охири нусха афтодааст. Гумон меравад, ки дар баёзи мазкур шеърҳои зиёде аз шоир ҷой дода шудааст. Котиб ва китобати баёз маълум нашуд.

Баёзҳои захираи АФ Тоҷикистон дар баёзи рақами 1859/9 ғазали хуби шоир сабт шудааст. Ин баёзро соли 1318 (моҳи шаъбон) Қорӣ Муллояҳёи валади Муллогадои Муродқул – оқсақол тартиб додааст. Ҳаҷмаш 117 варақ мебошад. Ашъори Парӣ дар қисми охири ин баёз (аз вараҷи 109 а) то 115 а) ҷой гирифтааст. Дар баёзҳои дигар аз ашъори Парӣ 2 – 3 шеър беш нест, ки тавсифи онҳоро дар ин ҷо зарур нашуморидем. Доир ба девони ашъор доштани шоир касе маълумот надодааст ва афсӯс, ки худи девон ҳам то кунун ба дасти мо наомадааст. Вале аз рӯи ашъори парокандаи дар баёзҳо дарҷёфта, дараҷаи паҳн шудани ашъори шоир дар деҳа ва шаҳрҳои Осиёи Миёна ва аз баъзе ишораҳои дар ашъори шоирбуда чунин менамояд, ки Парии Ҳисорӣ шоири соҳибдевон будааст:

*...Намуд аз шавқ иншо баски васфи ҳусни гулрӯе,*
*Ба девони Парӣ з-он ин ғазал гулбарсар афтода.*
*(БШ 1213, в 259)*

Дигар:

*...Эй ба девони фано авроқи девони ту рафт,*
*Сарнавишти рӯзи аввал буду ман пиндоштам.*
*(БТ 2331, в 254)*

Дигар:

*Фикри девони ғазал дорам аз он абруи ноз,*
*Рақаме ораму бисмиллаҳи унвон созам.*
*(БД 1859, в 231)*

Чӣ тавре ки гуфтем, дар даст набудани девони ашъори шоир имкон намедиҳад, ки мазмуни шеър, санъат ва масъалаҳои дигари мероси адабии ӯро пурратар таҳлилу равшан намоем. Вале аз рӯи материалҳои дастрасбуда шикоят аз аҳвол ва замони тираву тори нимаи аввали асри XIX яке аз мавзӯъҳои

асосии ашъори Парӣ мебошад. Парӣ зиндагӣ ва ҳаёти худро пуралам ва ҳасратангез тасвир мекунад:

*...Надорам хандаи бегиря чун мино дар ин маҳфил,*
*Ба кулфат тавъам ояд шодии рӯзи аласти ман...*
*(БТ 6978, в 69 а)*

Шикоят аз аҳвол ва мубталои дарду ғами замон будани шоир аз бисёр ғазалҳои ӯ ба назар мерасад. Байтҳои зерин шоҳиди дарду алами зиёд доштани шоир аст:

*Интихоби дард мехоҳӣ зи ман ғофил мабош,*
*Бистарӣ аз ҳайратам, девони унвон нолаам...*
*(БТ 6978, в 68 б)*

Аз рӯи шикоятҳои зиёди Парӣ маълум мешавад, ки аҳволи моддиаш низ хеле бад будааст. Ҳатто дар байти зерин аз либос надоштани худ чунин мегӯяд:

*...Наёмад ҳамчу ашк аз киштии ташриф имдоде,*
*Зи чашми мардумӣ афтодаам аз шарми урёнӣ.*
*(БТ 6978, в 60)*

Парӣ дар баъзе шеърҳояш доир ба дастгир ва дилсӯз надоштанаш шикоят карда, аз рафтанаш ба назди касе ва ҷое пушаймонона сухан меронад, ки аз рӯи тахмин, ин ишораҳо доир ба ҳокими замонаш Абдулкарим бояд бошад. Ӯ дар ин бора чунин мегӯяд:

*Биё гуфтию рафтам сӯят аз тафсири нодонӣ,*
*Кунун даст аз гиребон барнамедорад пушаймонӣ.*
*Намебинам, касеро меҳрубону дастгир ин ҷо,*
*Ғарибу бекасам, умр аст дар тӯфони ҳайронӣ.*
*Наёмад ҳамчу ашк аз киштии ташриф имдоде,*
*Зи чашми мардумӣ афтодаам аз шарми урёнӣ...*

*Муамоест мақсуди Парӣ, к-он дар дили пок аст,*
*Касе накшуду накшояд ба ҷуз меҳри шабистонӣ.*

Аз порчаи шеъри боло чунин менамояд, ки Абдулкарим ҳам қадру иззат ва эҳтироми Париро ба дараҷаи лозима нигоҳ намедоштааст ва барои ҳамин ҳам Парӣ аз омадан ба дарбори ӯ ва мадади иқтисодӣ надиданаш гила мекунад. Ин гуна шикоят аз беқадрии худ дар дигар шеърҳои ӯ низ дида мешавад. Чунончи, ин байти зерини ӯро хонем:

*...Маро ба кунҷи Ватан обрӯ намебошад,*
*Даруни баҳр бувад қимати гуҳар мастур.*
*(БТ 6978, в 70 а)*

Парӣ на танҳо аз ҳаёти шахсӣ ва беқадрии аҳли фазлу дониши замонаш, балки аз беадолатии ҳокимони замон ва аз вайронии тартиботи ахлоқии онҳо шикоятҳо мекунад:

*...Ҳамин на каҷназарӣ дорад осмон бар ман,*
*Зи ростӣ ҳама ҷо хонаи камон холист.*
*(БТ 2331, в 250)*

Аз байти боло фаҳмидан душвор нест, ки дар замони шоир одамони росту росткор мӯҳтоҷу камбағал ва кисатиҳӣ буда, баръакс, одамони каҷрафтору бадахлоқ, соҳиби ҳамаи неъматҳои ҷамъият будаанд. Парӣ, ки бо ҳамаи каҷрафториҳо ва нобаробариҳои ҷамъият тоб оварда наметавонист, дилтанг шуда, ғайр аз шикоят намудан аз ин тартибот чорае намедид:

*...Дорам аз гардун шикоятҳо, ки натвон дам задан,*
*Пеш аз ин ҳам зери гардун каҷкулоҳе доштам.*
*(БТ 2331, в 254)*

Парӣ ҳам равшан медонистааст, ки аз ин дарду алам аз шикоятҳои ӯ касе ба фарёдаш намерасад ва бинобар ин, худро ба хомӯш нишастан тасаллӣ медиҳад:

*...Нафас дорад агар таъсир, аз дарди диле дорад,*
*Асарҳои фиғону нола аз най нест ноиро.*
*Касе чун ашки шабнам роҳи ҷавлонам намегирад,*
*Асои нотавонӣ кардаам бедаступоиро...*
*Ҷаҳоне ҷои гавҳар пунбадаргӯшанд аз ғафлат,*
*Парӣ, кӯтоҳ кун афсонаи табъи расоиро!*

Аз он ҷое, ки шоир дар маҳдудияти замон парварда шудааст, ғайр аз шикоят кардан аз аҳволи худ аз аҳли замон чораи дигаре наёфтааст ва ёфта ҳам наметавонист. Барои ҳамин ҳам масъалаи шикоят аз рӯзгор ва номусоидиҳои замон яке аз мавзӯъҳои асосии ашъори аксар шоирони ҳамон давраи Ҳисор ва аз ҷумла Парии Ҳисорӣ қарор гирифтааст.

Ашъори Парӣ ғайр аз мавзӯи шикоят мавзӯъҳои панду насиҳат, танқиди зоҳидон, табиат, ишқу муҳаббат, воқеаҳои сиёсии замона ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар ин бора дар ҷои дигар таваққуф хоҳем кард.

*(Аз китоби «Мероси адабии шоирони Ҳисор», Нашриёти «Дониш», Душанбе – 1974, саҳ. 75- 84).*

*Муҳаббат Ҷалилова*

# ЧАНД СУХАН ДОИР БА ПАРӢ ВА АШЪОРИ Ӯ

Адабиётшиносҳои тоҷик ва шарқшиносони советӣ барои омӯхтан ва дастраси хонандагон намудани боигарии адабиёти классики тоҷик хизмати калон кардаанд. Бо вуҷуди ин маҳсули эҷодиёти як миқдор шоиру нависандагон то ҳол ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст. Аз ҷумла адабиёти асрҳои XVIII ва нимаи аввали асри XIX ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Қисми зиёди маълумоте, ки доир ба адабиёти ин давра дар даст дорем аз ахбори тазкираҳо ва як-ду асари адабиётшиносони имрӯзаи тоҷик доир ба масъалаҳои умумӣ иборат мебошад. Баъд аз тазкираҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар адабиётшиносии советӣ аввалин ахбороти илмии оид ба адабиёти XVIII ва нимаи аввали асри XIX ба қалами устод Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад. Садриддин Айнӣ дар асари худ «Намунаи адабиёти тоҷик» роҷеъ ба доираҳои адабӣ ва ҳаёту эҷодиёти адибони давра маълумоти иҷмолӣ дода ба тадқиқоти оянда роҳ кушоданд. Ахбороти илмии дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» додашуда дар баъзе масъалаҳо лаҳзаҳои ҷудогонаи асари Садриддин Айниро инкишоф диҳад ҳам, асоси он такрори материалҳои «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад.

Дар асари Х.Мирзозода «Материалҳо доир ба адабиёти асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX» оид ба доираи адабии Фарғона маълумоти иҷмолӣ дода, характери инкишофи адабиёти давра ва муносибати доираҳои адабии онвақта як андоза равшан карда шу-

даает, вале муаллиф ба таҳлили эҷодиёти адибони ҷудогона дахл накардааст. Маълумоти нисбатан пурраи доираи адабии Фарғона ва хусусиятҳои адабии он марҳилаи таърихӣ дар асари адабиётшиноси ӯзбек А.Қаюмов «Қӯқон адабий доирасӣ» дода шудааст.

Дар бобати тадқиқ ва ҷамъ кардани мероси адабии баъзе аз адибони он давра низ дар адабиётшиносии тоҷик ва ӯзбек баъзе корҳои шоёни диққат карда шудаанд. Кори тадқиқотии Р.Муқимов оид ба эҷодиёти Гулханӣ, С.Амирқулов оид ба мероси адабии Махмур, Д.Аҳмадов доир ба эҷодиёти Маъдан ва ғайраҳо аз ҷумлаи ҳамин корҳоанд. Ба ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки адабиёти охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX-и доираи адабии Фарғона (Қӯқанд) каму беш омӯхта шуда, хусусиятҳои эҷодиёти баъзе намояндагони пешқадами он муайян гардидааст.

Аммо доираи адабии Бухорои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ҳанӯз мунтазири таҳқиқи ҳартарафаи илмӣ мебошад. Н.Маъсумӣ дар асари худ «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII на нимаи аввали асри XIX» дар баробари таҳлили ҳаракати адабии доираи Фарғона ва эҷодиёти адибони пешқадами он давра Гулханӣ, Ҳозиқ, Махмур ва Маъдан ба вазъияти доираи адабии Бухоро низ дахл карда, аз ҷумлаи намояндагони адабиёти ин давра дар бораи эҷодиёти Ҳусайни Дониш ва Мирзо Содиқи Муншӣ сухан меронад. Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин нест, ки доираи адабии Бухорои давраи мазкур омӯхта шудааст.

Дар он давра ҳаёти адабӣ дар се маркази Осиёи Миёна – Бухоро, Қӯқанд ва Хева гирд омада буд. Дар Хева адабиёт асосан ба забони ӯзбекӣ инкишоф меёфт, дар Қӯқанд бошад доираи адабӣ хеле васеъ ва муташаккилтар буд. Доираи адабии Бухоро дар шаҳру вилоятҳои гуногун пароканда буда, он қадар шӯҳрат надошт. Дар ин марҳила ҳам адабиёт аз ду ҷараёни ба ҳам муқобил – адабиёти феодалии динӣ ва адабиёти

тараққипарвар иборат буда, номутаносиб инкишоф меёфт. Адабиёти асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар шакл ва мундариҷа чизи наве дода натавонист. Шоирон ва нависандагон бештар ба услуби бедилӣ ва классикии расмшуда тақлид мекарданд, ки мазмун ва шакли эҷодиёти онҳо мураккаб ва асосан аз такрору суханбозӣ иборат буд. Ин, пеш аз ҳама, ба адабиёти феодалӣ дахл дорад, ки онҳо синфи ҳокимро таърифу тавсиф ва тарафдорӣ мекарданд. Адибони тараққипарвар гирифтори чунин нуқсонҳои эҷодӣ бошанд ҳам, ба замони худ бо назари танқид нигоҳ карда, ба таври анъанавӣ ғояҳои инсондӯстӣ, маърифатпарвариро тарғиб мекарданд. Ин вазъият пеш аз ҳама ба ҳаёти адабии қаламрави амирони Бухоро тааллуқ дорад, ки он ниҳоят пароканда буд ва аз ин сабаб ҳамчун доираи адабии муташаккил шӯҳрат ҳам надошт. Аммо, ин доираи адабӣ фақат Бухороро не, балки шарқи Бухоро – кӯҳистони тоҷикро низ дар бар мегирад, ки дар ин ҷо Қасратии Ҳисорӣ, Муҳаммадҳусайн Ҳоҷии Хатлонӣ, Зардакии Ҳисорӣ ва дигарон умр ба сар бурда, асарҳо эҷод намудаанд, вале ҳаёт ва эҷодиёти онҳо омӯхта нашудааст. Мулло Муҳаммад Парии Ҳисорӣ низ ба қатори ин шоирон дохил мешавад. Омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти адибони кӯҳистони тоҷик ба адабиётшиносии мо материали муҳиме хоҳад дод. Дар бораи шоир Парии Ҳисорӣ сарчашмаҳо маълумоти кам медиҳанд. Шояд аз ин сабаб бошад, ки ӯ шоири дарбор набуд, аз маркази илму маданият дур буд ва онҳо бо эҷодиёти ӯ кам вохӯрдаанд. Аз тазкиранависони пешина танҳо Возеҳ дар бораи Парии Ҳисорӣ маълумоти ноқисе медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки Парӣ бо вуҷуди шоири қаторӣ буданаш шеърҳои пурмазмун, дилпазир ва ширин гуфтааст. Возеҳ дар тазкираи худ се ғазали ӯро мисол меорад, ки матлаашон ин аст:

*1. Миён аз мӯй, лаб аз барги гул нозуктар афтода,*
*Туро ҳар узв нозуктар зи узви дигар афтода.*

*2. Се чиз карда муҳайё ба қатлам он бадхӯ:*
*Нигоҳ – теғу мижа – новаку камон – абрӯ.*

*3. Чун шарар аз бастани чашм ошкорам кардаанд,*
*Нестам огаҳ, ки аз баҳри чӣ корам кардаанд.*

Аз адабиётшиносони замони мо танҳо Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» роҷеъ ба Парӣ сухан ронда, то солҳои 1270 (1854 мелодӣ) дар қайди ҳаёт будани шоир маълумот дода, қайд мекунад, ки Парӣ хеле хунукбашара буда, шеърҳои хуб месароидааст. Аҳли адаби Бухоро ӯро ба шаҳри Бухоро таклиф мекунанд. Парӣ дар ҷавоб байти зеринро навишта фиристодааст:

*Парӣ чун равғани поки Бухоро,*
*Шунидан дораду дидан надорад.*

Садриддин Айнӣ ду ғазали Париро ҳамчун намуна оварда баъзе мушоҳидаҳои худро баён мекунад.

А.Деҳотӣ дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» он маълумоте, ки Садриддин Айнӣ додаанд, такрор мекунад ва ҳамон ғазалҳои Париро меорад. Дар бораи Парӣ ба ғайр аз ин маълумотҳо дигар ҳеҷ чиз ба даст надаромад. То ҳол маълум нест, ки Парӣ дар кадом сол таваллуд ёфта ва кай вафот кардааст. Аз маълумоти бадастомада ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Парӣ дар Ҳисор таваллуд ёфта, тахминан то солҳои 1854 дар қайди ҳаёт будааст ва шеърҳои хуб сароидааст.

Мероси адабие, ки аз Парӣ боқӣ мондааст, аз ғазалҳо ва аз як достон иборат мебошад. Мо ҳангоми ҷамъ намудани мероси шоир зиёда аз 138 баёзи даст-

нависро дида баромадем, ки танҳо дар баёзҳои № 593, 786, 1256, 1321, 1859 аз фонди дастхатҳои шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори адабии АФ Тоҷикистон, дар зери рақамҳои 409, 1007, 1232, 1790 аз китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ ғазалҳои Парӣ дида шуд. Достони «Зафарнома»-и Парии Ҳисорӣ бо ташаббуси ходими калони илмии Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши АФ Тоҷикистон Аҳрор Мухторов ба даст оварда шуд (алҳол академик – С.Э.). Ин асар дар шакли дастнавис буда, аз 198 мисраъ иборат аст. Ашъори Парии Ҳисорӣ дар шаклҳои гуногуни шеър – ғазал, мухаммас, баҳри тавил, маснавӣ таълиф гардидааст. Аз мутолиаи мероси адабии шоир маълум мешавад, ки ғазалҳои ӯ бештар дар мавзӯи ишқ будааст. Дар як ғазалаш як навъ шикоят ифода ёфтааст. Аммо фаҳмида намешавад, ки ӯ аз чӣ норозӣ аст.

*Надорам хандаи бегиря чун мино дар ин маҳфил,*
*Ба кулфат тавъам ояд шодии рӯзи аласти ман.*

Аз мазмуни ин байт ва тамоми ғазал фаҳмида мешавад, ки шоир як навъ ҳаёти мӯътадил ба сар барад ҳам, аз нохушиҳои зиндагӣ халосӣ надоштааст ва кулфату шодӣ бо ӯ ҳамроҳӣ доштааст. Чӣ навъе ки қайд кардем, ғазалҳои ӯ бештар ишқӣ буда, ҳусни ёр, маҳрумӣ ва азоби рӯҳии худро хело зебову дилпазир тасвир кардааст.

Чунончи:

*Бе ту ҷо гар ҳама дар равзани Ризвон созам,*
*Ҷайби домони худ аз гиря гулистон созам.*
*Эй хуш он рӯз ба ман оию меҳмон бошӣ,*
*Хешро гирди ту гардонаму қурбон созам.*

Ё ин ки:

*Ту гар дар ҷилва оӣ, чашми хуршед об мегирад,*
*Ту гар оина бинӣ, хона дар симоб мегирад.*
*Зи рӯяш дур кун, машшота зулфи куфроинро,*
*Ки аз ҷурми сиёҳӣ меҳри оламтоб мегирад!*

Парӣ ғазалҳои Бедилро мухаммас ва тазмин ҳам кардааст. Дар байни ашъори Парӣ ғазале ба васфи баҳор бахшида шудааст, ки назира ба як ғазали Бедил аст.

Ғазали Парӣ ҳарчанд хуб навишта шуда, дар васфи баҳор суханҳои зебо гуфта бошад ҳам, дар бадеият умуман ба ғазали Бедил нарасидааст:

*Ҳар нафас дар чашми ман ҳусни дигар дорад баҳор,*
*Аз гули рӯят магар бӯе асар дорад баҳор?*
*Ҷилваи ранги гулистоне, ки дар оина дошт,*
*Як ҷаҳон ҳайронӣ бар аҳли башар дорад баҳор.*
*Баҳри исори қадат гар нест, эй моҳ, аз чӣ рӯст,*
*Ин қадар дар киса худ гул – мушти зар дорад баҳор?*

Шоир дар санъатҳои шеърӣ маҳорати баланди худро нишон додаст. Аммо он санъатҳои шеърие, ки дар эҷодиёти Парӣ дида мешавад, чизи нав набуда, балки такрори санъатҳое мебошад, ки классикони мо дар эҷодиёташон ба кор бурдаанд. Ҳаминро ҳам бояд қайд кунем, ки такрор ва тақлиди Парӣ гувоҳи пастии маҳорати эҷодии ӯ намебошад. Баръакс, баъзан ҳамчун ихтирооти хоси ӯ садо медиҳад. Масалан, аз байни ғазалҳои ӯ ғазале дар санъати «такрор» ва «се дар се»-ро гирем. Санъати «такрор» аз такрор шудани калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанги аввал ва охири мисраҳои ҳар як байт иборат мебошад. Яъне ҳар байт ду калима ё ибора ду бор такрор мешавад: калимаи (ибораи) аввали мисраи аввал ҳамчун қофияи мисраи дуюми байт такрор мешаваду калимаи (ибораи) охири мисраи якум, ки қофия ҳисоб меёбад, дар аввали мисраи дуюм такрор шуда меояд. Ба ҳамин тариқ як навъ

ҷойивазкунии калимаҳои ҳамоҳанг дар ҳар байти як ғазал воқеъ мегардад. Масалан:

*Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,*
*Дар барам ояд, бубинам, то биёяд боварам.*
*Пайкарам аз захми шамшери ту дорад обрӯ,*
*Обрӯ то субҳи маҳшар кам мабод аз пайкарам.*

Санъати «се дар се» ба он асос ёфтааст, ки дар ҳар байте се чиз исбот карда мешавад: дар мисраи якум адад ишорат мешавад, дар мисраи дуюми он миқдор далел оварда мешавад. Чунончи:

*Се чиз карда муҳайё ба қатлам он бадхӯ,*
*Карашма теғу мижа новаку камон абрӯ.*
*Туро, ки ҳаст се чиз аз се чиз нозуктар:*
*Даҳон зи ғунча, лаб аз барги гул, миён аз мӯ.*

С.Айнӣ дар бораи шеърҳои хубу ширин ва содаву равони Парӣ сухан ронда, баъзе нуқсонҳои ашъори ӯро низ қайд карда ва аз ашъори ӯ ин байтро мисол овардааст:

*Дар ишқ наёмӯхтӣ, аз Парӣ омӯз,*
*Девонагию ҷайби шикебоӣ даридан.*

Дар ин байт дар мисраи якум бояд ба ҷои «наёмӯхта» «навомӯхта» бошад, дар мисраи дуюм «ӣ»-и калимаи «шикебоӣ» аз тақтеъ зиёд аст. Ин гуна хатоҳо ва аз ҷиҳати вазн мувофиқат накардани мисраҳо дида мешавад, ки фикри С.Айниро тасдиқ мекунад. Дар мисоли зерин вазни мисраи дуюм каме вайрон аст:

*Шаби меъроҷ бар фарқи ҳумоюн тоҷи авъадно,*
*Лаби мӯъҷизкаломаш хилватҷои Масеҳо.*

Лекин гумон аст, ки худи шоир ба ин гуна хато роҳ додааст ва ин хатоӣ аз тарафи котиб рафта бошад. Гӯяндаи самарқандӣ Мирзо Умарбоқӣ (1877 – 1957), ки табъи шеърнависӣ доштааст, ба як ғазали Парии Ҳисорӣ назира гуфтааст, ки матлааш ин аст:

*...Булҳавас дар ишқбозӣ иштиҳорам кардаанд,*
*Дар миёни гулрухон ноэътиборам кардаанд.*

Достони Парии Ҳисорӣ «Зафарнома», ки зикраш дар боло гузашт, бо чунин мисраҳо сар мешавад:

*Биё, эй дабири ҳикояттароз,*
*Ҷаҳони куҳанро сухан тоза соз.*
*Ба имдоди гавҳарфишон хомае,*
*Рақам деҳ яке дилпазир номае.*
*Ки бошад писанд бар нависандагон,*
*Зафарнома хонанд хонандагон.*

Достон ба забони бисёр сода, равон ва дар баҳри мутақориб навишта шудааст. «Зафарнома» аз ҷиҳати мазмун ва хусусиятҳои услубии худ достони қаҳрамонӣ буда, дар он нақли ҳодисаҳо, муборизаҳо ва қаҳрамонӣ тасвир ёфтааст.

Мазмуни идеявии достон аз тарғиби шоҳи одил, якдилӣ ва қаҳрамонии халқ иборат аст. Мири Ҳисор Абдулкаримхон ҳокими Дарвоз шоҳ Исмоилро, ки дар золимӣ ном баровардa ва Дарвозу Ғарму Қаротегинро ба ҳукми худ даровардa, боз дасти исёни худро ба дигар музофотҳо дароз мекардааст, мехоҳад бо роҳи танқид ва насиҳат аз исёни истилогарона боз дорад:

*Чу аз роҳи шафқат басе панд дод,*
*Ба рӯяш дари сад насиҳат кушод.*
*Ки шояд, ки бедор гардад зи хоб,*
*Зи гумроҳӣ ояд ба роҳи савоб.*

Аммо панду насиҳат ба ин ҳокими золим таъсир намекунад ва Абдулкаримхон халқро ҷамъ карда, дар мубориза ба муқобили ӯ мебарояд.

*Ба фармудаи подшоҳи замон*
*Шуд омода лашкар зи пиру ҷавон.*
*Ҳама ҷамъ гаштанд хурду бузург,*
*Зи Хатлону Деҳнав, зи тоҷику турк.*

Баъд аз муборизаи бисёре, ки дар он Муҳаммадҳакимбӣ – амаки шоҳ Абдулкарим, сипаҳдор Қосимбӣ, Олимбии камонкаш ва дигарон иштирок доштанд, душманро иҳота мекунанд. Шоҳ Исмоил аз ин ҳашамати мубориза тарсида Оби Гармро дода амон мехоҳад. Лашкарони Абдулкарим аз фикри бади ӯ, ки огаҳ буданд, розӣ намешаванд ва Шоҳ Исмоил роҳи гурезро пеш мегирад. Дар охир Абдулкарим бо лашкаронаш аз ҳеҷ азобу уқубат натарсида, то Тавилдара рафта мерасад ва Шоҳ Исмоил таслим мешавад:

*Зад ин фол бар ҷону тарсаш фитод,*
*Дари узрхоҳӣ бар ӯ пас кушод:*
*Ки «бад кардам, эй шоҳи гетиситон,*
*Амон деҳ ба ҷонам, амон деҳ, амон».*

# ҶАШНИ ПАРӢ ДАР БУЛОҚИ САЙИДОН

Бо ташаббуси ҳукумати ноҳияи Ҳисор 17 майи соли 2000 дар деҳаи Булоқисайидон 220-солагии шоири шӯҳратманд, «Маликушшуаро»-и сарзамини Бухорои Шарқӣ Муллораҷаб Парии Ҳисорӣ таҷлил гардид. Ба ин ҷашни бошукӯҳу хотирнишин аз пойтахт адибони шинохта ва бисёр намояндагони расонаҳои хабарӣ, вазорату идораҳо даъват шуданд.

Базми бошукӯҳ дар мактаби асосии деҳаи Булоқисайидон баргузор гардид. Ба андозае одам ҷамъ шуда буд, ки ба қавле ҷои сӯзан афтидан набуд... Ғайр аз ин дар назди ҳавлии мактаб боғи себу зардолу ва ангурзор воқеъ буда, зери сояи дарахтони боғ даҳҳо нафар тамошобин менишаст.

Базмро раиси деҳшӯрои Алмосӣ Достӣ Ҳоҷиев ҳусни ифтитоҳ бахшида, риштаи суханро ба олими муҳаққиқ Саидмуроди Эшзода дод. Ӯ мухтасар дар бораи аҳвол ва ашъори Парӣ маълумот дод.

Як чиз ҷолиб аст, ки то он рӯз мардуми деҳот аз шукӯҳу шаҳомати ҳамдиёрашон Маликушшуаро Парии Ҳисорӣ қариб ки намедонистанд, ағлаб танҳо номашро медонистанду бас.

Чун олимону адибони ҳузурдошта як-як баромада, паҳлӯҳои эҷодиёт, қудрату шӯҳрати Париро бо далелҳои мӯътамад ва бо баровардани маъхазҳо мегуфтанд, қариб ҳама мутаҳаййирона ба рӯи якдигар менигаристанд. Ҳангоми сӯҳбат касе лом намегуфту ҳама гӯшу ҳуш шуда, сухани нотиқонро мешуниданд ва аз авзоашон маълум буд, ки аз он басо шоду мамнунанд ва аз чунин шоирашон ифтихор доранд.

Базм бо суруду навои ҳофизони номии Ҳисорӣ ҳусни тоза гирифт. Эшон аз ашъори Парӣ ғазалҳои синахурӯшро суруда, сазовори эҳтиром ва кафкӯбиҳои бардавоми тамошобинон гардиданд.

Як зумра духтарону писарон – шогирдони мактаби деҳа ғазалҳои Париро аз ёд хонда, таҳсинҳо шуниданд.

Дар охир намояндагони ҳукумати ноҳияи Ҳисор, роҳбарони хоҷагӣ ва деҳшӯро, директори мактаб баромада арзи сипос ва эҳтиром намуданд. Қарор дода шуд, ки ҳар сол 25 май рӯзи Парихонӣ (яъне қироати ашъор ва ёдбуди шоир) гузаронида шавад.

Ногуфта намонад, ки дар маҷлис номи олимоне, ки дар ҷустуҷӯ ва дарёфти осори Парӣ саҳм гузоштаанд ва ё ғамхорӣ зоҳир кардаанд, аз қабили академик Аҳрор Мухторов, Амирбек Ҳабибзода, Носирҷон Маъсумӣ ва дигарон ба некӣ ёд карда шуд...

*Таҳияи Собири Шоҳонӣ,*
*ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»*
*аз 23 июни с. 2000.*

## МУНДАРИҶА

*Саидмурод Эшзода.* Парии Ҳисорӣ ва мероси адабии ӯ...... 3

Ғазалиёт ............................................................................ 24

Мухаммасот ......................................................................106

Таърих ...............................................................................118

Достони «Зафарнома» .......................................................122

*Собири Шоҳонӣ.*
Парӣ ва шӯҳрати адабиёти Ҳисори Шодмон....................133

*Собири Шоҳонӣ.*
Бозёфти муҳаққиқони Парии Ҳисорӣ..............................144

*Амирбек Ҳабибзода.* Парӣ...............................................151

*Муҳаббат Ҷалилова.*
Чанд сухан доир ба Парӣ ва ашъори ӯ ............................164

Ҷашни Парӣ дар Булоқисайидон.....................................173

**Парии Ҳисорӣ**

**АШЪОРИ МУНТАХАБ**

Муҳаррири техникӣ: *Меҳрӣ Саидова*
Мусаҳҳеҳ: *Гурдофарид*
Ҳуруфчин: *Таҳмина*
Саҳифабанд: *Ромиш*

Ба матбаа 11.04.2008 супурда шуд. Ба чопаш 16.04.2008 имзо шуд. Андозаи 84х108 $^1/_{32}$. 11 ҷузъи чопӣ. Коғаз ва чопи офсет. Адади нашр 2000 нусха. Нархаш шартномавӣ.

Нашриёти «Адиб»
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев,17а

Дар чопхонаи «Эр-граф» ба табъ расидааст.